НОЗИРҶОН БОҲИРӢ

# ОТАШИ ОБДОР



Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5
Б-97

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

Б-97 **Нозирҷон Боҳирӣ. Оташи обдор.** Шеърҳо.
– Душанбе, «Адиб», 2010, 184 саҳ.

Ҳаводорони шеъри шоири шинохтаи тоҷик Нозирҷон Боҳирӣ дер боз бо ӯ ошноанд. Дар ин маҷмӯа шеърҳои аз мушоҳидаҳои нозук рӯида ва ошиқонаҳои самимии шоир гирд омадаанд. Умедворем, китоби ашъори рӯи дасти Шумо, хонандагони азиз, дар тарбияи завқи солиму гироятон асари зебое хоҳад гузошт.

ISBN 978-99947-64-95-2

© Нозирҷон Боҳирӣ, 2010

## ВИҚОРИ ШЕЪР

Нозирҷон Боҳирӣ дар силки он шоирони муосири тоҷик қарор дорад, ки фаъолияти адабиашонро аз охири солҳои 60-уми асри гузашта оғоз ниҳодаанд. Номбурда низ мисли ҳамсафони худ ҳам ҳаёти даврони шӯравию сотсиализми мутараққӣ ва ҳам падидаҳои бозсозию таҳаввулоти замони истиқлоли Тоҷикистонро нек мушоҳида намуда ва дар ҳарду марҳилаи таърихӣ ба эҷоди шеър машғул шудааст. Агар ба эҷодиёти ин шоир назари умумӣ афканем, метавонем онро дар ду муҳити аз ҳар нигоҳ бо ҳам фарқнок бубинем: яке фаъолияти шоирии ӯ дар Тоҷикистону баъзе шаҳрҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигаре, эҷодгарии ӯ дар дурӣ аз домони Ватан – дар Афғонистон. Шоирии Н.Боҳирӣ дар иҳотаи ҳарду муҳит то андозае мутафовит аст ва дар бораи он поинтар сухан хоҳем гуфт.

Нозирҷон Боҳирӣ ҳанӯз аз солҳои донишҷӯияш бо меҳри саршор машқи шеър мекард. Ӯ аз ҳамон вақтҳо ба ин тараф дар ҷодаи навини шеъру адаби тоҷик қадамҳои устувор гузошта ба худ пайраҳа ҳамвор карда меояд. Чун шоирӣ ғайр аз қариҳаи фитрӣ боз асос ва заминаи таҷрибӣ ҳам мехоҳад, табиист, ки малакаи раҳкушоиву раҳнавардӣ дар ин кӯй ба ӯ тадриҷӣ даст додааст. Махсусан, кор ба муддати тӯлонӣ дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳозира «Анбоз») ва баъдтар дар маҷаллаи «Машъал» (ҳозира «Истиқбол») барояш ҳамчун кӯраи обутоб омада боиси камоли маҳораташ дар ин пеша гардидааст. Чунин зуҳурот ва сухансароии вижааш мӯҷиби он шуда, ки ӯ дар соли 1990 расман ба ҷамъияти шоирон пазируфта гардад. Алҳол ӯ ба ҳайси шоири тавонои ғиногӯ дар байни хонандагон маъруфият дорад. Вале чунин маълум мешавад, ки вай дар қиёс бо ҳаммаслакони насли худаш ҳаҷман камтар самар овардааст.

Ӯ шоирест, ки дар коргоҳи шоирии ғазалсароёни бузурги аҳди классикии адабиётамон шогирдӣ дорад, бо анъаноти дерини ғазалсароии аҷдодӣ ошност. Ҳамин аст ки дар ашъораш образҳои суннатии шамъу парвона, гулу булбул, офтобу соя, сорбону корвон ва ғайра низ ба чашм мехӯранд, вале онҳоро шоир дар пироябандиҳои нав ва маъниҳои нав ба ҷилва меорад. Муҳим он аст, ки дар кори эҷод эҳсоси масъулияти азим дорад, биноан гуфтааст:

*Тавон гуфтан ба номи шеър ҳар шаб назмаке, Нозир,*
*Вале аз таъни рӯҳи Ҳофизу Аттор метарсам.*

Бинобар ин мисли баъзеҳо китобҳои бисёру захим надорад. То имрӯз се маҷмӯаи ашъораш – «Андеша» (1975), «Талош» (1990) ва «Қулла» (2003) ба дасти хонанда расидаасту хуш истиқбол шудааст.

Онҳое, ки Нозирҷон Боҳириро аз наздик мешиносанд, медонанд, ки ӯ шоирест бо шахсияти комили фарҳангӣ. Ӯ ба ҳар падидаву рӯйдоди зиндагӣ фикри шахсии худро дорад. Гарчи табиаташ туғёнӣ нест, кам воқеъ мешавад, ки фикри касеро зуд тасдиқу таҳсин намояд. Барои қабули ҳар иддао далелу бурҳон металабад. Андешаву хулосаҳои худро низ ҳатман рӯйи асноди маҳкам устувор мегардонад. Аммо шӯхмиҷозу ҳозирҷавоб, озоду озода, базлагӯву маҳфилоро ва дар муҳовара беҳамтост. Чунин шеваи бархӯрду амалкард ва хисоли наҷибаш бар эҷоди адабиаш бетаъсир намондааст.

Тавре ки пештар гуфтем Н.Боҳирӣ шоири лирик аст ва каломаш дар ғазал устувории бештар дорад. Дар ашъори ғиноии ӯ низ мисли шеъри соири шуарои давраи мазкур мавзӯъ ва мазмунҳои ишқии маҳрамона, шукру шикоят, дар худ фурӯравӣ, тарғиби ахлоқи ҳасана, тасвири зебоиҳои табиат ва ғайра бартарӣ доранд. Шоир дар ҳамаи ашъораш хонандаро ба масъалаҳои мақсади зиндагӣ, муаммову розҳои рӯзгор, талошҳо барои амалӣ сохтани ормонҳои иҷтимоию инфиродӣ, парвариши

меҳру садоқат, некӣ, шинохти зебоиҳо, маънан беҳ шудан ва амсоли инҳо маътуф медорад. Ин чизҳо дар сурудаҳои шоири мо бо як навъ завқу ҳарорати хос ифода шудаанд. Мутаассифона, ҷанбаҳои ғоявию эстетикӣ ва ҳунари шоирии мавсуф то ҳол махсус таҳқиқ нашудааст. Агар ин амр сурат бигирад, ба масобаи як ҷузъи адабиёти ҳозираи мо барои арзёбии илмии назми давраи мавриди назар судманд хоҳад буд. Чунин корро барои оянда мегузорем ва ин ҷо фақат дар маҷоли муқаддима чанд фикри парешонро иброз менамоем.

Барои шоир аввалтар аз ҳама замону макone, ки ӯ дар иҳотаи он шеър мегӯяд хеле муҳим мебошад. Аз ин ҷиҳат мебинем, ки Н.Боҳирӣ аксари шеърҳои худро, тавре ишора рафт, дар Тоҷикистон ва баъзе навоҳии Иттиҳоди Шӯравӣ ба зуҳур овардааст. Пас, шароити асосан ягонаи зист, умумияти одамони як кишвари бузург бо номи Иттиҳоди Шӯравӣ ва мафкураи ҳокими он, ҳамчунин талаботи эстетикии ҷорӣ дар баробари маҳсули адабӣ бар эҷодиёти шоир хеле муассир омадааст. Биноан муҳол мебуда, ки дар чунин муҳит шоире аз нигоҳи мавзӯву мундариҷа ва равишу усули эҷодӣ шеъри комилан нав эҷод намояд. Нозирҷон Боҳирӣ низ аз пайи ҳамин қофилаи бузурги адабӣ буду ҳаст ва аз рӯи равиши реализми воқеъбинона, ки асли он устувор ба мушоҳидаву дидан аст, қаламкашӣ кардаву мекунад. Ва ӯро берун аз маҷрои умумии адабӣ нишон додан иштибоҳе хоҳад буд.

Бо вуҷуди инҳо Н.Боҳирӣ дар раванди шеъри муосири тоҷик чеҳраи эҷодии худро дорад. Он чизе ки дар эҷодиёти ӯ зуд ба чашм мерасад, мушаххасбаёнӣ аст. Ҳар шеъри ӯ таҷассуми ҳолату рӯҳияи конкретии шоир нисбат ба воқеа ва объектҳои мушаххаси олами атроф мебошад. Инро мо дар аксари ғазалҳояш ва бархе аз ашъори дигараш, ки ҳар яке унвони хос доранд ва аз бандҳои чор ё панҷмисраӣ иборатанд, дида метавонем. Аз ҷумла, шеърҳои «Изтироб», «Базмгоҳи чашм», «Моҳии зарин», «Пиндошт», «Оташ дар об», «Шукрона», «Осиёбон»,

«Бахти падар», «Тифл» ва ғайра, ки дар ин маҷмӯа ҳастанд, бо мушаххасии тасвир ва образнокии худ фарқ мекунанд. Диди хоси шоир дар он ифода меёбад, ки ӯ аз ҳар ҷузъи кулли табиат ва ҳаёт: гулу гиёҳ, ниҳолу дарахт, кӯҳу саҳро, кӯлу дарё, парандаву чаранда ва ҳар хисолу рафтори тифлакону бузургсолон ибрат мегирад, бо чашми дили шоиронаи худ розҳои нуҳуфтаро мебинад ва дар сурати бадеъ ба тасвир мегирад. Чунончи, дар шеъри «Парии обӣ» ҳангоми шаби маҳтобӣ намуди сархаму сокити маҷнунбеди лаби кӯлро, ки як падидаи мушаххасест, мамлу бо хаёли шоирона зиндаву муассир тасвир намудааст. Дар ин шеър шоир маҷнунбедро ба парии обӣ ё гулдухтари чилкокуле ҳини саршӯӣ, ё духтараки баҳри об назди кӯл омадаву ҳалқаашро ба он афтонида ва бар асари он ҳайрону парешон нишаста ва ё ба наварӯсаки шаби пеш аз тӯй бори охирин назди кӯл омада ҳусни дӯшизагиашро рӯйи об тамошокунанда ва азояндаи худ фолгиранда монанд кардааст, ки тасвирҳо ҳама конкрет ва хеле ҷаззобу такондиҳанда мебошанд.

*Аҷабо, ин чӣ суробест намоён аз дур,*
*Дар бари кӯҳ, лаби кӯл, шаби маҳтобӣ.*
*Сар хаму зулф парешону ҳамоил бар об.*
*Ё бурун омада аз об парии обӣ?*

*Ё ки гулдухтари чилкокули кӯҳистонӣ*
*Шона бар мӯ зада бо ҳавсала сар мешӯяд?*
*Дилбари дилшудае ё ки хамӯшона ба об*
*Андар ин хилвати шаб рози ниҳон мегӯяд?*

*Ё ки бо кӯза дами об гирифтан аз кӯл,*
*Ногаҳон духтараке ҳалқаи худ афтондаст?*
*З-ин сабаб сархаму хомӯш ба қаъри дили кӯл*
*Дидаи ҳасрату ғам дӯхта ҳайрон мондаст?*

*Ё ки биншаста лаби об шаби пеш аз тӯй*
*Наварӯсе ба сар андешаи фардо дорад,*

*Охирин бор аз оинаи даври тифлӣ*
*Ҳусни дӯшизагии хеш тамошо дорад?*

*Не, лаби кӯл, канори дара маҷнунбеде*
*Ҳамчу зебосанаме бо сари хам истодаст.*
*Шохаҳояш ба назар мӯйи маҳинбофтаест,*
*Акси он ҳамчу дар оина ба об афтодаст.*

Дар ин шеър аз санъатҳои тааҷҷуб, таҷоҳули ориф, муболиға, ташбеҳу ташхис истифода шудааст ва шоир миёни хаёли худ ва падидаи табиат иртиботеро дарёфта бад-ин васила объекти тасвирашро кашф кардааст. Адои шоирона бар он боис шуда, ки чизи бударо аз он чи ҳаст зеботар, нерӯмандтар ва пуррангтару серҷилотар ба ҷилва орад. Ҳунари шоир дар ҳамин гуна қувваи махайяла мебошад, ки онро тасаллути шоирона бар ашё меноманд. Ҳамин нерӯи офарандагист, ки шоир ба маҷнунбед ҳусни инсонӣ ато намудааст ва онро чун яке аз муҷассамаҳои олами зебоӣ ва дорои розҳои зиёди одамӣ ба намоиш гузоштааст. Мутолиаи ин гуна шеър дили касро ба ҷунбиш оварда ба андеша мебарад ва ҳамзамон ҳисси зебоишиносиашро бармеангезад. Аз вазифаҳои асосии шеъри асил ҳам ҳамин аст, ки гуфтем.

Шеъри ба модар бахшидаи шоир, ки бо радифи «бӯйи модар мекунад» суруда шудааст, низ қобили мутолиа ва тааммул аст:

*Ошдону суфраву хон бӯйи модар мекунад,*
*Бистару болину таҳмон бӯйи модар мекунад.*
*Остоне нест волотар зи даргоҳи падар*
*З-он ки ҳар як колаи он бӯйи модар мекунад.*
*Дастпухти модарам буд нони аввал хӯрдаам,*
*Баъди он ҳар ҷо ба ман нон бӯйи модар мекунад.*

Шеъри мазкур дар модарномаи адабиёти тоҷик аз чанд ҷиҳат мақоми хос дорад. Қаҳрамони ғиноии ин шеър чун дар дигар шеърҳои ба ҳамин мавзӯъ бахшидаи

соири шоирон як навҷавони содадиле нест, балки марди баркамоли пурандеша ва талхиву ширинињои ҳаёт чашида аст. Шоир ин ҷо аз таҷрибаи зиндагии худ натиҷагирӣ мекунад. Ин шеър, ки дар шакли ғазал суруда шудааст, аз нигоҳи бандубаст низ мушаххасоти худро дорад. Аввалан, ҳар як байт истиқлоли маъноӣ дошта як мазмуни тамомро ифода мекунад. Аз сӯйи дигар, миёни абёт робитаи нозуки мантиқӣ равшан ҳис мешавад. Чунин устухонбандии ғазалро мусалсал меноманд ва он ҷиҳати ибрози маъниҳои васеъ дар лафзи андак мусоидат менамояд. Ҳамин аст, ки колоҳои модар бо даргоҳи падар алоқаманд дониста шудааст ва ахиран ҳар чизе ки ба модар иртибот дорад, аз ҷумла ҷисму ҷони шоир ва расму оину урфи миллии тоҷикон ба Ватан – ба Тоҷикистон сахт пайванду марбут қаламдод шудааст. Дар шеъри мазкур чун дар дигар шеърҳои шоир эҳсосу андеша ва самимият мавҷ мезанад. Махсусан, баёни шоир вазну солории сангине дошта гӯяндаашро чун шоири пуртавони мазмунсоз нишон медиҳад.

Аз хусусиятҳои боризи дигари ашъори Нозирҷон Боҳирӣ он аст, ки як қисмати назарраси онҳо ба мавзӯи ватанхоҳиву меҳанпарастӣ бахшида шудаанд. Шоир чунин шеърҳояшро ҳангоми иқомати дарозмуддаташ дар Афғонистон, ки он ҷо маъмурияти тарҷумонӣ дошт, эҷод кардааст. Азбаски он ҳангом ӯ дур аз ватан ва он ҳам дар кишваре аз нигоҳи амн махуф қарор дошт, барояш ҷиҳати баёни эҳсосоти воқеъан ватандӯстона вазъи мувофиқ ба вуҷуд омада буд.. Аз афташ, ғами дурӣ аз ватан (настальгия) гӯяндаро бо тамоми маънияш иҳота карда буд. Ба иборати дигар ҳолу қол ба ҳам тавофуқ ҳосил карда буданд. Яъне вазъи ҳоли воқеии шоир завқу андешаашро ҷиҳати гуфтани ашъори ватандӯстона бармеангехт. Биноан, ӯ он ҷо бузургию иқтидори ватан, бунёдкории халқи худ, одобу анъаноти неки мардуми хешро бо ҳаяҷону изтироби бештар эҳсосу идрок мекард. Чунончи, дар яке аз шеърҳояш, ки «Ватан чист?» ном дорад, маънои ватанро чунин эзоҳ кардааст:

*Ватан чист, ин муаммо аз каси дур аз ватан пурс,*
*Мақоми тан зи ҷони рафта берун аз бадан пурс,*
*Чӣ қимат дорад оне, ки хиёнат бар ватан кард?*
*Рав аз радди Ватан пурс, аз сари маҳруми тан пурс.*
*Ҳаёту давлати дунё ба фарди беватан чист?*
*Зи бойи беватан пурс, аз майити дар кафан пурс.*
*Мақоми беватан дар мулки бегона чӣ сон аст?*
*Зи буму лошахорон пурс, аз зоғу заған пурс.*
*Чиро монад ба хоки ғайр озодиву зевар?*
*Зи бандиҳои дасту пойу гардан дар расан пурс.*
*Агар ҳифзи ватан бояд, чиро бояд сипар кард?*
*Зи мушту нохуну дандони ман, аз ҷони ман пурс.*

Ғазали мазбурро метавон яке аз беҳтарин шеърҳои мазмуни баланди ватандӯстона доштаи адабиёти муосири тоҷик донист. Он чи аз ҷиҳати ғоявӣ ва чи аз ҷиҳати шаклу бадеият ҷалби таваҷҷӯҳ мекунад. Дар он рӯҳияи баланди шаҳрвандии қаҳрамони ғиноӣ маҳсус мебошад. Маълум мешавад, ки меҳри ватан рӯҳу равон, пӯсту устухон, рагу пай ва тамоми вуҷуди шоирро фаро гирифтааст. Ин ҷо отифаву эҳсоси улвии шоир бағоят ростину воқеӣ ва пуршукӯҳу сӯзон ифода шудаанд. Аз хилоли ин гуна шеърҳо ватандоре зоҳир мешавад, ки шахсияташ ташаккулёфта, азму иродааш матин ва ҷӯяндаву созанда аст.

Ҳунари баёну тасвири Н.Боҳирӣ дар шеъри дигари ватандӯстонааш бо номи «Гар ту наӣ, ман нестам» боз ҳам возеҳтар ба чашм мерасад:

*Гарчи зи ту дурам, ватан, ман бо туям, ту бо manӣ,*
*Гар ту наӣ, ман нестам, ман шӯълаам, ту гулханӣ.*
*Аз худ раҳо кардӣ маро, то оламе равшан шавад,*
*Эй офтоби бахти кул, ман нуру ту нурафканӣ…*
*Дар хидматат сӯзансифат баски ба сар ҳастам равон,*
*Гул руста ҳар ҷо аз пайам чун нақши рӯйи сӯзанӣ…*
*Аз чашмаи меҳрат, Ватан, чун хӯрдаам оби ҳаёт,*
*Аз тиру теғам бок не, дигар ману рӯинтанӣ.*

Дар шеъри фавқ соҳибватан ба шӯъла ва ватан ба гулхан ташбеҳ шудааст. Шоир ҳар ҷо ки равад, шӯълае аз гулхан ё нуреро аз нурафкан мебарад ва зулмотро равшанӣ мебахшад. Бад-ин тартиб, қаҳрамони шеър ҷузъ ва ватан кулл буда, ҳарду ба ҳам тавъаманд, зеро шӯъла бидуни гулхан ва нур бе нурафкан вуҷуд дошта наметавонад. Дар хидмати ватан ба сар рафтани қаҳрамони ғиноӣ молики ду маънист: яке сарбози ватан будан, дигаре дар иҷрои фармони ватан ҷон ба гарав ниҳодан. Ҳамин амалҳо ба ҳаракати сӯзани рӯйи сӯзанӣ раванда монанд карда шудааст, ки ташбеҳи тоза ва шоирона аст. Ғазали мазкур як асари мукаммали адабист ва фикри шоир бо чунин мақтаъ ҷамъбаст шудааст:

*Ҷон гар фидо шуд дар раҳат,*
*набвад ватан ҷонам дареғ,*
*Бе ман накоҳад ҳусни ту, ман як гулам ту гулшанӣ.*

Аз ашъори ватанхоҳонаи шоир садои виҷдони ӯ ба гӯши дил мерасад, ки хеле содиқона ва илқокунанда мебошад.

Соири ашъори ба мавзӯи ватан бахшидаи Н.Боҳирӣ аз қабили «Эй Ватан», «Ватан», «Бахти ҷовидон», «Бӯйи Ватан», «Ватан, ман бо ту ҳар чизам» ва ғайра шеърҳои комили пурмазмунанд. Онҳо бо паёму баёни мукаммали бадеии худ ҳар касеро, ки соҳиби завқеву табъеву ҳиссе бошад тасхир мекунанд. Дар иртиботи ин гуна шеърҳои афғонистонии Н.Боҳирӣ гуфтании дигар ин аст, ки дар онҳо муқоиса ва муқобилгузории ду сохт, намоиши ихтилофоти иҷтимоию фарҳангии ду кишвар, ду тарзи зиндагӣ, чунонки дар шеърҳои А.Лоҳутиву М.Турсунзода ва дигар устодони сухан ҳаст, ба назар намерасад. Дарёфти сабаби чунин ҳолат чандон душвор нест ва он ин аст, ки ҷомеаи Афғонистон дар солҳои 80-ум сарфи назар аз қафомондагии шадиди иҷтимоиву иқтисодӣ аз нигоҳи мафкуравӣ расман ба истиқболи сохти шӯравӣ мерафт ва ё мехост ба он қаробат пайдо ку-

над. Арзиши ғоявии ашъори ватандӯстонаи Н.Боҳирӣ дар чизи дигар – дар баёни ростини хоҳишу матлабҳои шоир ва самимияти ҳаракати эҳсосоташ мебошанд. Равшан ва қатъӣ ба назар мерасад, ки «ман»-и шоир «ман»-и иҷтимоӣ ва ҳатто умумибашарӣ аст, зеро он муродифи «мо» аст. Ва отифаи ин гуна «ман» дар ҳамаи ашъори ватандӯстонаи шоир шукуфон аст.

Нуктае, ки ба сабки баёни шоир гиреҳ мехӯрад, ин бофти ҳунарии сухани шоир аст. Аз ин ҷиҳатҳо дар кулли ашъори Н.Боҳирӣ таҳаррукии (динамизми) тасвиру баён ва шиддати баланди эҳсос дар мақоми аввал аст. Хосса дар ашъори ватандӯстонаи ӯ ба иқтизои мавзӯъ ва мӯҳтавои шеърҳо ин хусусиёт қавитаранд. Ҳолати мазкурро аносири овоӣ ва луғавии ашъори шоир ба вуҷуд овардаанд. Чунончи, дар нутқи шоир садонокҳои кӯтоҳ ва ҳамсадоҳои ҷарангдор зиёдтар ба кор рафтаанд. Бештари калимаҳои ин гуна шеърҳо аз як ҳиҷо то се ҳиҷоро ташкил медиҳанд. Калимаҳои чорҳиҷоию панҷҳиҷоӣ ба нудрат истифода шудаанд. Гузашта аз ин, дар ин маҷмӯа, ки ҳудуди шаст ғазал ҷойгиранд, навад дарсади онҳо мураддафанд. Ҳамаи радифҳо, ба ҷуз дар се-чор ғазал, феъл ҳастанд ва аксарашон феълҳои сохтаю таркибӣ. Ағлаби калимаҳои қофияи шеърҳои ғайриғазал низ иборат аз феъланд. Дар миёни пероязҳои адабӣ иштироки тазод бартарӣ дорад. Қоидатан аз тазод ҳам мақсад эҷоди ҳаракат аст. Далелҳои номбаршуда боиси тақвияти шаклу мазмуни шеър ва драматизми пуршиддати лирикаи Н.Боҳирӣ гашта услуби эҷодии ӯро тантанаву шукӯҳ ато намудаанд.

Аз нишонаҳои умдаи сатҳи луғавии сабки шоир истифодаи вофири вожаи тан, номҳои аъзои тан ва ҳар чизи марбути тан амсоли ҷон, сар, қад, дил, ҷигар, хун, сина, дӯш, чашм, гӯш, лаб, забон, даст, по, каф, чанг ва ғайра мебошад. Н.Боҳирӣ дар ҳар шеъраш аз ин калимаҳо чандеро ба кор андохтааст. Чунин ҳолат бо вазъи рӯҳиву равонии шоир ва мавзӯву мундариҷаи ашъораш иртиботи мустаҳкам дорад. Шоир мафҳумҳои

номбурдаро устокорона бо маъно ва мазмунҳои мавриди баёнаш рабте додааст Воқеияти мазкур намоёнгари рӯҳи пурталош ва маниши бовиқори сухансаро мебошад.

Таъкиди он баҷост, ки чунин ҳолат ҳаргиз сохтакорӣ нест, он ба тақозои вазъи рӯҳию равонии шоир ба таври табиӣ буруз карда дар шаклгирӣ ва асолати маъноии шеър нақши муҳим бозидааст. Инро ҳам гӯем, ки дар сухани шоир ҳашву ибҳом ё ихлолу таъқидоти лафзӣ, ки шеърро сакта оварад, қариб дида намешавад. Абёти шоир базарбаву мустаҳкам ва забонаш пурхурӯшу тапанда аст. Бар мабнои ҳамин ҳақиқатҳост, ки хонанда ашъори Нозирҷон Боҳириро бароҳат мутолиа мекунад ва дар қабули ҳиссу фикр на танҳо ба зиддият дучор намешавад, балки эҳсосоти ақлониаш ба ҳаракат омада дар шинохти мардию ростӣ ва дарки ҷилоҳои зебоиҳои ҳаёт ёрӣ мегирад.

Марҳабо ба чаманистони рангини хаёлоти шоир.

*Бадриддин МАҚСУДОВ,*
*доктори илми филология*

# Ш Е Ъ Р Ҳ О

## ВАТАН

Мо шамъи фурӯзону Ватан хонаи шамъ аст,
Андар бари фонуси худ осуда бисӯзем.
Сар то ба сар ин пайкари мо оташу нур аст,
Зулмат напазирем.
Худсӯзию атроффурӯзист фани мо,
То он ки бипоем, бисӯзему фурӯзем.

Шамъе, ки фурӯзанд бурун аз бари фонус,
Дар сайргаҳи бод,
Он дер насӯзад.
Таҳдид кунад бар сари ӯ боди сабукбор,
Ҳар қатраи борон.
Хомӯш шавад зуд,
В-аз сӯзиши яклаҳзаию хирагии нур
Ҷуз домани худ ҷои дигарро нафурӯзад.

Мо бим надорем зи бӯрону зи тӯфон,
Фонуси пур аз мӯъҷизаи мо – сипари мо.
Не шӯълаи мо аз нафаси бод биларзад,
Не шиддати борон хатар орад ба сари мо,
Бебок бисӯзем.

То ҳастии худ мӯй ба мӯ пок насӯзем,
Хомӯш нагардем.

Фонуси гаронмояи пурхосияти мо,
Дар дасти замон гашта кунун машъалаи роҳ.
Наззора намоянд ба он бо ҳавасу меҳр,
Бо дидаи ибрат зи ҳама гӯшаи дунё.

Ҳар мардуми соҳибдили раҳҷӯи зиёхоҳ.
То он ки шавад машъала пурнуртар аз ин,
То шӯълаи он боз равад дуртар аз ин,
То доғ нагирад ба худу хира натобад
Дар чашми баду неки ҷаҳон шишаи фонус,
Бедуд бисӯзем,
Фонус фурӯзем!

## ШУКРОНА

Шукри он ки ҳар саҳар ман зинда мехезам зи хоб,
Бо дили осуда боло мешавам аз ҷои хеш.
Рангҳоро фарқ месозанд чашмонам зи ҳам,
Аз қафои зиндагонӣ меравам бо пои хеш.

Шукри он ки бо тамаъ сар хам намесозам ба кас,
Мекунам пайдо бидуни пуштибонон нони худ.
Якгапу якрӯяму ҳар дам намесозам дигар,
Баҳри суде мазҳаби худ, дини худ, имони худ.

Шукри он ки ҷумла ҳамкорон кунандам эътироф,
Бе вуҷуди мансабеву долларе дар ҷайбе ман.
Ҳурматам созад бидуни қаср кӯшк аҳли маҳал,
Аз самим дил ҳама дар ҳозиру дар ғайби ман.

Шукри он ки дар саропои Ватан бе тарсу бим,
Ҳамчу соҳибхона, озодона мемонам қадам.
Бо умеди толибони шеъри волову асил,
Заргаросо мӯшикофӣ карда меронам қалам.

Шукри он ки баъди рӯзи заҳмати ҳаққу ҳалол
Медароям бо дили пур ҳар шабе бар рахти хоб.
Бо умеди он ки фардо мекушоям боз чашм,
Бар сари ман боз аз нав медурахшад офтоб.

# ОЗОДӢ

Яке субҳи зимистон буд.
Ҳаво сарду замин сар то ба по бо барф пӯшида.
Фақат пайроҳа буд бебарф.
Варо фарроши некӯхислате мерӯфт.
Ва ин пайроҳаи яхбаста, ки дар дида чун алмос мерахшид,
Ба сони пайкари урёни симинпайкаре метофт,
Ки ними хешро аз бистари испед берун карда мехобид.
Равон буд пирамарде аз бари пайроҳаи лағжонаку пояш
Чу симобе ба рӯи лаълии ҳамвор мелағжид.
Зи бими уфтодан аз замин ӯ сар намебардошт.
Назар бар пеш кардан ин дамаш амри маҳоле буд,
Ду чашм аз пеши пои хеш ноканда,
Қадам тарсидаву duздона мезад ӯ.
Агар пое хато монад, яқин аз пой меафтид.
Аз он ҷо хонааш наздик буд, чандин қадам раҳ буд,
Вале чун буд по озод мондан берун аз имкон,
Ба ӯ, чун роҳи Макка бар мусулмонони даври пеш,
Раҳи манзил басе дуру дарозу пурхатар метофт.
Агарчи пирамард оҳиста ҳар дам пештар мерафт,
Вале метофт раҳ чун лаҳзаҳои интизорӣ баски тӯлонӣ,
Гумон мекард, як ҷо мезанад почак ва чун гирдоб
Ба гирди хеш гардонаст соатҳою лек аз ҷо намеҷунбад...
Расид ӯ оқибат бо сад азобе зери айвонаш,
Сари худ бо дили осудаю бебок боло кард,
Назар афканд бар атрофу сӯи осмони соф,
Кашид оҳи сабуку худ ба худ гуфто ба зери лаб:
Чӣ хушбахтист дар олам
Нафас осуда бигрифтан,
Қадам дар роҳҳои зиндагӣ бебок бинҳодан.
Зиҳӣ озодӣ, озодӣ!
Зиҳӣ озодӣ, озодӣ!

## ЗАМИНИ МАН

Замини ман, Замини ман –
        Ба ҷону дил қарини ман
Даме арзи маро бишнав,
        Зи мақсуди ман огаҳ шав,
Чу ман фардо кунам парвоз
        Бар сӯи маҳи пурроз.
Магӯ, ранҷида рафт аз ман,
        Гунохе дида рафт аз ман.
Зи ман рӯ тофт якумрӣ,
        Маро партофт якумрӣ.
Манам фарзанди ту модар,
        Ту додиям, ту, болу пар,
Парам то бар маҳи дилҷӯ,
        Чаро пас тобам аз ту рӯ,
Зи ту дурӣ – ғарибиро,
        Зи файзат бенасибиро,
Нафас бе ту кашиданро,
        Ҳаёту умр диданро,
Кай охир мепарастам ман,
        Чу фарзанди ту ҳастам ман.
Фақат з-ин рӯ парам бар маҳ.
        Ки номи ту барам бар маҳ,
Ҳамехоҳам шавӣ машҳур,
        Дар он сайёраҳои дур,
Агарчи Моҳ Маҳ бошад
        Ба даҳр арчи зиё пошад,
Қасам бар номи поки ту,
        Намегирам ба хоки ту.
Чу аз сирраш шавам огаҳ
        Намемонам дигар бо маҳ.

Ба сӯят боз баргардам,
Ба фатҳу бо зафар гардам,
Ҳаёти Олам астӣ ту,
Макони Одам астӣ ту.
Замини ман, Замини ман, –
Ба ҷону дил қарини ман,
Ту медонӣ чӣ дар олам
Фузудат қадр бар Одам?
Магар лаъли Бадахшонат?
Ва ё ганҷи фаровонат?
Магар симу зари туст он!
На! Чизи дигари туст он, –
Фақат бас хоки ту хок аст.
Қадрат то бар афлок аст,
Агар хоки ту зар мебуд,
Фақат дурру гуҳар мебуд,
На кишту гандуму нон буд,
На меҳнат буд, на инсон буд,
На ин қадри баланди ту,
Ҳаёти дилписанди ту.
Ту то якумр амон бошӣ,
Ҷавону ҷовидон бошӣ,
Саросар то шавӣ гулпӯш,
То гардӣ баҳороғӯш,
Чу як фарзанди ҷоният,
Манам дар посбоният.
Бувад то дар бадан ҷонам,
Намемонам, намемонам,
Ягон кас дар ягон ҷоят,
Ягон вақте мабодоят,
Ки кори ҷанг афрӯзад,
Бари домони ту сӯзад,
Замини ман, Замини ман, –
Ба ҷону дил қарини ман!

## МУКОФОТИ ҲАЁТ

Худ ки ҳаёт аст басе сахтгир,
Ӯст парастори касони далер...
Мақсади неке ба ту пайдо шавад
Зуд бихоҳӣ, ки вай иҷро шавад,
Монеаи зиндагӣ чун кӯҳсор,
Ояду гирад сари роҳат қатор...
Бо ҳамин ар монда ту дар ними роҳ,
Канда умедат кунӣ сад оҳу воҳ,
Қалби ҳаёт оҳану мармар шавад,
Нолаи ту нашнавад он, кар шавад.
Лек агар он кӯҳ ту бишкофта,
Роҳ ба сад ранҷ ба худ ёфта,
Пас қадаме ҳам наниҳода ба пеш,
Пой ниҳӣ ҷониби мақсуди хеш,
Дида ҳаёт ин ҳама рафтори ту,
Азми туву ҷаҳди туву кори ту.
Завқ кунад, баставу қоил шавад,
Нармдилу мушфиқу одил шавад.
Даст диҳад бар туву созиш кунад,
Лутф кунад бар ту, навозиш кунад,
Баъд, диҳад роҳ пас аз имтиҳон
Ин бувад, ин, бар ту мукофоти он.

## ПОСБОН

Кӯҳҳо, ки устувору ҷовидон истодаанд,
Пой андар хоку сар бар осмон истодаанд,
Гӯиё то офате ногаҳ наборад аз само,
Дар бари Модар-Замин чун посбон истодаанд.

## НИДОИ АСР

Даме ки дидаи субҳи саодат боз мегардад,
Даме ки рӯзи фирӯзии нав оғоз мегардад,
Зи марказ Яшти[1] миллӣ бар ҷаҳон ҳамчун нидои бахт
Ба ваҷд оварда оламро танинандоз мегардад.

Нидои ғолибиятҳои халқу кишвараст ин яшт,
Нидои давлати сулҳу адолатпарвараст ин яшт.
Ба халқи мазлуми олам расад ҳамчун садои дӯст,
Ба душман ҳамчу ҳукми қатл даҳшотовар аст ин яшт.

Садои муждаи ҳосилфаровонии деҳқон аст,
Навои нойи чӯпону садои путку сандон аст.
Нидои дӯстии безаволи насли инсон аст.
Садои ин замон асту нидои аҳди Сомон аст.

Нидои рафтагони шӯҳраи офоқгардида –
Паи озодиҳои хоки кишвар хокгардида.
Нидои қалбҳои дар ғами қурбониёни ҷанг
Ҷароҳатхонаю хунобаю садчокгардида,

Дили пуршӯрро ин яшт шӯри тоза мебахшад,
Ба бозувони меҳнатпеша зӯри тоза мебахшад.
Ба роҳи роҳҷӯёни ҳақиқат нур меборад,
Мубориз халқи оламро ғурури тоза мебахшад.

Ҷаҳонро аз мароми мо ҳикоят мекунад ҳар субҳ,
Замонро бар раҳи матлаб ҳидоят мекунад ҳар субҳ
Ба ҳушёрӣ барои ҳифзи фирӯзии имрӯза,
Ба фардои саодатбахш даъват мекунад ҳар субҳ.

---

[1] Яшт – гимн.

## ПОРАИ ВАТАН

Муддате дур аз Ватан будам,
Дил ба хобаш шабе Ватанро дид.
Гашта бедор ҳамчу тифл аз хоб,
Ғам намуд, поча зад, ба худ печид.

Ҳар қадар бар тасаллияш кӯшам,
Гиря карда, «Ватан», «Ватан» мегуфт.
«Сабр кун андаке дигар» гӯям,
«Бас дигар сабр, гап назан» мегуфт.

Ё Худо, соз чорае дигар,
Ин дили ташна, қалби оташро,
К-ин чунин бар Ватан бувад пазмон...
Ногаҳон ёфтам илоҷашро.

Додам оинае ба дасти дил,
Дил дар он акси хештанро дид.
Хандае карду шуд дигар ором,
Чунки як пораи Ватанро дид.

*Кобул, 1982*

## ШЕР

– Ман камаш шашта бизоям ҳар сол, –
Рӯбаҳе омади гап гуфт ба шер. –
Ту фақат якта-дута зоию бас,
Гарчи баргавдаию зӯру далер.

– Ту фузун зоию зойӣ рӯбаҳ, –
Наъра зад ҷониби ӯ шоҳи адир. –
Ман вале, шукри Худо ҳар соле
Кам ҳамезояму мезоям шер!

## ТИФЛ

Тифли ман завқкунон, почазанон хобидаст,
Лелаи майдаҳаки худ ба даҳон бинҳода.
Рӯи парпечи сафедаш ба назокат тобад
Ҳамчу садбарги тари рӯяки барф афтода.

Дар ҳаёт ӯ на гуноҳе, на савобе кардаст,
Не ба кас некӣ намуда, на диле озурдаст.
Не ягон зарра ҳақи хеш ба мардум дода,
Не ягон зарра ҳақи шахси дигарро хӯрдаст.

Бехабар аз баду аз неки ҷаҳон аст ҳанӯз,
Худ ба худ гоҳ ғашу гоҳ табассум бикунад,
Дар ҳамин хандаи тифлонаи худ дар чашмам
Хандаи бахти маро нек таҷассум бикунад.

Дилакаш поку ҳалоласт чу лафзи мардӣ,
Хандаи ӯст самимӣ чу дуои модар.
Гиряаш низ гуворост чу панди пирон,
Дасту почак заданаш – болзании кафтар.

То кунун тифлаки ман лаб ба сухан накшудаст,
Ғофил аз лаззату аз ранҷи забон аст ҳанӯз.
Дар забони суханомӯхт нагардидаи ӯ
Ҳарфҳо накҳати дар ғунча ниҳон аст ҳанӯз.

Гар ягон кор на аз табъи дили ӯ бишавад,
Доду фарёд занад, хона ба сар бардорад.
Эътирозест ҳамин гиряи ӯ ҳам ба ҷаҳон,
Гарчи тифл аст пай матлабаш исён дорад.

Дасти ӯ дур кунам аз лабашу қанд диҳам,
Ғаш кунад, печ хӯрад зуду фиғон бардорад.
Кандам аз даст раҳо кардаву бо завқ зи нав
Лелаи майдаҳаки худ ба даҳон бигзорад.

Гашта-баргашта ба ёд оварадам ӯ бо ин
Панди дерин, ки ба тифлӣ бишунидам зи падар:
Додрастар зи ду дасти ту ба ту нест касе,
Тамъи ангушти худ аз шаҳди касон ширинтар!

## ДАР ТАВАЛЛУДГОҲ

Ай кӯдаки навзод, чаро гиря мекунӣ?
Ай рӯҳаки озод, чаро гиря мекунӣ?
Ай ҷону дили кӯчаки обод,
Ай ҳастии хушрӯяку хушбӯяки ношод,
Он дарди гарон чист?
В-он рози ниҳон чист?
Аз гоми нахуст ин ҳама фарёду фиғон чист?

Ин гиря зи шодист, ки дар батн намурда,
Монанди ҳазорон,
Бо мӯъҷизае зиндаву солим шудӣ тавлид?
Ё гиряи афсӯсу надомат бувад аз он,
К-ин олами ҳайратзадаи бесару сомон
Ҷои хушию қобили тавлид шудан нест?
Ай кӯдаки навзод, чаро гиря мекунӣ?

*1993*

## БО АМРИ ДИЛ

Агар сатре зи ашъорам писанди ёр шуд боре,
Агар зери лаби дилдодагон такрор шуд боре.
Зи шеърам дар диле завқе агар бедор шуд боре,
Зи ман хонанда гар як зарра миннатдор шуд боре,
Ман аз ту сарфароз, эй дил!

Ба гӯши даҳр ҳар ҳарфе, ки мегӯям, садои туст,
Ба бозори адаб ҳар он чӣ меорам, матои туст.
Каломи ман каломи оддӣ не, пораҳои туст,
Баҳои шеъри ман з-ин рӯ баробар бо баҳои туст,
Ман аз ту сарфароз, эй дил!

Бурун аз рои ту коре дар ин олам накардам ҳеҷ,
Ба пеши нокасе сар бо хушомад ҳам накардам ҳеҷ.
Нахандидам дурӯғ аслою чашмам нам накардам ҳеҷ,
Тамаъҷӯӣ дар умрам як сари мӯ ҳам накардам ҳеҷ,
Ман аз ту сарфароз, эй дил!

Агар хандидаам, ҳар бор хандидам зи сидқи дил,
В-агар ранҷидаам аз ёр, ранҷидам зи сидқи дил,
Ба кас варзидаам гар меҳр, варзидам зи сидқи дил,
Ба гоҳи гиря ашк аз дида боридам зи сидқи дил,
Ман аз ту сарфароз, эй дил!

Ба ҳар роҳе, ки мондам пой, бо амри ту мондам ман,
Ҳар он касро, ки хондам дӯст, бо амри ту хондам ман.
Ниҳоле гар шинондам ман, ба амри ту шинондам ман,
Расондам гар ба кас ёрӣ, ба амри ту расондам ман,
Ман аз ту сарфароз, эй дил!

Сияҳро бериё умре сияҳ гуфтам ба амри ту,
Чу осори бадӣ дидам, барошуфтам ба амри ту,
Зи некон некию ибрат пазируфтам ба амри ту,
Ба хотир гарди навмедӣ фитад, рӯфтам ба амри ту,
Ман аз ту сарфароз, эй дил!

Ба амрат то тавонистам ба кас дил дода дил бурдам,
Агар дасте фушурдам, аз камоли меҳр бифшурдам,
Чу ғам хӯрдам, ғами худ не, ғами ғамгиндиле хӯрдам,
Тамоми ҳастии худ бар Ватан, бар халқ биспурдам,
Ман аз ту сарфароз, эй дил!

## АНДЕША

Умр сӣ рӯзи дигар бигзаштаст,
Чун гузаштаст, аз ин бехабарам.
Рӯзи моҳона гирифтан гӯё
Дина буд, динаякак дар назарам.

...Боз моҳона, мана, дар дастам,
Ғарқи андеша ба он менигарам.
Мефишорад дили ман панҷаи ғам,
Мерасад фикри гароне ба сарам.

Музди корам сара аст, он ба тамом,
Бар хароҷоти ҳаётам кофист.
Ҳаргиз ин дам ғаму андешаи ман
Дар сари бешу камии он нест.

Фақат андар ғами онам ҳоло,
Ба пули якмаҳа афканда назар:
Корвон рафту чӣ осоре монд
Дар раҳи худ ба ҷуз ин хокистар.

## ИНҚИЛОБ, ЭЙ ОФТОБ!

То ба кай борону борон, тирагиҳои ҳаво,
То ба кай бошад самои баҳр дар ҳукми саҳоб?
Қудрати худро нишон деҳ, абрҳоро пора кун,
Офтобо, инқилобе! Инқилоб, эй офтоб!

Аз азал, охир, бувад хуршеди Ховар номи ту,
Одати дерини машриқро магар бурдӣ зи ёд?
Меҳмон омад, баро, шодона истиқбол кун,
Бо дили гарму лаби хандону оғӯши кушод.

Маргарита – ин парии бешазори украин,
Аз бари рӯди Днепр бо сад уммед омадаст,
Аз барои обутоби ҷисми нозуктар зи ҷон,
Дар суроғи оби баҳру нури хуршед омадаст.

Аз камоли иштиёқи оббозӣ бар танаш,
Чун қафас бар мурғакон, тангӣ кунад пероҳанаш,
Беқарор аст ӯ, вале борон намегирад қарор,
Чун самои баҳр аз ин рӯ тира табъи равшанаш.

Оҳ, агар медошт ин дил иқтидори офтоб,
Аз замирам канда мебардоштам тори сараш.
Соате то оббозиҳо кунад дар нури дил,
То ҳаловатҳо барад аз гармии дил пайкараш.

Офтобо, ҳамчу соҳибхонаи Шарқи куҳан,
Бар сари ӯ нури тиллоии худ барчош кун.
Қолии заррин бибоф аз нуру аз гармои хеш,
Бар раҳаш андоз, пояндоз зери пош кун.

Оре, ин дӯшизаи пок оббозӣ карданист,
Мон, ки бебокона берун ояд аз пероҳанаш.
Чашмҳои ташнаи зебоию ҳусни расо
Як нафас шодоб гардад аз тамошои танаш.

Мон, лаби баҳри Сиёҳ аз гулбадан гулгун шавад,
Сӯзи сина беш гардад, шӯри сар афзун шавад.
Чун латофат аз тани ӯ, шеъри нав ҷӯшад зи дил,
Сатрҳо чун қомати мавзуни ӯ мавзун шавад.

## ДУОИ ДИЛ

Дӯш дар роҳ яке пири равоне дидам,
Қоматаш буд дуто,
Дошт дар даст асо,
Гӯиё пир наву тиру камоне дидам.
Оҳ, асо бар қади он пир чӣ сон мезебад,
Ончуноне ки ба ҳам тиру камон мезебад...
Худ ба худ завқидам,
В-он гаҳе бишнидам,
Ки дил аз шавқ нидое мекард,
Инчунин нек дуое мекард:
То ки ҷон асту ҳаёт асту ҷаҳон,
Наҷаҳад ҳеҷ гаҳе тир, худоё, зи камон!

## ДАР ФАЗОИ ПОМИР

Тайёра дар фазои нилобии кӯҳсор
Истода менамояду бошаст мепарад.
Ҳамчунин парастуёни сабукболи беқарор
Гоҳе баланд гашта, гаҳе паст мепарад.

Наззора мекунам ҳама раҳ з-авҷи осмон,
Бо шавқи беҳисоб зи тиреза бар замин.
Лабрез мешавад дилам аз ҳисси ифтихор,
Охир, бубин, чӣ манзараву ҳусни дилнишин:

Паҳнои кӯҳсори гулу сабзапӯши ман,
Чун баҳри бекарон бувад аз дур ҷилвагар.
Пасту баланд силсилаи қуллаҳои он,
Чун мавҷҳои баҳр намоянд дар назар.

Аз ёд мебарам, ки ба тайёра ин замон,
Андар фазои Боми Ҷаҳон пеш меравам.
Гӯё миёни баҳраму бо завраке сабук
Рӯ-рӯи мавҷҳои дамон пеш меравам...

## ХУД БА ХУД

Нон агар сӯхтаву хом бувад,
Хӯрда натвонию як сӯ монӣ.
Нонпазӣ шуд магар ин ҳам, гӯён,
Чин ба абрӯ зада даст афшонӣ.

Гар матое нашавад бар ту писанд,
Як назар бинию рӯ гардонӣ.
Ин матояст магар, гуфта ба худ,
Китф дар ҳам кашӣ, даст афшонӣ.

Ва аз он нонпазу он бофанда,
Дасту дил шӯию ихлос канӣ.
Гарчи ҳарфе назанӣ бар рӯшон,
Дар дилат лек яқин таъна занӣ.

Ибрат аз хеш бигиру магузор,
Ки даме шеъри ту мардум хонанд.
Чин ба абрӯ зада хомӯшона
Аз пасат ҳамчу ту даст афшонанд.

## СУХУМИ

Кӯҳ ин ҷо, чашма ин ҷо, баҳр ҳам,
Рӯд ин ҷо, беша ин ҷо, шаҳр ҳам.
Ҳар гулу ҳар меваи боғи ҷаҳон,
Мардумони ҳар канори даҳр ҳам.

Меҳри ҷӯшон, ишқи сӯзон дар бараш,
Мавҷу тӯфон, шӯру исён дар бараш.
Шамси рахшон, моҳи тобон дар сараш,
Бехазон фасли баҳорон дар бараш.

Ҳар кӣ боре дар Сухуми будааст,
Гӯиё кулли ҷаҳонро дидааст.
Панҷ қитъа бо тамоми рангу ҳусн,
Дар бари ин шаҳр хуш ғунҷидааст.

## МЕВАИ БИҲИШТ

Ту ба ман менигарӣ пинҳонӣ,
Ман ба ту менигарам дуздона.
Оре, оре, нигаҳи мо дуздист,
Дузд дар ҳозири соҳибхона.

Ман ба ту доғу ту бар ман, аммо,
Хори ту, эй гули ман, дар бари туст,
Чӣ кунам, қалъаи дарбастаи бахт,
Қуфли воношудании дари туст.

Байни мову ту ҳама як ваҷаб аст,
Дасти ман лек кунад кӯтоҳӣ.
Ман чу сайёдаму ту чун оҳу,
Оҳуи қитъаи мамнӯъгоҳе.

Гар дусад садди Сикандар мебуд,
Мешикастам, ба Худо, дар нафасе.
То ки як лаҳза ба додат бирасам,
То ки як лаҳза ба додам бирасӣ.

Гӯиё расми нигористонӣ,
Диданат ҳаст, вале бурдан нест.
Меваи боғи биҳиштӣ, ки туро,
Дидане ҳаст, вале хӯрдан нест.

Рози ман аз нигаҳам мехонӣ,
Рози ту аз нигаҳат мехонам.
Чорае нест маро, медонӣ,
Чорае нест туро, медонам...

## ҲАМКОРОН

Ҷӯе будам, дарё шудам,
Кунҷе будам, саҳро шудам,
Паҳно шудам, дунё шудам
Ман бо шумо, ёрони ман,
Ҳамкасбу ҳамкорони ман.

Будам дар олам бенишон,
Аз дидаву дилҳо ниҳон,
Ҷӯё шудам, пайдо шудам,
Ман бо шумо, ёрони ман,
Ҳамкасбу ҳамкорони ман.

Чун қиссаи ногуфтае,
Чун муждаи бинҳуфтае,
Иншо шудам, ифшо шудам
Ман бо шумо, ёрони ман,
Ҳамкасбу ҳамкорони ман.

Худ тоқа ангуште будам,
Сахту қавӣ муште шудам.
Танҳо будам, манҳо шудам
Ман бо шумо, ёрони ман,
Ҳамкасбу ҳамкорони ман.

Дар рӯзи шодию ғамам,
Дар рӯзи тӯю мотамам,
Ободу сарболо шудам
Ман бо шумо, ёрони ман,
Ҳамкасбу ҳамкорони ман.

Дамҳои рӯҳозурдагӣ,
Маъюсию дилмурдагӣ,
Исо шудед, эҳё шудам,
Ман бо шумо, ёрони ман,
Ҳамкасбу ҳамкорони ман.

Пай бурда бар бешу камам,
Ворастам аз печу хамам.
Бар қасри худ бино шудам
Ман бо шумо, ёрони ман,
Ҳамкасбу ҳамкорони ман.

Пеши раҳам афрӯхтед,
Расми амал омӯхтед.
Дар пешаам воло шудам
Ман бо шумо, ёрони ман,
Ҳамкасбу ҳамкорони ман.

Ман бешумоён кистам?
Ман бешумоён нестам.
Ҳарчи шудам, танҳо шудам,
Ман бо шумо, ёрони ман,
Ҳамкасбу ҳамкорони ман.

Бозам агар боло парам,
Бар ахтарон совад сарам.
Майдони парвозам шумо,
Болу пари бозам шумо.
Шукри шумо, ёрони ман,
Ҳамкасбу ҳамкорони ман.

**ТАРКИШ**

Онро, ки дами бозӣ
Дар саҳна зи по афтод,
В-онро, ки сари мизаш
Аз сактаи дил ҷон дод;
Онро, ки зи ҷонсерӣ
Худро ба расан овехт,
В-онро, ки ба бӯҳтонҳо
Бар хоки адам омехт,
Не маргу на қисмат кушт,
Савганд ба ҷони ман,
Ман куштаму ту куштӣ,
Ҳамасру замони ман,
Мову ту ба ҳам куштем!
Аз беамалии худ,
Аз бебадалии худ,
Аз беғмиҳои худ,
Ноҳамдамиҳои худ
Печонда ба ғам куштем!
Худ куштаву бо сад сӯз
Фарёд занем имрӯз,
К-ӯ ин буду ӯ он буд,
Алломаи даврон буд,
Нодир буду шоён буд,
Лоиқ ба сад унвон буд!
Аз ин ҳама дурӯӣ,
Аз ин дузабониҳо,
Чун дар нагирифт, оваҳ,
Рӯи ту, забони ман,
Ҳамасру замони ман!
Дар зиндагиҳои ӯ
Мову ту куҷо будем?
Чун соя ба паҳлӯяш,
З-ӯ лек ҷудо будем.

Бемеҳр ба фарди ӯ,
Бефарқ ба дарди ӯ,
Чун кирмаки дар пилла
Дар хеш ба ҷо будем!
Аз бетарафии мо,
Аз ғофилиҳои мо,
Аз сардию лоқайдӣ,
Аз қоҳилиҳои мо,
Бо мо буду бе мо буд,
Бо мо буду танҳо буд.
Дар кашмакашиҳояш
Танҳоӣ кашид охир,
Дар ҳалли муаммояш
Тадбир надид охир...
То сӯхта билкул уд,
Нанмуд вуҷудаш дуд,
Гӯё ки нафаҳмидем
Удаш ба тамизи худ,
Дар зиндагӣ озурдан,
Афшурдану афсурдан,
Ҳуснаш зи назар бурдан,
Ҷурмаш ҳама бишмурдан.
Дар пешу пасаш қасдан
Лаб аз сифаташ бастан,
Бо иллати хомӯшӣ
Додан ба фаромӯшӣ,
Бар ҷавҳари асли кас
Як умр шак овардан,
Чун дар гузарад, з-он пас
Аз банда Худо кардан,
То кай бувsitu то кай,
Ҳамасру замони ман?!
То қадри туро донанд,
Ҳатмист магар мурдан?

Ё фазли касон мамнӯст
Дар зиндагӣ пай бурдан?
Ё зинда дар ин дунё
Арзандаи таҳсин нест?
Шоиста баҳо додан
Бар зинда аз оин нест?
Гар расму русум аст ин,
Воҷиб бувад ин оин
Бар мову ту бишкастан,
Ворастану барҷастан!...
То чанд ҳақиқатро
Инкор кунем охир,
Як бор ба айби худ
Иқрор кунем охир.
Бо оқилиҳои худ
Гаҳ ҷоҳилиҳо дорем,
Бо одилиҳои худ
Гаҳ ботилиҳо дорем.
Бо ин ҳама вусъатҳо
Мову ту басе тангем,
Пинҳони зи ҳама бо ҳам
Умре ҳама дар ҷангем.
Дар дӯстӣ мову ту
Ҳарчанд масал ҳастем,
Гаҳ мо чи ҳамоғӯшем,
Гаҳ санги бағал ҳастем.
Дар ботини худ сардем,
Дар зоҳир агар гармем,
Дар дил дағалу тундем,
Дар дида агар нармем.
Аз рушду камоли ҳам
Дар зоҳир агар шодем,
Дар ботини худ аммо
Аз рашк ба фарёдем.

Сарсабзии ту гӯё
Аз ҳастии ман бошад,
Ноомади ту гӯё
Аз ҳастии ман бошад.
Дар нӯги забон нӯшем,
Дар гӯшаи дил нешем,
Дар аҳд фидои ҳам,
Дар асл пай хешем!
Не Хӯҷаи Хизрастем,
Не устуни дунёем,
Як умри каси хокӣ
Мо беш намепоем.
Чун ҳамнафасу ҳамдам,
То ҳар нафасу ҳар дам,
Дар зиндагиҳои худ,
Огаҳ бишавем аз ҳам,
Як сӯй, биё, монем:
«З-они ту, – азони ман».
Чун оби равон ҷорист
Они тую они ман.
Аз сангу аз оҳан нест
Ҷони тую ҷони ман,
Ҳамасру замони ман,
Ҳамасру замони ман!

## БО ЗАМИН ЗЕБОСТ БАҲР

Ҳамчунон уштурсавори роҳи Саҳрои Кабир
Нарм-нармак мехӯрад алвонҷ киштӣ рӯи об.
Гӯиё гаҳворае дар нуқта меҷунбад, вале
Меравад чун чархи гардун ноаёну бошитоб.

Меравад киштӣ ба сӯи мавҷҳою-мавҷҳо,
Шавқи сайри баҳр аз сар ёди соҳил мебарад,
Соҳили ором мемонад қафо чун баччагӣ,
Ҷастухези мавҷҳо дил мебарад, дил мебарад.

Мекунам наззора бар моҳихӯракҳо бо ҳавас,
Сайр месозанд озодона умре рӯи баҳр.
Кош бошад одамӣ дар баҳр умре дар шино,
Кош гирад кас нафас умре фақат аз бӯи баҳр.

Чашм дар паҳнои баҳру мешавам ғарқи хаёл,
Завқи дил, хушбахтии дил, фахри дил беинтиҳост,
Гӯиё дар олами афсонавӣ афтодаам,
Дил чу Нептун асту киштӣ қасри шоҳи баҳрҳост...

Мешавам берун яке аз олами афсонаҳо,
Аз чӣ бошад, дар танам ҷонам талотум мекунад.
Баҳри хушманзар, ки то ин лаҳзаам дил мерабуд,
Ҳусни худ дар чашми ман якборагӣ гум мекунад.

Ногаҳон дарёфтам, гаштаст соҳил нопадид,
Об пӯшидаст гӯё сар ба сар рӯи Замин.
Аз ягон ҷониб наояд бар машоми ташнаам
Бӯи сабза, бӯи гул, бӯи хазон, бӯи Замин.

Дил чу тифли хуфта гӯё ногаҳон бедор шуд
Дасти нарм, оғӯши гарми модарашро ёд кард.
Дида бикшоду варо дар рӯ ба рӯи худ надид,
Бо нигоҳаш чор сӯро ҷуставу фарёд кард.

Ҷилва кард аз дури дур охир суроби бандаре,
Киштии мо гашта моро сӯи соҳил мебарад.
Боз зебо менамояд дар назар баҳру зи нав
Ҷазтухези мавҷҳо дил мебарад, дил мебарад...

## ДАР ПОЙТАХТИ ТОҶИКИСТОН

Тоқӣ ба сарам дидаву ҳайрон шудаву гуфт,
Як тоҷики дигар:
– Тинҷист? Амонист?
Дар фомилу авлод ягон нохушие нест?
Бар сар ниҳии тоқиат аз чист, бародар?

З-ин ҳайрати бепояву
З-ин пурсиши ноҷояи ӯ,
Бо ҷигари реш,
Гуфтам ба дили хеш:
– Аз тоқии тоҷикӣ бипӯшидани тоҷик
Ҳайрон бишавад тоҷики дигар агар имрӯз,
Ай миллати доро,
Ай уммати воло,
Ай рӯҳи тавоно,
Ай тоҷики аз рӯзи азал шӯҳрати дунё,
Бар ҳоли ту фардо
Афсӯсу сад афсӯс!

## ЭЙ ДИЛ

Ба сони пойи аз дастони ноӣ дур афтода
Бигӯ, то кай хамӯшӣ, эй дил, эй дил?
Ту охир зиндаӣ,
Ҷону забон дорӣ,
Ҷавон астӣ,
Чарой пас чу симоби даруни шиша
бинҳода чунин ором?
Азмат ку?
Талошат ку?
Ҷавонӣ ку?
Чу оби рӯдҳои шӯхоҳанги диёри хеш
Мавҷат ку?
Хурӯшат ку?
Равонӣ ку?
Бас аст акнун,
Бас аст, эй дил.
Суруди сабр хонданҳо,
Чу санги зери дарё
Дар таҳи амвоҷи пуртуғён,
Тамоми умр дар як ҷо
Чунин якранг монданҳо.
Бас аст акнун,
Ки санг аз бурдбории худ асло
зар намегардад.
Ҳунар набвад, дило, дар зиндагӣ
ҳамчун тамошобин

Будан беруни майдон як тараф хомӯш.
Ҳамебояд, ба мисли бузкашон,
Андар талоши бахт дар майдон,
Гаҳе афтону гаҳ хезон,

Ҳамеша гарми дору гир будан,
Ҷон ба каф будан,
Мубориз дар раҳи ному шараф будан.
Ҳаёт – ин хонаи ту.
Соҳиби ин хонадон астӣ,
Вале дар хонаи худ ҳамчу як бегона мегардӣ.
Чу зинда не садо дорӣ,
На ҷое нақши по дорӣ,
Ба дунё баҳри дуздӣ н-омадастӣ,
Пас чаро duздона мегардӣ?

Тақозои ҳаёти даргузар ин аст,
Ки роҳатро дигар созӣ,
Хамӯшиву сабуриро дигар ту пушти сар созӣ,
Садо бидҳӣ,
Зи ҳастии худ оламро хабар созӣ.
Гаҳе оташ шавию бетараҳҳум хору хас сӯзӣ,
Гаҳе обе шавию
Ҳар кучое бемаҳал гар сар занад оташ,
Ба сар тозӣ,
Ба сарвақташ расӣ,
Хомӯш бинмоӣ,
Табиат баҳри инат офаридаст!

## ПОСУХИ САЪВА

– Тайёр ба наздат обу дона,
Гарм аст ҳаво даруни хона.
На хавф зи чанги боз дорӣ,
Не фикри дайи дароз дорӣ.
Хушбахтӣ аз ин намешавад беш,
Пас аз чӣ ба ҷои хониши хеш,
Ҳар сӯи қафас зада сари худ,
Резӣ ба замин ҳаме пари худ?
Охир чӣ намерасад бароят,
З-ин беш чӣ буда муддаоят?
– Бо заҳмати бол дона хӯрдан,
Мурғона ҳаёт дида мурдан.

## ОТАШ ДАР ОБ

Ин чӣ манзар, мавҷ оё дар гирифт,
Баҳр бар худ сурати ахгар гирифт?
Шӯълаи рангини оташ обро
То ба домони уфуқ андар гирифт.

Ҷону дил дар изтироб афтода аст,
Офтоб оё ба об афтодааст?
Рӯи баҳри сокит аснои ғуруб
Акси нури офтоб афтодааст.

## А-ЛО!.. А-ЛО!..

А-ло, алло, а-ло, алло... ин чӣ гап,
Лаб кушо охир, чӣ бераҳмист ин?
Зораам бишнида хомӯшӣ чаро,
А-ло, а-ло, аз адолат нест ин.

Бо ҳазор уммед ман як ҳафта боз
Мезанам зангу намегирам ҷавоб.
Гӯшаки тилфон ба гӯш ин лаҳза ҳам
Бар даҳон бигрифтаӣ гӯё ки об.

Гар зи ман ранҷидаӣ, ранҷат ба ҷон,
Не агар ноз аст, ин, қурбони ноз.
Имтиҳони сидқи ман бошад, ба чашм,
Гӯ фақат, ки ин чӣ хомӯшӣ, чӣ роз?

Гарчи ту дам бар дарун истодаӣ,
Он сӯи сим, нағз медонам, туӣ.
Ман нафасгирии ту ҳис мекунам,
Ин туӣ, ҷонам, туӣ, ҷонам, туӣ.

Хайр, эй лабҳои хомӯши хамӯш,
Хайр, хуш бош, эй сукути бовиқор.
Хайр, алло, хайр то субҳи дигар,
Хайр, алло, бар ту рӯзи бобарор!
*1989*

## ОСИЁБОН

Дар замони баччагиям,
Дар гумони баччагиям,
Сар ба сар гӯё ҷаҳон ғамхона буд.
Марду зан, хурду калон мотамзада,
Ҳар дару ҳар кулба мотамхона буд.
Ҳузн дар ҳар чеҳраву чашму нигоҳ,
Дар лабони хушк ҷои ханда – оҳ,
Бенавоӣ бо ҳама ҳамхона буд.
Ҷанг гӯё аввалу охир надошт,
Гушнагӣ гӯё ки ҷовидона буд,
Зиндагии серу пур афсона буд.

Дегдонҳо беалав буд,
Ҷон барои нон гарав буд.
Аз дуру гавҳар гаронтар дони ҷав буд.
Дастнорас буд нони сери ҳамчун кавкабон,
Орзуманди лаби нон буд лабон рӯзу шабон.

Як каси аз гушнагӣ эмин агар буд,
Як каси аз ошу нон таъмин агар буд,
Як каси беғам,
Дили хуррам агар буд,
Дар гумонам осиёбони гузар буд.
Осиё хушбахтии мо – баччаҳо буд,
Зебу ободии деҳи Подаҷо буд,
Аз саҳар пеши дари он ҷои мо буд.
Чунки медидем он ҷо рӯи орд,
Мешамидем аз ҳавояш бӯи орд.

Бо ҳамин гӯё сабук гардида бори гушнагӣ,
Мешикаст андак хумори гушнагӣ.
Осиёбон дар хаёли ман Худо буд,

Чархи гардун чарху санги осиё буд,
Осиё даргоҳи он буд,
Халқро рӯзирасон буд.
«Ҳар касе дорад ба ӯ аҷзу ниёз,
Гар на ӯ, пас кист, – мегуфтам, – карими корсоз?»
Гоҳ касбу кори ӯро менамудам орзу,
Гоҳ мебурдам ҳасад дар дил ба ӯ:
Давр-даври осиёбон,
Гирду пешаш халта-халта орду дон.
Ҳар қадар хоҳад, кашонад.
Хонааш аз ҳаққи мардум,
Пур бувад шояд зи гандум.
Ҳар гаҳе хоҳад – хӯрад нон,
Осиёбон, осиёбон.
Кош чун ӯ осиёбон мешудам,
Сер аз нон мешудам.

Як саҳар Олим-амак, он осиёбони гузар,
Аз ғубори орд сар то по сафед,
Дар назар чун сурату шакли умед,
З-осиё ошуфтаҳол омад бадар.
Тугмаи чоки гиребонаш кушод,
Як қадам монду таконе хӯрду дар ҷояшситод.
Ҳамчу аскарбаччаҳои тирхӯрда дар набард,
Ногаҳон аз по фитод.
Як нафар аз мӯсафедони гузар,
Дида набзи осиёбони гузар,
Гуфт:
– Ин аз гушнагист,
Чашм бикшояд ҳамин дам, бок нест.
Ҳар маҳе кулли маоши хешро,
Ҳосили ранҷу талоши хешро,
Ихтиёрӣ медиҳад баҳри фронт ин баччамард,
Дина ҳам доду ба худ доне намонд ин баччамард.

То ба аскарҳои мо ёрӣ шавад,
Душманонро зарбаи корӣ шавад.

Осиёбон пеши рӯ чун ҷисми беҷон хоб буд,
Хомӯш буд.
Осиё гардону ӯ аз гушнагӣ мадҳуш буд.

Ман ба он мироби ташна,
Мӯзадӯзи побараҳна;
Ман ба он дасти расо,
Рӯҳи бутун, нафси шикаста,
Бар лаби парсингбаста,
Чашми бар қаъраш нишаста,
Чеҳраи беҳолу хаста
Бо надомат чашми диққат дӯхтам.
Аз хаёли ботили худ,
Бадгумонии дили худ
Бори аввал дар табу тоби хиҷолат сӯхтам.
Ғофил аз худ сӯхтан омӯхтам.

Ҷанг охир гашту охир шуд азоби гушнагӣ,
Шуд зи хотирҳо чу хобе гушнагӣ.
Зиндагонӣ серу пур шуд, оламу одам дигар,
Орзуи осиёбонӣ бирафт аз ёди ман,
Монд аммо ҷовидон дар мактаби одамгарӣ
Осиёбони гузар чун аввалин устоди ман.

## БАҲР

Баҳр, эй оинаи хуршеди моҳ,
Бо ниёзе аз раҳи дур омадам.
Ман ба даргоҳи ту чун ҳоҷӣ ба ҳаҷ
Бо дили поку дили пур омадам.

Худ ғаниям, н-омадам баҳри садаф
Маҳзани лаъли Бадахшон бо ман аст.
Не, ғараз афтоб хӯрдан нест, нест,
Хонаи хуршед бо ман,
Тоҷикистон бо ман аст.

Баҳр, паҳнои ту саҳни зиндагист,
Мавҷҳо – пасту баландии ҳаёт.
Мезанам худро ба ҷӯши мавҷи ту,
Мавҷ зан, эй баҳр, ҳар чи бод, бод!

Аз ту чун шогирд гирам ман сабақ,
Ҷӯши дил омӯзам аз ҷӯши дилат.
Саркашӣ омӯзам аз амвоҷи ту,
Суфтагӣ – аз сангҳои соҳилат.

Сӯз бар ҷонам ато кун, баҳри сард,
Шоирам ман, мавҷу тӯфонам бубахш.
Ман намехоҳам зи ту чизи дигар,
Шӯру исён, шӯру исёнам бубахш.

* * *

Эй сактадилон, аз дили бечора нанолед,
Бо ин дили худ шукр гузоред, биболед.
Охир, дилатон ҳарчи шуд, аз хӯрдани ғам шуд,
Аз ҷабру ситам шуд.
Аз сардию бедардию бетафриқагӣ не,
Аз дарду алам шуд.

Дил ҳеҷ гаҳ аз бетарафӣ сакта нагардад,
Аз бехирадӣ, бешарафӣ, сакта нагардад.
Ҳаргиз нашавад сакта дил аз бенамакиҳо,
Аз кӯриву беҳиссию аз бедаракиҳо.

Он дил бишавад сакта, ки бо ору ба нанг аст,
Умре паи адл асту ба бедод ба ҷанг аст.
Ранҷаш ҳама аммо асари шиша ба санг аст,
Ҷонбозии оҳубача дар чанги паланг аст.
Аз чор тараф таҳти фишор асту ба танг аст...

Дар давраи нодонию гумроҳии айём,
Худдонию худбинию худхоҳии айём:
Дар давраи сарде, ки ҷаҳон саҳни ғиромист,
Покизагуҳар хор, вале сифла гиромист:

Дар давраи бозӣ, ки ҳама зери ниқоб аст,
Маълум набошад, ки кӣ обу кӣ сароб аст;
Дар давраи даъво, ки фақат даври забон аст,
Гуфтан ҳунару гӯшкунӣ айби гарон аст;
Дар давраи савдо, ки гапе ҷуз тую ман нест,
Эъҷози ҳама ҳурмати ҳам ҷуз ба сухан нест;

Дар даври начибе, ки гунаҳ айни савоб аст,
Гандум чаву нав кӯҳнаву амвоҷ ҳубоб аст;
Дар даври аҷибе, ки касе дар ғами кас нест,
Одам нашавад кас, чу зи пас одами кас нест; –
Одамгарӣ ин давра, ки дар ҳукми мамот аст,
Дилҳои шумо нури наҷот, оби ҳаёт аст.

Гӯянд, ки таркидани дилҳои гирифтор,
Ҳар дам аҷабе нест.
Ҳарчанд чунин аст, натарсед.
Гирем, ки як рӯз битаркид, гапе нест.
Зеро дилатон қарзи худ озода адо кард,
Худро ба раҳи хайру сахо пурра фидо кард,
Бо хотири осуда сипас азми фано кард.

Бе ҳеҷ шаке ин дили пурдарду табаррук
Толеи башар, ҳусни ҷаҳон, давлати дунёст.
Аз сӯзиши садсолаи бешӯълаи пурдуд
Рахшидани барқонаи яклаҳзагӣ авлост.

Ҳар як дили ғамкушта, ки покизасиришт аст,
Роҳаш ба биҳишт аст.
Зеро ки ба марзи дили мардум ҳамаи умр
Ҷуз тухми накӯию сафо ҳеҷ накиштаст.

Бар ин ҳама дилҳо чу ба як чизи муқаддас
Арзад, ки башар ҳайкали ҷовид гузорад.
Ҳар раҳгузар истода зи роҳаш, ба сад ихлос
Таъзим намояд ба ваяу саҷда биёрад.

Эй сактадилон, аз дили бечора наноледs,
Бо ин дили худ шукр гузоред, биболед!

*1990*

## АГАРЧИ ДАР ЧАМАН РӮИД, ГУЛ НЕСТ

Зи саҳви бахт буд ё ҳазли тақдир
Миёни лолазоре шӯрае руст.
Ба атрофаш назар афканду пиндошт,
Ки ҳусни лолазор аз ҳастии ӯст.

Замоне гулпарастон гашта пайдо,
Саросар лолаҳоро чида рафтанд.
Нашуд аммо ба шӯра эътиборе,
Варо гӯё ҳама нодида рафтанад.

Аз ин афзуд фахри шӯра даҳчанд,
Зи бахташ розию мегуфт бо худ:
«Маро, ки гулшанороям, накананданд,
Нагардад ҳусни гулшан то ки нобуд».

Тамоми фасли сол он зист бо кибр,
Валекин шӯрагии худ надонист.
Надонист ӯ, ки танҳо як гиёҳаст,
Агарчи дар чаман рӯид, гул нест.

Ҳамин сон бар абас он омаду рафт:
Бисабзиду бихушкиду хасе шуд.
На коми ҷонвареро кард ширин,
На оройи баногӯши касе шуд.

## ФАРЁДИ БЕСАДО

Ишқи ӯро аз сари ман дур кун,
Дур кун, эй бахт, агар дорӣ вуҷуд.
Тоқати хорӣ надорам беш аз ин,
Бас дигар бар лӯъбати бедил суҷуд.

Боз баргардон ғурури дил ба дил,
Вораҳон аз ин асорат ҷони ман.
Сӯхтори побаҷои дил нишон,
В-арна сӯзад он сару сомони ман.

Ман наметарсам аз оташ, ҷон гувост,
Аз азал ман худ саропо оташам.
Мурдаам гар монам аз сӯзиш даме,
Шамъосо зинда ман бо оташам.

Лек ҳаргиз ман намехоҳам дигар
Ишқи бебар барабас сӯзад дилам.
Манзиле, роҳе, диле н-афрӯхта,
Беасар чун хору хас сӯзад дилам.

Гар нагардӣ сурмаи чашмони ёр,
Дар раҳи ӯ хоки по будан чӣ суд?
Гар надонад қадри ҷон ҷононаат,
Баҳри ҷонон ҷонфидо будан чӣ суд?..

Ишқи ӯро аз сари ман дур кун,
Дур кун, эй бахт, агар дорӣ вуҷуд.
Тоқати хорӣ надорам беш аз ин,
Бас дигар бар лӯъбати бедил суҷуд.

## ДЕҲҚОН

Ба ҳар ҷонзоди олам ҷон азиз аст,
Тавонбахшандаи ҷон – нон азиз аст.
Зи баски холиқи нон аст деҳқон,
Ба мо чун ҷону нон деҳқон азиз аст.

Парастад ӯ заминро беҳ зи ҷонаш,
Кунад сарфи замин зӯру тавонаш.
Замини пир то ёбад ҷавонӣ,
Бубахшад бар замин умри ҷавонаш.

Ситонад донае то аз замин ӯ,
Фишонад донаҳо бас аз ҷабин ӯ.
Замин ободу обод аст деҳқон,
Замин бо ӯ бинозад, бо замин ӯ.

Ба гоҳи меҳнат осоиш наҷӯяд,
Нанолад, гармию сардӣ нагӯяд.
Чу занбӯри асал дар байни гулҳо,
Миёни кишт умре роҳ пӯяд.

Фидои бозуи ризқофаринаш,
Кафи шахшӯли дастони матинаш.
Фидои чеҳраи чун кулчаи гарм,
Чу ҷӯякҳо ҷабини пур зи чинаш.

Аз ӯ хушбахтию даврони мардум,
Пур аз анвои неъмат хони мардум.
Аз ӯ серии ҷовиди дилу чашм,
Зи бими қаҳтӣ эмин ҷони мардум.

Ба ногаҳ зери по як дон бубинам,
Фитода резаҳои нон бубинам,
Бигирам, бӯсаму бар дида молам,
Аз он зеро рухи деҳқон бубинам.

## РОҲНАМО

Ай эй орзуҳо, орзуҳо,
Ҳисобу аввалу охир надоред.
Пай ҳам ҷо гирифта дар дили ман,
Ба мисли қуллаҳои кӯҳсоред.

Якеро фатҳ созам, дигаре зуд
Ба ҳусну шавқати нав пеш оед.
Кашед аз домани дил сӯи худ боз,
Аҷаб сеҳрофарину дилрабоед.

Саросар роҳатон пасту баланд аст,
Гаҳе хира, гаҳе пурнур тобед.
Гаҳе чун хонаи ҳамсоя наздик,
Гаҳе чун кӯҳи Қофам дур тобед.

Баред оҳиста ҳамчун зина боло,
Ба чашмонам ҷаҳони нав кушоед.
Чу анҷуми саҳар бар корвонҳо,
Ба ман дар зиндагонӣ раҳнамоед.

Бароям бе шумо, эй орзуҳо,
На маъниву на мақсад дар ҳаёт аст.
Равонам сӯятон то умр боқист,
Дар ин раҳ тӯшаам азму субот аст.

## ПАРИИ ОБӢ

Аҷабо, ин чӣ суробест намоён аз дур,
Дар бари кӯҳ, лаби кӯл, шаби маҳтобӣ.
Сар ҳаму зулф парешону ҳамоил бар об,
Ё бурун омада аз об парии обӣ?

Ё ки гулдухтари чилкокули кӯҳистонӣ
Шона бар мӯ зада бо ҳавсала сар мешӯяд?
Дилбари дилшудае ё ки хамӯшона ба об
Андар ин хилвати шаб рози ниҳон мегӯяд?

Ё ки бо кӯза дами об гирифтан аз кӯл,
Ногаҳон духтараке ҳалқаи худ афтондаст?
З-ин сабаб сарҳаму хомӯш ба қаъри дили кӯл,
Дидаи ҳасрату ғам дӯхта ҳайрон мондаст?

Ё ки биншаста лаби об шаби пеш аз тӯй
Наварӯсе ба сар андешаи фардо дорад,
Охирин бор аз оинаи даври тифлӣ
Ҳусни дӯшизагии пеш тамошо дорад?

Не, лаби кӯл, канори дара маҷнунбеде
Ҳамчу зебосанаме бо сари хам истодаст.
Шохаҳояш ба назар мӯи маҳинбофтаест,
Акси он ҳамчу дар оина ба об афтодаст.

## ТАМСИЛИ 37-ум

Таъна бар деги кӯҳан деги навин зад боре:
– Ин чӣ нангасту чӣ доғасту чӣ рангасту чӣ ҳол?
Бо чунин шаклу шамоил ту ҳам оё дегӣ,
К-аз сиёҳӣ накунад тафриқаат кас зи зуғол?

– Рӯзгорам ҳама байни алаву об гузашт,
Эй ки мебиниям имрӯз ба ин ҳоли табоҳ.
Як замон чун ту аҷаб дилкашу озода будам,
Дар раҳи хизмати мардум бишудам рӯйсиёҳ.

## **МӮЪМИН ҚАНОАТ**

*Илҳом аз «Сурӯши Сталинград»*

Ба ботин Чашмаи Носир,
Ба зоҳир рӯдбори Сир,
Ба тамкин кӯҳи Помир аст.
Диле дарё, саре ҷӯё, лабе гӯёи шеъри тар,
Саропо ҳикмату шеър аст,
Ҷавониҳои шеъри Машриқи пир аст,
Барои ташнагони назми олӣ рӯди тадбир аст.
Сухан бо бори маънӣ – кӯҳ,
Сабукпарвозиҳояш – рӯҳ,
Ба тезию ҷило тобанда шамшер аст.
Ҷаҳон бошад дили хонанда,
Шеъри ӯ ҷаҳонгир аст, –
Чу кас боре шунуфт онро,
Дигар таслиму тасхир аст.
Чӣ шеъре!
Бо равонияш равону рӯҳбахшанда,
Ба шириниву покии забон шир аст.
Дар он ҳар нуқта як ҳалқа,
Ва ҳар як сатр занҷир аст.
Бувад ҳар ҳарфи он як донаи дурр,
Ва бо ҳам – шаддаи марҷон.
На беҷою на афзуну на кам дурдонае дар он,
Аҷаб заркории бенуқсу тақсир аст.
Чӣ шеъре!
Зиндагиро сафҳа-сафҳа лавҳи тасвир аст,
Ба ҳар қалбе ба ҳар ранге батаъсир аст,
Ба дасти покдил парчам,
Ба қасди нохалаф тир аст,
Чанголи гулӯгир аст.
Барои равнақи шеъри Аҷам,
Бар миллати тоҷик
Қаноат бахши тақдир аст.

## ИНСОН

Номуроде оқибат гар бар муроди дил расад,
Киштии дар баҳр раҳгумкарда бар соҳил расад,
Навниҳоле қад кашад, нашкаста бар ҳосил расад,
Корвоне бешикасту рехт бар манзил расад,
Мебарам завқ аз адолатпарвариҳои ҳаёт.

Гар бубинам ман ба боғе шохаи бишкастаро,
Мурғи аз парвоз маҳрумгаштаи парбастаро,
Шери бо ҳукми қазо андар қафас биншастаро,
Тифлҷӯ марду зани бетолеи дилхастаро,
Рӯзҳо банди хаёлаш мешавам, ғам мехӯрам.

Рӯ ба ободӣ бубинам ҳар куҷо вайронае,
Бишнавам савти суруде аз даруни хонае,
Холӣ аз беморҳо бинам табобатхонае,
Ёбам аз шеъри ҷавоне сатри устодонае,
Зиндагӣ тобад дучандон дилрабо дар чашми ман.

Бесабаб зӯре биёзорад дили нозӯрро,
Бегунаҳ бино агар таҳқир созад кӯрро,
Беғаме вайрон намояд хонаи занбӯрро,
Гӯиё чун мӯи оташдида мепечам ба худ.

Ҳар кӣ аз дарди касон дар хеш ҳис дарде кунад,
Кӯдаке афтону хезон азми раҳгардӣ кунад,
Пешдастӣ ҳар куҷо марде ба номарде кунад,
Раҳбаре гар бо хушомадпешагон сардӣ кунад,
Бо тамоми ҳастии худ мешавам хурсанд ман.

Дар баҳорон ғунчае нашкуфта монад, ҳай дареғ,
Рози ошиқ дар дилаш бинҳуфта монад, ҳай дареғ,
Айни фурсат ҳарфи ҳақ ногуфта монад, ҳай дареғ,
Мисрае дар шеър агар носуфта монад, ҳай дареғ,
Мехӯрам афсӯс аз нокомии нокомҳо.

Шахси бефарзандро ҳар кас, ки фарзандӣ кунад,
Нахли бепайвандро ҳар кас, ки пайвандӣ кунад,
Бар ятимон ғамгусорию ҷигарбандӣ кунад,
Дар азо ҳамдардию дар тӯй хурсандӣ кунад,
Мепарастам ҳамчу модар ман варо аз сидқи дил,

Муждаи тавлиди ҳар тифлеву тӯи ҳар касе,
Дар раҳи фардо талошу ҷустуҷӯи ҳар касе,
Аз муҳаббат, аз садоқат гуфтугӯи ҳар касе,
Дар амал ҷоришавии орзуи ҳар касе,
Сарфарозам карда бахшад аз фараҳ болу парам.

Чун бубинам носипосе шукри ин даврон накард,
Бо чунин халқу Ватан фахр аз дилу аз ҷон накард,
Умри худ сарфи раҳи беҳбудиҳои он накард,
Қарзи фарзандӣ адо чун зодаи инсон накард,
З-оташи нафрат бисӯзад банд-бандам мисли шамъ!

## ЗИНДАГОНИРО БИМОНАД БЕШАЗОР

Беша сокит аст умре дар назар,
Дорад аммо ин сукут овозҳо.
Хезад аз ҳар нахлу шоху барги он
Рӯҳпарвар, ҳузновар созҳо.
Гӯӣ асроре надорад дар ниҳод,
Дорад аммо олам-олам розҳо,
Зиндагониро бимонад бешазор.

Бар канори беша чун по мениҳӣ,
Бесадо хонад туро бар қаъри хеш.
Ҳар қадам маҳви тамошо мешавӣ,
Ғофил аз худ рафта пешу пешу пеш.
Як замон бинӣ, ки фурсат рафтааст,
Тарк мегӯӣ варо бо қалби реш,
Зиндагониро бимонад бешазор!

Дар канори беша аз рӯзи азал,
Гул бирӯяд ҳар баҳору хор ҳам.
Гар равӣ дар беша, аз пеши раҳат,
Гулпарак ҳам мебарояд, мор ҳам.
Сайругашти бешазорон бегумон
Нашъае ҳам дораду озор ҳам,
Зиндагониро бимонад бешазор!

Садду монеъ дораду шебу фароз,
Роҳи беша росту ҳамвор нест,
Ҳар тараф пайроҳаҳо даъват кунанд,
Вой он ки оқилу ҳушёр нест.
Гар ба сӯе барғалат пое ниҳӣ,
Дар як он раҳгум задан душвор нест,
Зиндагониро бимонад бешазор!

## ЛАЙЛАТУРҚАДР

Ёд дорӣ, ки шабе шаб ҳама шаб
Гӯшае мову ту танҳо будем.
Буд хилватгаҳи мо ҳамчу биҳишт,
Мову ту Одаму Ҳавво будем.

Панҷаҳои мани машшотаи ту
Шонаи зулфи парешон буданд.
Дасту бозуи ту дар гардани ман
Шохаҳои гули печон буданд.

Суханон пасту авоҳо ларзон,
Ҳарфҳо паҳну парешон буданд.
Розҳои ду дили масти висол,
Фошу бепардаву урён буданд.

Зи рухат файзи ҳаё мечӯшид,
Мани лабташна ҳаё мехӯрдам.
Ҳама тан лаб шуда аз ғояти шавқ,
Аз саропот сафо мехӯрдам.

Лайлатурқадр шабе буд он шаб,
Ҳарчӣ хоҳад дилу ҷон, пайдо буд.
Ҳар кучое, ки барам дасти ниёз,
Нуқраи хом буду тилло буд.

Ҳамчу виҷдони гунаҳолуда
Нолаҳо карда ту дар оғӯшам,
Қисса мебофтӣ аз сидқу вафо,
Сари шаб то ба саҳар дар гӯшам.

Лаби ман пур пури пур аз лаби ту,
Лаби ту пур пури пур аз лаби ман...
Рӯзи рӯшан ба ҷаҳон гар дидам,
Буд он рӯз ҳамон як шаби ман.

## МӮСАФЕДОН

Мӯй – барфи кӯҳсорон,
Рӯй – тарфи навбаҳорон,
Хӯ ба нармӣ риштаборон,
Риши испед обшорон,
Мӯсафедон, мӯсафедон.

Ҳар сухан – вазни китобе
Ҳар нигаҳ – аз рамз бобе.
Ҳар қадам – кори савобе,
Ҳар амал – бар ташна обе,
Мӯсафедон, мӯсафедон.

Чашмаи фарҳанги тоҷик,
Бонии авранги тоҷик.
Лаҳни хушоҳанги тоҷик,
Фахру ному нанги тоҷик,
Мӯсафедон, мӯсафедон.

Номбардори ниёкон,
Покдори урфи покон,
Дар раҳи ҳақ синачокон,
Баҳри исмат ҷонҳалокон,
Мӯсафедон, мӯсафедон.

Шаҳпули дирӯзу имрӯз,
Мактаби расму раҳомӯз,
Давлати авлоди пирӯз,
Хешсӯзи маҳфилафрӯз,
Мӯсафедон, мӯсафедон.

Орӣ аз рӯю риёед,
Мӯ ба мӯ хайру дуоед,
Зинати тӯю азоед,
Бар сарам мурғи ҳумоед,
Мӯсафедон, мӯсафедон.

## ЗИҲӢ, ТАБЪИ СИҲӢ

*Эҳдо ба Фарзона*

Туию бо ту ба шеъри ватанӣ
Лутфу озодапарастӣ зиндаст,
Рӯдакӣ зиндаву Шоҳину Камол,
Сайидо зинда, Маҳастӣ зиндаст.

## БАХТИ ПАДАР

Даромад зи дарвоза гирён писар,
Бипурсид аз ӯ синабирён падар:
– Бигӯ, шодии ман, зи оби ғамат,
Кӣ пур карда чашми чу ҷоми Ҷамат?
Писар арза кардаш, ки дар қадди роҳ.
Якеро бизад дигаре бегуноҳ.
Падар ин шунуфту зи шодӣ шукуфт,
Чу кӯдак биболиду «Сад шукр» – гуфт.
Нишаста писар дар канори падар,
Парешону ҳайрон зи кори падар,
Бигуфто:
– Бо ҳоле, ки бояд гирист,
Бигӯ, шодию шукрат аз баҳри чист?
Падар дод посух бад-он хуррамӣ:
Агар бачча будӣ, дигар Одамӣ.
Ба тан дарди касро ту ҳис кардаӣ.
Падарро аз ин бахти воло куҷост?
Ҳама умр агар шукр хонам, равост.

## ПӮЛОТОН

Ҳар кӣ медонад, ки Пӯлотон куҷост,
Ин деҳи машҳури тоҷикон куҷост.

Лек ақли оламе ҳайрон бувад,
К-аз чӣ номи деҳа Пӯлотон бувад.

Маънии ин бояд аз пӯлод ҷуст,
Аз иродатҳои рӯинзод ҷуст.

Оре, оре, деҳи Пӯлотони ман,
Маскани аҷдоду авлодони ман,

Аз азал қавмат қавиҷон будаанд,
Сахт азму сангпаймон будаанд.

Мардум эшонро накӯ санҷидаанд,
Бар ту ин унвон муносиб дидаанд.

Бо замин умре қарин буд қавми ту,
Бандаи ризқофарин буд қавми ту.

Сери ҷону ташнаи озодӣ буд,
Ташнаи ворастагӣ, ободӣ буд.

Шавқманди илму ирфон буд ӯ,
Маърифатхоҳ аз дилу ҷон буд ӯ.

Толиби майдон буду майдон набуд,
Бар камолоти ҳунар имкон набуд.

Монда мерафтанд истеъдодҳо,
Зери бори зулму истибдодҳо.

Орзуҳо киштаи бебар буданд,
Ҷӯҷаи маҳруми болу пар буданд.

Донаҳои зери хас буд шавқу завқ,
Ноаён бар чашми кас буд шавқу завқ.

Ганҷҳои маҳзани бедар буд он,
Лахчаҳои зери хокистар буд он.

Гавҳари дар қаъри дарё хуфта буд,
Рози андар синаҳо бинҳуфта буд.

Чунки халқ арчӣ дилаш дар ҷӯш буд,
Лекин аз ҷабри замон хомӯш буд.

Мушкили халқ Октябр чора кард,
Банди дасту пои мардум пора кард.

Аз асорат зиндагӣ озод шуд,
Давраи нашъунамо бунёд шуд.

Орзую шавқи қавмат рӯ гирифт,
Ташнаи садсола роҳи ҷӯ гирифт.

Мурғи раста аз қафас пар боз кард,
Сӯи боғи маърифат парвоз кард.

Хест аз ҳар остонат фозиле,
Олиме, санъатваре, соҳибдиле.

Шамъсон дар роҳи матлаб сӯхта,
Роҳи илму маърифат афрӯхта,

Ҳар яке дар илм кашфи роз кард,
Дар саноеъ, дар ҳунар эъҷоз кард.

Фахри илму санъати тоҷик шуд,
Хишти қасри шӯҳрати тоҷик шуд.

Хизмати шоиста фарзандони ту,
Зодаву парвардаи домони ту,

Халқро шуд ҳар қадар манзуртар,
Дар Ватан гаштӣ ту ҳам машҳуртар.

Ошёни фозилон шуд номи ту,
Маскани соҳибдилон шуд номи ту.

Хуш ба ҳолат, деҳи Пӯлотони ман,
Хоки аҷдодону авлодони ман!

## ДЕҲА

Деҳа ёди модару хоки падар,
Деҳа ин сарманшаи армони ман.
Деҳа шавқи аввалу шеъри нахуст,
Деҳа ин дарди ману дармони ман.

Деҳа сабру шукр бар буду набуд,
Деҳа файзи ҳалқаи хешу табор.
Деҳа тифлию ҷавонии басар,
Деҳа пирии бақадру эътибор.

Деҳа боҳамбинии дони мавиз,
Деҳа дарҳои кушоду хони боз.
Деҳа майдони талоши нангу ном,
Деҳа дасти кӯмаки сӯят дароз.

Деҳа ин маҷмӯаи чашмони сер,
Деҳа ин маҷмӯаи дилҳои пур.
Деҳа дилсӯзии сидқӣ рӯзи марг,
Деҳа шодии самимӣ рӯзи сур.

Деҳа поси хотири ҳафтод пушт,
Деҳа покии забони модарист.
Деҳа урфу одату расму русум,
Деҳа ин маҷмӯаи одамгарист...

*1990*

## ИЗТИРОБ

Пайкаре монанди садбарги сафед,
Берун омад аз қабо пеши назар.
Пурлатофат, пурназокат, ваҳ, чӣ ҳусн,
Алҳазар аз дидаи бад, алҳазар!

Ҳар кӣ бинад бар қади қамчини ӯ,
Бегумон ин сон гумоне мекунад:
Бар чунин дӯшу чунин мӯи миён,
Бори ҳуснаш ҳам гаронӣ мекунад.

Як дам, эй баҳри дамон, ором шав,
Мавчҳоятро даме осуда дор,
Ӯ ба сӯи об рафт, амвоҷи ту
Бар тани нозук мабод орад фишор.

Рӯи ту по мениҳад аз рӯи лутф,
Нарм бош, эй реги соҳил, нарм бош,
То кафи пояш мабодо ногаҳон,
Аз дуруштиҳои ту ёбад харош.
Риштаи ҷон аст гесӯяш, насим,
Бесарӣ бо риштаҳои ҷон макун.
Рӯи ӯ бо пардаи мӯяш мапӯш,
Чашми ӯ аз чашми ман пинҳон макун.

Эҳтиёт, эй чашми носер, эҳтиёт,
Кам бубин, оҳиста бин бар сӯи ӯ.
Аз нигоҳат, тарсам, озоре расад,
Аз камоли нозукӣ бар рӯи ӯ.

Офтобо, дар танаш доғат шукуфт,
Нозукӣ бин, нур вазнин омадаш.
Дасти гулпартои афсункори Чин
Нақшу гулпартоӣ анр чинӣ
Бор бар барги гули чин омадаш.

## БАЗМГОҲИ ЧАШМ

Илтиҷоят мекунам ман, Офтоб!
Бар фурӯ рафтан накун як дам шитоб,
Ҷоми айшам холӣ манмо чун ҳубоб.
Рух мапӯшон, то напӯшонад танаш –
Базмгоҳи чашми ҳайрони манаш.

Мон, ки бинам боз камтар,
Санъати дасти табиат,
Қудрати эъҷози модар,
Ҷозибиҳою латифиҳои пайкар.
Соқи симин,
Банди дастони булӯрин,
Чеҳраи ранги гули бодом пок.
Қадди шамшеру миёни чун нигин,

Чашми оҳуи рамида,
Дӯши чун шири дамида,
Мавҷи зулфи панҷаи кас норасида,
Ғунчаи лаъли лаби лаб ночашида.

Мон, ки бинам боз андак
Нозукиҳои баёзи гарданаш,
Чун парасту дар ҳаво
Дар об бозӣ карданаш.
Бо хирому
Бо низому
Бо дусад нозу итоб,
Чун парии обӣ,
Берун омаданҳояш зи об.
Рӯи реги нарми соҳил
Ҳамчун рамзи ҳусни комил,

Ҳамчу доми дидаву дил,
Бо тани урёни бечурму гунаҳ хобиданаш.
Бо карашма гоҳ-гоҳе ноаён
Бар садафсон пайкари худ диданаш.
Худ зи ҳусни баркамоли хештан
Завқиданаш,
Болиданаш...
Илтиҷоят мекунам ман,
Офтоб!
Бар фурӯ рафтан макун як дам шитоб,
Ҷоми айшам холӣ манмо чун ҳубоб.
Ту марав, к-ӯ меравад,
Афсона охир мешавад.
Дар лаби об об мегардад,
Зи ҳасрат чун симоб
Ин дилу ҷони хароб.

## МОҲИИ ЗАРИН

Ҳайкалосо дар лаби баҳри Сиёҳ истодаам,
Моту мафтун гаштаву ғарқи нигоҳ истодаам.
Гар назар кардан ба симинпайкарон бошад гуноҳ,
Бехабар аз хеш сар то по гуноҳ истодаам.

Рӯи рег оташрухе пеши назар хобидааст,
Зери нури офтоби шӯълавар хобидааст.
Карда ғун дар худ ҳама ҳусну латофатҳои даҳр,
Дар лаби баҳри дамон ҳамчун гуҳар хобидааст.

Бӯса карда бо лаби нуру ҳарорат офтоб,
Нақши худро дар тани ӯ мегузорад офтоб.
Бо ҳавас гоҳе назар меафканам сӯи само,
Кош мебудам чунин қудрат, ки дорад офтоб,

Чун сабо хоҳад, ки бо зулфаш даме бозад дилам,
Хотиру рӯҳи варо як лаҳза бинвозад дилам.
Мавҷ бар побӯсиии ӯ сар ба соҳил мезанад,
Мавҷсон хоҳад, ки дар пояш сар андозад дилам.

Гоҳ-гоҳе медарояд бо тани симин дар об,
Дилработар менамояд дилбари ширин дар об.
Аз камоли шавқу ҳасрат дил ба худ мепечадам,
Ҳамчу моҳигири дида моҳии заррин дар об.

Пайкари ӯ ҳар сафар гирад чу дар оғӯш баҳр,
Мешавад дар дидаам гӯё даме хомӯш баҳр.
Ё заданҳои дили гарми варо бишниданист,
Ё ки мегардад зи шавқи васли ӯ мадҳуш баҳр.

Берун ояд ӯ зи об, об аз паи ӯ мефитад,
Баҳр гӯё медамад, андар такопӯ мефитад.
Мавҷҳо бо хашм аз нав сӯи соҳил медаванд,
Бабри ғуррон гӯӣ аз дунболи оҳу мефитад.

## ҚИССА КУН АЗ ДЕҲАВУ ҲАМДЕҲАГОН

Як дами дигар нишин, ҳамдеҳаам,
Соате дигар бишав меҳмони ман.
Хонаи ман бо ту шуд аз деҳа пур,
Гум шуд аз шодӣ сару сомонӣ ман.

Баччаам пиндорад ин дам ҳар касе
Бинад ин шӯхию хушҳолии ман.
Бо ту гӯё омад аз деҳ бар дарам
Баччагиям дар калонсолии ман.

Чун қафас гарчи ба ту тангӣ кунад,
Хонаи бетонии серошён,
Як дами дигар нишин, ҳамдеҳаам,
Қисса кун аз деҳаю ҳамдеҳагон.

Деҳа шояд бар ту танҳо деҳа аст –
Ҳамчу оби ҷӯи ҳавлӣ ноаён.
Бар мани пазмони ӯ бошад вале,
Мисли оби зиндагӣ бар ташнаҷон.

Ваҳ чӣ хуб огоҳӣ аз аҳволи деҳ,
Воқифӣ аз вазъи ҳар як хонадон.
Бехато донӣ ту номи ҳар яке,
Гарчи дар ҳар дар бувад як хона ҷон.

Бохабар ҳастӣ, ки кӣ нотоб шуд,
Бар замини худ баҳорон кӣ чӣ кишт.
Дар куҷо омад ба дунё тифли нав,
Кӣ ба санги қабри модар чӣ навишт.

Кӣ иморат мекунад ин рӯзҳо,
Нури чашмашро кӣ ҷойӣ доданист.
Баччаи кӣ дар кадомин мактаб аст,
Кӣ барои чӣ худоӣ доданист...

Лек дар шаҳри азими мо ҳаёт,
Гӯиё ҷорист бо ранги дигар.
Ҳар яке банди сару савдои худ
Зиндагӣ дорад ба оҳанги дигар.

Зери як бому намедонӣ, ки кист,
Бист сол ин сӯ паси девори ту:
Рус, қирғиз, коргар ё файласуф...
Бехабар ӯ ҳам зи кору бори ту.

Қисмати шаҳриву шаҳр ин будааст,
Шаҳрро ҳоло вале як сӯй мон.
Қисса кун, ҷони бародар, қисса кун,
Қисса кун аз деҳаву ҳамдеҳагон.

*1989*

## ПИНДОШТ

Сари субҳасту лаби баҳру ману маншаи шеър,
Ҳама атроф пур аз одаму худ танҳоям.
Ғӯтавар гашта ба қаъри дили дарёи хаёл,
Дурри маънӣ, гуҳари ҳарфи наве ҷӯёям.

Ногаҳон дарк кунам бо ҳама тан теғи нигоҳ,
Нигарам, олиҳае! Оҳ, чӣ ҳуснасту ҷамол!
Чашмҳо чашмаи нӯшасту нигаҳ – оби ҳаёт,
Аҷабо, аз пай сайёд фитодаст ғизол.

Ин дам аз дур ба гӯшам бирасад овозе:
«Ҳама фанд аст нигоҳаш, ту ба вай гӯш макун.
Домани олиҳаи шеъри худ аз даст мадеҳ,
Аҳду паймони ба мо баста фаромӯш макун».

Кӣ шунидаст, ки моҳӣ баҳазар бошад аз об,
Ё ки занбӯри асал аз гулу мурғ аз пару бол.
Теғи андеша валекин бурад аз ӯ нигаҳам,
Хам хӯрад бар сари зону сарам аз бори хаёл.

Баҳри ором ба шӯр омадааст ин саҳарӣ,
Нигаҳам сар-сари амвоҷ шино месозад.
Мавҷ пеш омада гӯё кашад аз домонам,
Баҳр ғуррида ба ман гӯӣ аво месозад:

«Зи чӣ рӯ сар ба гиребони хаёлӣ, эй мард,
Назаре ҷониби соҳил, ки ҷаҳони ҳавас аст.
Реги соҳил набувад муддати дамгирии ту,
Баҳра бар ҳарчӣ зи файзам, ки маҳат як нафас аст.

Сад ҳазор айбу гуноҳ аст ба ҳар қатраи ман,
Агар айб аст тамошои баданҳои бутон,
Ваҳ чӣ пайкарсадафоне, ки накардам оғӯш,
Гуҳари қаъри ман аст оҳари танҳои бутон.

Санами покрухе, бин, ба ту чун менигарад,
Дидаро дидани ҳуснаш бувадо айби савоб,
Сари боло нигару ғамзаю рафтору ғурур,
Гӯиё сохта ҷисмаш ҳама аз нозу итоб.

Шеър агар ҷӯӣ, аз ӯ ҷӯй, ки ҷӯи шеър аст,
Қоматаш фарду ду абрӯш бувад байти батоб.
То ки фардо наравӣ аз лаби ман лабташна,
Чорае кун, амале соз, дилашро дарёб.

Лаби ӯ бин, бишавад то ки баёнат нозук,
Чеҳра бин, к-оташи шавқи ту фурӯзон гардад.
Даҳанаш бин, бишавад то ки каломат ширин,
Нигаҳаш бин, ки суханҳои ту сӯзон гардад.

Чӣ лабоне, ки напайваст ба ҳам дар лаби ман,
Ваҳ чӣ паймонахӯриҳо буду паймоншиканӣ.
Зиҳӣ, он покдили дилшуда, ки охири кор
Дили дилбар бирабояд, кунад армоншиканӣ.

То надӯзад нигаҳаш сӯи дигар қосиди бахт,
Бишав, эй мард зи ҷо, ҷониби ӯ пеш бирав.
Гунаҳат шуставу рози ту фурӯ хоҳам бурд,
Шуданиҳо шуд, аз оянда маяндеш, бирав».

Хезам оҳиста зи ҷо, по биниҳам бар сӯяш,
Ӯ ҳам оҳиставу шармида зи ҷо бархезад.
Дастҳо ҳамчу ду шохоба ба ҳам пайванданд,
Дар лаби баҳр ба ҳам Волгаю Вахш омезад...

## ЧОЙХОНАИ ГУЗАРИ ПОДАҶО

Чойхона шарафи мардуми деҳ,
Ҷои он рӯи кафи мардуми деҳ.
Чойхона баҳамомезишу унс,
Устувории сафи мардуми деҳ.

Чойхона сару сомони гузар,
Эътимоди деҳу имони гузар.
Қадамободи шарифи падарон,
Ҳайкали ёди ниёгони гузар.

Чойхона маҳали маҳфили деҳ,
Минбари деҳ, хиради деҳ, дили деҳ.
Ба салоҳу ба зако ҳал гардад
Дар бари он ҳамаи мушкили деҳ.

Чойхона ба мисоли қандил,
Шамъҳояш дили мардони асил.
Сӯхтанҳо ҳама бар хотири деҳ,
Муддао – рӯшании ҳар манзил.

Чойхона сари болои гузар,
Чашму гӯши деҳу симои гузар.
Чойхона чу надорад гузаре,
Бо дусад қасри гузар вой гузар!

Чойхона сабақи боби адаб,
Дар ҷаҳон мактаби камёби адаб.
Шину хезе зи мақоми адаб аст,
Аҳли он ҳар яке арбоби адаб.

Чойхона зи ҳам огоҳшавист,
Ба ғами ҷомеа ҳамроҳшавист.
Ҷои фаҳмидани фарқи баду нек,
Ҷои аз бераҳа бар роҳшавист.

Чойхона маҳаки мардон аст,
Пардасӯзи рухи бедардон аст.
Мӯсафедони гузарро дармон,
Наврасонро ҳавасу армон аст.

Кас чу ин ҷо равуо хоҳад кард,
Тифлии хеш раҳо хоҳад кард.
Ҳамдами аҳли гузар хоҳад шуд,
Ғами ҷонро гузаро хоҳад кард.

Чунки ӯ марди асил аст дигар,
Каси бар деҳа кафил аст дигар.
Чойхонаравии баччаи деҳ
Ба ҷавонмардӣ далел аст дигар.

Равиш ин аст, ки ҳар фарди гузар
Хешро гар шумарад марди гузар,
Бояд аз фикри худӣ даргузарад,
Зияд умре ба ғаму дарди гузар.

Чойхона шарафи мардуми деҳ,
Ҷои он – рӯи кафи мардуми деҳ.
Ҳар кӣ зад ҷониби ин даргаҳ санг,
Санг зад бар тарафи мардуми деҳ!

## САРҲАДБОН

Шабу атроф хомӯшу ҳамӯшам ман дар ин лаҳза,
Чу чашма гарчи дар ҷӯшу хурӯшам ман дар ин лаҳза.
Дар умри худ набудам ҳеҷ гоҳе ман чунин ҳушёр,
Саропо ақлу ҳушу чашму гӯшам ман дар ин лаҳза.

Занад парвона пар, ояд садои он ба гӯши ман,
Хазад мӯре агар, ояд садои он ба гӯши ман.
Вазида андаке орад ба ҷунбиш сабзае, барге
Насими даргузар, ояд садои он ба гӯши ман.

Дар ин нимишабӣ фикри ғанаб гар бар сарам ояд,
Ҳамоно пеши чашмам халқам ояд, модарам ояд.
«Аё, эй посбон, ҳушёр шав, тақдири ман дар туст!»
Ба гӯшам аз куҷое ин нидои дилбарам ояд.

Агарчи нағз медонам, ки чун ман садҳазоронанд,
Ватан чун дидаи бедору онҳо ҳамчу мижгонанд.
Қатор истода дар хатти ҳудуд, осебшӯёне
Ватанро бо ҳама ҳастӣ мисоли ман нигаҳбонанд,

Чу ҳар як посбон, аммо, чунин тобад ба ман ин дам
Ки ман танҳоям андар ҳифзи мулки хештан ин дам.
Хатар гӯё, ки наздикасту чашмони умедашро
Ба ман, танҳо ба ман дорад ҳама халқу Ватан ин дам.

Агар ман андаке ғофил шавам, дунё дигар гардад,
Ватан аз пои нопоки адӯ зеру забар гардад.
Зи макру ҷабри сайёдони хушбахтишикор аз нав,
Ба дом афтода мурғи бахти мо беболу пар гардад...

Наёбад роҳ то бар боғи мо зоғу заған ҳаргиз,
Набинад заррае осеб дигар халқи ман ҳаргиз,
Намояд то ки мардум хизмату эҷод осуда,
Насозам мижжа таҳ дар посбонии Ватан ҳаргиз.

Чу чашма гарчи дар ҷӯшу хурӯшам ман дар ин лаҳза.
Шабу атроф хомӯшу хамӯшам ман дар ин лаҳза,
Ватан, меҳри Ватан бинмудааст ин гуна ҳушёрам,
Саропо ақлу ҳушам, чашму гӯшам ман дар ин лаҳза.

## БА УСТОД ЛОҲУТӢ

Рози ҳаргиз бар касе ногуфтаро,
Сирри дар қаъри дили худ хуфтаро,
Ки ба ҳар ҷояш ниҳон медоштам,
То кунун асрор мепиндоштам,
Карда ман дарёфт аз осори ту,
Монда дар ҳайрат аз ин рафтори ту,
Худ ба ҳоли худ табассум мекунам,
Аз хиҷолат дасту по гум мекунам,
Ки кадомин рӯз ғофил мондаам,
Бехабар аз ҳоли ин дил мондаам,
Бурда то шоир зи дил асрори дил,
Фош карду кард осон кори дил.
Розам, охир, дар дили бекина буд,
Дил, табиӣ, ки даруни сина буд.
Сина не тиреза дорад, не даре,
То ту аз он бар замирам бингарӣ,
Бо чӣ чашме пас диламро дидаӣ,
Воқиф аз розам чӣ сон гардидаӣ?

## ШЕЪРҲОИ НАГУФТА
## БИСЁР АСТ

Ҳамчунон осмони ахтарзор
Сафҳаи давр пур зи ашъор аст,
Ҳар яке дилработар аз дигар,
Мисли гулғунчаҳои гулзор аст.

Гӯиё шоирон ба ҳар ранге
Ҳар дуре буда суфтанӣ, суфта,
Гӯиё, ки намонда дар олам
Ҳеҷ як шеъру ҳарфи ногуфта.

Лек дар синаҳои аҳли башар
Шеърҳои нагуфта бисёр аст.
Ҳамчу конҳои кашфногашта
Розҳои нуҳуфта бисёр аст...

Сарбадорони роҳи озодӣ,
К-умри худ сарфи бахти мо карданд,
Худ барои ҳаёт ҷон дода,
Зиндагиро ба мо ато карданд;

Наврасоне, ки баҳри ҳифзи Ватан
Бармаҳал, беаҷал, ҷавон мурданд,
Ношукуфта яке зи сад гулашон,
Ишқи ноками худ ба худ бурданд.

Ҳар яке доштанд дар дили хеш
Олами розҳои бинҳуфта,
Қиссаҳои ниҳони шӯрангез,
Шеърҳои ҳанӯз ногуфта...

Модароне, ки солҳои ҷанг
Карда фарзандҳои хеш гусел,
Бар раҳи бозгашташон дӯзанд
То кунун дидаи умеди дил;

Модароне, ки алла мехонанд
Шишта то субҳ назди гаҳвора,
В-аллаи меҳрборашон бар гӯш
Мерасад чун нидои сайёра;

Аскароне, ки бурдаанд ба сар
Рӯзу шабҳои пуршадиди ҷанг,
В-он шабу рӯз то наоянд боз,
Ҷанг доранд, ҷанг, зидди ҷанг:

Коргар, барзгар, ки бо заҳмат
Оламеро хӯронда пӯшонанд,
Чархи таърихро ба сӯи пеш
Бо ду дастони хеш гардонанд,

Дар гулистони рози дил доранд
Як ҷаҳон ғунчаҳои нашкуфта.
Оре, оре, ҳанӯз бисёр аст
Сухани гуфтании ногуфта.

## ҒАМ ГИРЯД

*Дар сӯгвории Тоҷиниссои Султонӣ*

Агарчи мурдани ҳар зинда ҳатмӣ зери афлок аст,
Агарчи охиратгоҳи ҳар одам синаи хок аст,
Агарчи ин ҳақиқат аз азал маълуми идрок аст,
Вале марги чу ту Инсони асле сахт аламнок аст.

Ту рафтию зи сӯзи сина дил коҳид, ҷон коҳид,
Фурӯғи маҳфилу гармии баҳси дӯстон коҳид.
Ба подории фирӯзии дунё итминон коҳид,
Вафои зиндагиву равнақи ҳусни ҷаҳон коҳид.

Ту ҳар боре расӣ бар ёд, ёдам аз алам гиряд,
Чу хоҳам рӯи қоғаз резам андӯҳам, қалам гиряд.
Бикӯшам ҳар замоне ронам аз дил ман ғами дилро,
Чароям хонавайрон мекунӣ ту, гуфта, ғам гиряд.

Ту рафтию ба мағзи синаҳо доғи фироқат монд,
Зи ту чун ёдгорӣ дар ҷаҳон меҳру садоқат монд.
Чу зикри хайр номат дар забонҳо мешавад такрор,
Ба дилҳо ёди некӯи ту чун рамзи рафоқат монд.

Сиришта гӯӣ аз хайру сахо танҳо сиришти ту,
Дар ин дунё фақат тухми накӯӣ буд кишти ту.
Агарчи пешгӯӣ куфру густохист, маъзурам,
Насибат бод дигар, эй биҳиштихӯ, биҳишти ту.

## ТАЪЗИМ

Бо ту хас дар назарам тобад гул,
Бе ту гулҳои тару тоза чу хор.
Бо ту шоми сияҳам субҳи сафост,
Бе ту рӯзам батар аст аз шаби тор.

Бо ту ҳар ҷо равам, он ҷо Ватан аст,
Бе ту ғурбатзадаам дар хона.
Бо ту гӯё ҳама дунёст шинос,
Бе ту ман худ ба худам бегона.

Бо ту ҳар як нафасам хушбахтист,
Бе ту бахт аст ба ман хобу хаёл.
Бо ту давлат бувадам бурдаи нон,
Бе ту хоки таги по ҷоҳу ҷалол.

Бо ту вайрона намояд обод,
Бе ту зебоии кул тобад зишт.
Бо ту роҳаткада бошад дӯзах,
Бе ту ҷое набувад боғи биҳишт.

Бо ту ғам ҳам, ба хаёлам, фараҳ аст,
Бе ту бетафриқа тобад зару мис.
Бо ту аз ман набувад комилтар,
Бе ту аз ҳар ҷиҳатам ман ноқис.

Бошу бо ҳастии худ комил дор
Умре, эй нимаи ман, ними ман...
Хамии қоматам аз пирӣ нест,
Бувад он пеши ту таъзими ман.

# Ғ А З А Л Ҳ О

* * *

Ба гирди қомати чун тири ту аз баски гардонам,
Ту, эй маҳрӯи ман, меҳру ман ин сайёраро монам.

Шабу дарди фироқи нолаву паҳлӯ задан то субҳ,
Хаёлат дояву дил тифлу ман гаҳвораро монам.

Ба сар ҳозир, ба ҷон миннатпазирам ҳар чӣ фармоӣ,
Бифармо, баҳри дафъи мушкилотат тораро монам.

На барқам ман, ки бо як худнамоӣ сӯзам умри хеш,
Фурӯзонтар шавам ҳар лаҳза, оташпораро монам.

Гумон, эй булҳавас, манмо, ки бо ҳам кас чунин астам,
Агар дар чашми кӯри қалби сардат хораро монам.

Ба ёрон чун дили тифлон ҳалиму беғашам, Нозир,
Вале баҳри адӯ даррандаи хунхораро монам.

* * *

Нодидаам магир, ки ман диданистам,
Хуш мешунав, ки нағмаи бишниданистам.

Дигар даруни хумб нигаҳдориям бас аст,
Соқӣ, ман расидаи нӯшиданистам.

Аттор, то ба кай сифати мушк мекунӣ,
Хуштар зи мушк накҳати бӯиданистам.

Хоҳӣ, ки бори шавқ ситонӣ зи марзи дил,
Дилпур бикор, донайи коридaнистам.

Ай боғбон, ки толиби гулдастаи тарӣ,
Ин сӯ нигар, ки тозагули чиданистам.

Як лутфи бутгарон бувадам бас, ки бут шавам,
Хоки раҳам, вале гили шӯриданистам.

* * *

Сорбони корвон гумкардаам,
Молики мулки ҷаҳон гумкардаам.

Бар чӣ ҷониб рӯ ниҳам, дар ҳайратам,
Корвони сорбон гумкардаам.

Чор сӯ пайроҳаи сарбаста аст,
Роҳии роҳи калон гумкардаам.

Дашти ҳаҷру шоми тору бими гург,
Барраи шӯхи шубон гумкардаам.

Мағз-мағзам дарду маҳрумам зи арз,
Ҳамчу бемори забон гумкардаам.

Соқитам аз эътибору ташналаб,
Чашмаи оби равон гумкардаам.

Аз ҳалокат набвадам роҳи халос,
Чаҳнишини нардбон гумкардаам.

Оҳу шеван рози дил то фош кард,
Муфлисам, ганҷи ниҳон гумкардаам.

Зиндагонӣ дар назар беранг у бӯст,
Завқии завқи ҷаҳон гумкардаам.

Боз ой аз лутфу рӯҳи тоза деҳ,
Бе ту, ҷонам, ҷисми ҷон гумкардаам.

*1990*

* * *

Дилам бо як нигаҳ бурдӣ, маҳорат инчунин бояд,
Ҷаҳонеро харидан бо ишорат инчунин бояд.

Чунин орому ақлу хобдуздӣ бинад Искандар,
Ба худ печидаву мегуфт: «Ғорат инчунин бояд».

Дилам бо он ки медонист бераҳмию зӯри ишқ,
Қадам бинҳод бар майдон, ҷасорат инчунин бояд.

Зи таркишҳои ҷабри ту бинои ишқам аз сахтӣ
Надид осеб як зарра, иморат инчунин бояд.

Даруни сина ҷои ту будӣ гар санг, гаштӣ об,
Зиҳӣ дил, тоборӣ бар ҳарорат инчунин бояд.

Чу бонияст ёди ӯ, ба ҷосуси ғанаб раҳ ку,
Ба мулки дидаам, Нозир, назорат инчунин бояд.

* * *

Ақлро рӯҳи омирона мехоҳам,
Табъро боли тоирона мехоҳам.

Фикрро паҳнаҳои баҳру маъниро
Тобишоти ҷавоҳирона мехоҳам.

Нозпарварди шеъри олии Шарқам,
Саҳлу беранг ҳар чиро намехоҳам.

Шеър агарчи зиёду шоир афзун аст,
Ташнаам, шеъри шоирона мехоҳам.

Ноширонро дар интихоби моли асил
Заршиносии тоҷирона мехоҳам.

Оламе нуктагири нуктаносанҷ аст,
Арзаи бехавотирона мехоҳам.

То фитад фарқ байни таънаву танқид,
Интиқоди мушовирона мехоҳам.

Ҳар гулу хоса рангу бӯ бувад, Нозир,
Аз ту ман ҳарфи нозирона мехоҳам.

* * *

По лаби гӯр асту ман лаб бар лаби ҷомам ҳанӯз,
Комам аз пирӣ фитоду толиби комам ҳанӯз.

Ваъдаи шомам бидод он моҳу рафту бар нагашт,
Чашмандози раҳаш чун равзани бомам ҳанӯз.

Сӯхтам умре зи макри пухтагону лек боз
Мезанам худро ба ин оташ, зи бас хомам ҳанӯз.

Дар ҷавонӣ хостам ёбам сару анҷоми умр,
Бесар анҷомид умру бесаранҷомам ҳанӯз.

Қад хамид аз бори фазл, аммо бари аҳли назар
Тифли тотопои кӯи Конибодомам ҳанӯз.

Номдорон хоки раҳ гаштанд кайҳо, Боҳирӣ,
Ман вале аз содагии худ паи номам ҳанӯз.

* * *

Олами кунунӣ чист, кишвари харобе чанд,
Зории авоми кул, зӯрии ҷанобе чанд.

Рӯи мавҷи тӯфонӣ шишта беибо аз кибр,
Мири баҳр пиндорад хешро ҳубобе чанд.

Аз аташ рамақ дар ҷон мардуму ба ӯ ҳар дам
Даъвии зулолобӣ мекунад саробе чанд.

Ин замон гар аз эшон тоби пурсише набвад,
Мешавад талаб фардо бегумон ҷавобе чанд.

Вориси ниёгон аст, ахтари Хуросон аст,
Нозиме, ки ангорид аз ҳавас китобе чанд.

Шуд дигар сиёсатдон ҳар кӣ як шиор андохт,
Доҳии халоиқ шуд, ҳар кӣ зад хитобе чанд!

Нозиро, ғами дунё кам нагардад аз хӯрдан,
Ҷои ғам, биё, гирем ҷуръаи шаробе чанд.

*1993*

* * *

Гуфтам: – Кадом оин писандӣ? Гуфт дил: – Оини кӯҳ.
Гуфтам: – Чӣ оин? Гуфт дил: – Дороию тамкини кӯҳ.

Гуфтам: – Хирадмандон тааммул аз куҷо омӯхтанд?
Гуфт: – Аз сукути кӯҳ, яъне ҳикмати дерини кӯҳ.

Гуфт: – Чӣ мебояд дар олам то шавад кас сарбаланд?
Гуфт: – Устувориҳои кӯҳ – аз пояи сангини кӯҳ.

Гуфтам: – Зи кӣ омӯхта парвоз табъи Рӯдакӣ?
Гуфт: – Аз уқобони сари ҳамболии парвини кӯҳ.

Гуфтам: – Тамошои чӣ хуш аз шаҳру баҳру бешазор?
Гуфт: – Он ҳама як сӯю як сӯ домани рангини кӯҳ.

Гуфтам: – Зи чӣ во мешавад гулғунчаи илҳоми ту?
Гуфт: – Аз насиме к-оварад бӯи гули мушкини кӯҳ.

Гуфтам: – Дило, ин қадр васфи кӯҳ дорӣ, кистӣ?
Гуфт: – Ошиқи обу ҳавою ҳусни дил-огини кӯ.

* * *

Маро охир таманнои гули рӯи ту хоҳад кушт,
Азоби роҳи мулки васли дилҷӯи ту хоҳад кушт.

Зи ту ҳар гаҳ, ки хоҳам бӯсаи ширини ҷонбахше,
Ҷавоби талхи он лаъли сухангӯи ту хоҳад кушт.

Фалак бар куштани ман оҷиз асту нотавон душман,
Вале тири нигоҳи чашми ҷодуи ту хоҳад кушт.

Ба уммеди висолат зиндаву тарсам, ки ҳамроҳам
Умедамро дили сангини бадхӯи ту хоҳад кушт.

Чунон ки барраеро бегуноҳе сар занад қассоб,
Диламро бе тараҳҳум теғи абрӯи ту хоҳад кушт.

Парастам ман аҷалро чун Худою саҷдааш орам,
Агар моро зи лутф он дар сари кӯи ту хоҳад кушт.

*1970*

* * *

Бе заргарон зар афсару зевар намешавад,
Бе нури меҳр моҳ мунаввар намешавад.

Борутро агар нарасад аз муҳит асар,
Умре ба ҷой мондаву ахгар намешавад.

Хуршед ҳасту равшанияш, варна ҳеҷ гоҳ
Бар шоми тор субҳ музаффар намешавад.

Пинҳон ба резаҳои шакар заҳмати кас аст,
Най худ ба худ барои ту шаккар намешавад.

Бар дӯш агар замин накашад бори кӯҳсор,
Кӯҳ устувору ҳамсари ахтар намешавад.

Ҳар кас ки ҳарчи шуд, бишуд аз саҳми устод,
Бе нури меҳр моҳ мунаввар намешавад.

* * *

Ин дам, ки дил аз ҳаҷри туам ғарқаи хун аст,
Эй ҳокими мулки дили ман, ҳоли ту чун аст?

Шояд ки сурури дилат аз дурии ошиқ
Аз ин ҳама андӯҳ, ки морост, фузун аст.

Булбул нашавад зоғ ба нолидан, аё гул,
Ҳар чиз рақибон ба ту гуфтанд, фусун аст.

Ин дил, ки маро ҳаст, биноест, ки онро
З-ашёи вафо синҷу дару бому сутун аст.

Омӯз сабурӣ, ту дил, аз килк, ки як умр
Хун мечакад аз дида, вале, дам ба дарун аст.

* * *

Ҳар ки девони ту як бор ба даст ар нагирифт,
Гӯӣ аз умри гаронмояи худ бар нагирифт.

В-он ки боре ғазалат хонд, агар дошт диле,
Ҷуз раҳи ишқу ҳақиқат раҳи дигар нагирифт.

Дил набуд, холигаҳе буд, агар аз ғазалат
Ҳар диле болу пари мурғи Самандар нагирифт.

Ку ҷавоне, ки чу арзи дили худ бо сад сӯз
Байтҳоят ба забон дар бари дилбар нагирифт.

Бас худоёни сухан дид ҷаҳон, лек алҳақ,
Хешро ҳеҷ яке бо ту баробар нагирифт.

Кист он шарқию ғарбӣ, ки ба пеши суханат,
Даст дар бар наниҳоду кулаҳ аз сар нагирифт.

Шоирӣ баъди ту гӯё ки надорад маънӣ,
Маъние нест, ки ашъори ту дар бар нагирифт.

Ҳофизо, ҳарфи ту оташ бувaду ҳайронам,
Гаҳи иншои ту чун дафтар аз он дар нагирифт.

* * *

...Шишаи боварии дил чу шикастӣ, онро
Кай дигар лутфи ту таъмир тавонад кардан?

Садяки захми забони ту, ки дар дил дорам,
Аз куҷо хасм ба сад тир тавонад кардан?

Тарсам аз оҳкашӣ, к-оташи дил оламро
Дар яке сония тасхир тавонад кардан.

Чун кунам пурра баён меҳри ту дар шеър, охир,
Шамс дар кӯра кӣ ҷогир тавонад кардан?

Қуввае ку ба ҷуз ишқ, ин дили шерафканро
То чунин пой ба занҷир тавонад кардан?

Гар на уммеди висол аст зи дилбар, ошиқ,
Зиндагӣ кай ба ҷаҳон дер тавонад кардан?

Лофи зӯрии ҷавонӣ мазан эй дил, бо ишқ,
К-он ба як рӯз туро пир тавонад кардан.

Чӣ ғам аз фитнаи ағёр чу рӯбаҳро хуб
Фарқ сайёди ман аз шер тавонад кардан?

Шиква не, саъй кун, эй дил, ки фақат килки амал
Байти тақдири ту таҳрир тавонад кардан.

* * *

Дилозори маро дил эмин аз озор кун, ё раб,
Ғамафзои диламро аз фараҳ саршор кун, ё раб.

Тамоми умр, рӯзу шаб дуои ҷони ӯ дорам,
Қабул ин андаки моро ту чун бисёр кун, ё раб.

Шавад то аз гунаҳ озод фардо он гунаҳобод,
Ҳама айбу гуноҳаш бар сари ман бор кун, ё раб.

Агар ҷабру ҷафоҳои варо бар банда пеш оранд,
Каримӣ ту, раҳимӣ ту, худат инкор кун, ё раб.

Зи ғафлат равнақи ҳусни худ ӯ подор пиндорад,
Даме бахти ғанаболуди ман бедор кун, ё раб.

Ба ёри мо, ки ағёр ошнову ёр бегонаст,
Ҳама ағёрро ёру маро ағёр кун, ё раб.

Гули бехори мо умрест моро хор медорад,
Маро боре ту хори он гули бехор кун, ё раб.

* * *

Ногаҳ агар пастӣ кунам, ёд аз Бадахшонам диҳед,
Ёд аз сару қадди баланди сарви Шуғнонам диҳед.

Тарсе чу раҳ ёбад ба дил, биншонадам то ки ба гил,
Пайғом аз Восеи ман, аз шери Хатлонам диҳед.

Беҳуда гар шӯридаам, ёд оваредам рӯди Сир,
Аз ҳад фузун сокит шавам, ёд аз Зарафшонам диҳед.

Берангу бӯ тобад агар боғи ҳаётам дар назар,
Ёд аз Қаротегини ман, аз себи хубонам диҳед.

Гар мункири миллат шавам, аз бехудӣ аз худ равам,
Ёд аз ниёгонам диҳед, аз Оли Сомонам диҳед.

Гар дар ғарибӣ ҷон диҳам, бӯе диҳедам аз Ватан
Чун аз дами Исо зи нав хоҳед агар ҷонам диҳед.

Дар пояи аслии худ бинам зи нав то халқи хеш,
Эй қисмат, эй умр, эй аҷал, боз андак имконам диҳед.

*1995*

* * *

Боре чашӣ ту аз лутф гар лаззати вафоро,
Дигар раво набинӣ бар ёри худ ҷафоро.

Ранҷи ту, эй париваш, то кай фурӯ барад дил,
Охир барорад аз кор дон санги осиёро.

Бераҳмтар табибе аз ту надида олам,
Дорӣ дареғ аз ин бемори худ даворо.

Дар даҳр бериёӣ бояд зи ишқ омӯхт,
Як умр он ба як чашм бинад шаҳу гадоро.

Зинҳор қаддам, эй бахт, манмо дуто ба пирӣ,
Натвонадаш кашидан дил миннати асоро.

Моему ишқбозӣ в-аз ишқ сарфарозӣ,
Сангиндилон чӣ донанд, к-ин давлатест моро.

«То гоҳи зинда будан – ишқу вафо сурудан!»
Умре шиор ин аст ин қалби мубталоро.

Шоир чу модару шеър ҳамчун дуо бибояд,
Модар зи сидқ гӯяд, Нозир, ҳаме дуоро.

* * *

Қадду басту зулфи печону лабу рухсор – гул,
Табъу дил, абрӯю мижгон, наргиси хуммор – гул.

Дар шигифтам, бо ҳама ин нозукӣ чун мекашӣ,
Гулбуни наврастаи ман, бори ин миқдор гул.

Кас надорад ёд бо ин рангу бӯ ҳаргиз гуле,
Гарчи бишкуфтаст дар боғи ҷаҳон бисёр гул.

Бо хамӯшиҳо масал буд гар дар олам то кунун,
Омада дар шахси ту имрӯз дар гуфтор гул.

Гулпарастам, з-ин сабаб гул хондамат ман лоҷарам,
В-арна тобад пеши ҳусни рӯи ту чун хор гул.

Номи гул бигрифта бо худ қадри гул бардоштӣ,
Месазад бошад зи ту як умр миннатдор гул.

Бигзарӣ аз ёди Нозир гоҳи иншо чун насим,
Бишкуфад табъу намояд сафҳаву ашъор гул.

* * *

Сурате моҳвашу сират аз он зеботар,
Абрӯе ханҷари буррову нигаҳ бурротар.

Ишва дилчасп, адо дилкаш, итоб ошиқкуш,
Ноз ҷонбахшу карашма хушу ҷонафзотар.

Войи он дидаву он дил, ки бубинад ӯро,
Раҳад аз ақлу шавад ҳарду зи ҳам шайдотар.

Ибрати равнақи гулҳои баҳори ҳусн аст,
Сари боло, қади раъно, рухи з-он раънотар.

Омадан, омади ҷон, рафтанӣ ӯ, рафти равон,
Ист шевою хиромидан аз он шевотар.

Асали ноб забон, ҳарф шакар, шаҳд даҳон,
Лаъли гӯёст лабу чашми сияҳ гӯётар.

Сафи дандон садафи софу буни гӯш булӯр,
Аҳду паймони қавӣ хораву дил хоротар.

Бишнавад давлати лутфаш ба ҳар ошиқ, ки насиб,
З-ӯ набошад ба ҷаҳон ҳеҷ касе доротар.

Ихтироъ аст саропояшу дар олами ноз
Зинае, мартабае нест аз ин болотар.

Офарин бод ба модар, ки чунин олиҳа зод,
Дар ду олам нашавад санъат аз ин волотар.

* * *

Дили худ дода дили дилсара бурдан ҳунар аст,
Сару ҷон дар раҳи ҷонона супурдан ҳунар аст.

Шумури ҳусни худу қубҳи касон коре нест,
Айби хешу ҳунари ғайр шумурдан ҳунар аст.

Ғами худ ҳар касу нокас битавонад хӯрдан,
Ғами бегона, ғами ҷомеа хӯрдан ҳунар аст.

Кинаварзӣ набувад шеваи соҳибназарон,
Бадии кас зи дил аз лутф сутурдан ҳунар аст.

Лаб фушурдан зи ҳасад чист зи рушди дигарон,
Баҳавас дасти забардаст фушурдан ҳунар аст.

Ҳунаре нест ба даҳр омадану рафтани мо,
Зиндасон зистану мурда намурдан ҳунар аст.

* * *

Як замонам дарди ман не, дарди меҳан мекушад,
Боғбонро дарди тан не, дарди гулшан мекушад.

Мо, ки натвонем куштан ин «Туву ман»-ҳои худ,
Ин «Туву ман»-ҳои мову ту тую ман мекушад.

Ин ҳама худношиносиҳои мо аз ғофилист,
В-арна насли хешро оё Тахамтан мекушад?

То ба рағми зиндаёдон иддае дорад талош,
Мурдагонро баъди мурдан хавфи мурдан мекушад.

Тирарӯзӣ бин, ки зери чархи зулматзои дун
Аз азал рӯшандилонро фикри рӯшан мекушад.

Рав Худо гӯ, то ки бошӣ аз ҳаводис дар амон,
В-арна бо сад ҳомию ҷондору ҷавшан мекушад.

Кинаю бухси касон охир шавад марги касон,
З-он ки оҳанро ниҳоят занги оҳан мекушад.

Гӯлахиро бар сару рӯ гарди хокистар зи чист?
Хокбарсар мешавад ҳар кас ки гулхан мекушад.

Бар ҳарисон гӯ бипарҳезанд аз макри фалак,
Дом охир мурғро бо бӯи арзан мекушад.

Зан бақои умри марду лек гоҳе мардро
Эҳтиёти аз ҳад афзун, шафқати зан мекушад.

Роҳи некӣ ҷӯй, Нозир, гар сафо мебоядат,
Зулмати як хонаро як нури равзан мекушад.

*1993*

* * *

Ё дарди дилам ту чора мекун,
Ё гирашу пора-пора мекун.

Шоҳаншаҳи мулки дил туӣ, ту,
Пас давлати худ идора мекун.

Хоҳӣ бикушӣ маро ба як бор,
Бар ғайри манат назора мекун.

Ронӣ ба забону хонадам чашм,
Шарҳе ба ман ин ибора мекун.

Эй дил, напазирад ӯ дуруштӣ,
Бар пош фитода зора мекун.

Дорад зи пай оташе ҷаҳонгир,
Андеша аз ин шарора мекун.

* * *

Дӯстон дар бари ҳам чин ба ҷабинанд, дареғ,
Худиён аз худиён дар паи кинанд, дареғ.
Ақлҳо банди раҳи ҷустани ҷоҳанду ҷалол,
Чашмҳо зери қадам беш набинанд, дареғ.
Пешаи ом шуда шеваи «Кач дору марез»,
Хандаҳо пардаи дилҳои ҳазинанд, дареғ.
Итминонҳо ҳама омехтаи шакку гумон,
Меҳрҳо коста, олудаи кинанд, дареғ.
Халқи ҷонсери ниёз аз асари ноҷурӣ
Ба сари суфраи серӣ нанишинанд, дареғ.
Битапанд аҳли амал рӯзу шабу охири кор,
Самари заҳмати худ хеш начинанд, дареғ.
Оламе ҳақталабу муддаию домангир,
Гарчи бар ноҳақии хеш аминанд, дареғ.
Ростонро нагузоранд ба манзил бирасанд,
Качравоне, ки қади раҳ ба каминанд, дареғ.
Ними маҳ дер напояд саги девонашуда,
Саги девонамиҷозон на чунинанд, дареғ.
Аспҳо тозию буз таг-таги по, майдон сард,
Бузкашон не, ҳавасиҳо сари зинанд, дареғ.
Фараҳ аз дасти ғам озод нагирад нафасе,
Некӣ ангушт бадиҳо чу нигинанд, дареғ.
Ё раб, охир, чӣ шуда ҳамбуну ҳамхунонро,
Ки ба худ ғайру ба ағёр қаринанд, дареғ.
Нозиро, даври ба ширинсуханӣ хӯкарда,
Ҳарфи ту хуш накунад, ки намакинанд, дареғ.

*1993*

* * *

Тан агар афсурда гардад боке не, ҷон зинда бод,
Сабру шукри одамӣ бар дарду дармон зинда бод.
Ҷайб агар холист, мо бо дилпурии худ пурем,
Сарвати дунё чӣ бошад, накди виҷдон зинда бод.
Зиндагӣ бе ранҷу матлаб мурдани тадриҷӣ аст,
Мушкилиҳои ҳаёту марги осон зинда бод.
Ҳар кӣ ноҳақ мехӯрад ҳаққи ману атфоли ман,
То қиёмат дар дили ӯ доғи армон зинда бод.
Аз дарозиҳои даст охир шавад кӯтаҳ забон,
Ними нону рӯи сурху роҳати ҷон зинда бод.
Гар дар ин дунё ҳар он чӣ ҳаст, баҳри одам аст,
Пас сараввалтар мақоми шахси Инсон зинда бод.
Зиндагӣ зиндони якумрӣ бувад бе шӯри ишқ,
Сӯзи ошиқ, нози дилбар, васлу ҳиҷрон зинда бод.
Дардманди ишқаму дардам бипӯшам аз табиб,
Дар дилам, то зиндаам, ин дарди пинҳон зинда бод.
Аз дами боде ба гардунҳо парад ҳам, каҳ ҳақ аст,
Бо ҳама ин хокполоии худ дон зинда бод.
Мӯҳраи марҷон бидуни ришта кай ояд ба ҳам,
Риштаи пайвандсозии мардум – имон зинда бод.
То ки миллат зиндаву солим бимонад дар ҷаҳон,
Дарди миллат дар ниҳоди зодаи он зинда бод.
Зумрае гӯяд, ки Сино ӯзбаку дигар араб,
Хандаи рӯҳи Ҳакиму риши эшон зинда бош.
Оламе насли варо аҷдоди худ хонад кунун,
Модари хушбахти тоҷик, Тоҷикистон зинда бод!

* * *

Резад агар арақ зи ҷабин, оби рӯ шавад,
Лек оби рӯй резад агар, оби ҷӯ шавад.

Аҳли риёву совиши рӯ донасон ба хок,
Бо бӯи он ки сар кашаду дар нумӯ шавад.

Механду мегузор ба гуфтори хурдагир,
Дарёб ҳар касе, ки нашуд, айбҷӯ шавад.

Чандон гирифта шуд дилам аз сифлагони давр,
Тарсам, ки рӯзи ҳашр зи нав рӯ ба рӯ шавад.

Гар рои туст сохтан, аз сӯхтан матарс,
Бо сӯхтан зуғоли сияҳ сурхрӯ шавад.

Шаҳди зиёда моили талхист, аҷаб мадор
Гоҳе агар шакарлаби ту талхгӯ шавад.

Гар бо бутони зочасифат дил ниҳам, чӣ бок,
Одам, ки пир гашт, зи нав тифлхӯ шавад.

Аз лутф по бинеҳ сари хокам пас аз вафот,
То ҳашр то ки турбати ман мушкбӯ шавад.

* * *

Бепардагӣ, эй дил, рав аз оина биёмӯз,
Оина, биё, софӣ аз ин сина биёмӯз.

Гар ишқи ту ишқ аст, мазан лофи муҳаббат,
Аз кӯҳ ниҳондории ганҷина биёмӯз.

То кашфи нават дер бипояд, ту асосаш
Аз таҷрибаи мардуми пешина биёмӯз.

Ҳар касб, ки нон мехӯрӣ фардо ба туфайлаш,
Ё нек биёмӯз ту ё ки набиёмӯз.

То зуд чу фаввора нарезӣ ту сарозер,
Оҳиста қад афрохтан аз зина биёмӯз.

Оташ буваду об дили Боҳирӣ, аз он
Бар дӯст муҳаббат, ба адӯ кина биёмӯз.

* * *

Ба туам ҷабру ҷафо мезебад,
Ба манат сидқу вафо мезебад.
Манаму хуни дилу навҳаи ҷон,
Бударо нуқлу наво мезебад.
Беибо, эй дили садчоқ, бинол,
Ки ба най ҳузни наво мезебад.
Лоақал, бадгуҳаро, хушгӯ бош,
Хӯсаро низ қабо мезебад.
Бари ман ҷуз сухан аз ёр магӯ,
Ба сари мурда дуо мезебад.
Рӯзу шаб номи варо гираму бас,
Бандаро зикри худо мезебад.
Бикушо лаб бо тасаллои дилам,
Ғунчаро нашъу намо мезебад.
Зулмати шом, худоё, то кай,
Баъди шаб субҳи сафо мезебад.
Сархамам пеши ҳаводис макунӣ,
Сарвро қадди расо мезебад.
Покаслам, ба гадоӣ марасон,
Ки гадоӣ ба гадо мезебад.
Он ки даъвои хумоӣ дорад,
Гӯ, ҳумоӣ ба ҳумо мезебад.
Ту маро яккаву танҳо магузор,
Яккагӣ як ба Худо мезебад.

*1997*

* * *

Гар мастаму гар ҳушёр, эй дӯст, ту бо ман бош,
Гар сиҳҳатаму бемор, эй дӯст, ту бо ман бош.

Аз ғафлати ин дунё фарде набувад эмин,
Гар хобаму гар бедор, эй дӯст, ту бо ман бош.

Дар чорагарии кас гирдаш пури бечораст,
Гар чораму гар ночор, эй дӯст, ту бо ман бош.

Хонанд яке мӯрам, бинанд дигар морам,
Гӯянд гулам ё хор, эй дӯст, ту бо ман бош.

Ҳар ҷо ки бувад хирман, парранда фаровон аст,
Дорояму гар нодор, эй дӯст, ту бо ман бош.

Одам, ки тавоно шуд, олам ҳама пушти ӯст,
Зӯрам агару гар зор, эй дӯст, ту бо ман бош.

Чун шишаи бебода аз давра макун дурам,
Гар холияму саршор, эй дӯст, ту бо ман бош!

* * *

Кӯру кар аст ин чарх, кӯру кар ар намешуд,
Гул хору хор азизу хас тоҷи сар намешуд.

Аъмоли мардум имрӯз ин аст агар, ба Фирдавс
Фардо ба ҷинси одам роҳи гузар намешуд.

Эй он ки гӯӣ моро аз ҳоли бад раҳондӣ,
Рав, қисса кам кун, аҳвол аз ин батар намешуд.

Бе симу зар набинад кас рӯзи рӯшноӣ,
Бе қурси меҳри заррин шоме саҳар намешуд.

Болам бурида сайёд: Мурғӣ агар, бупар, – гуфт,
Мурғам, валек парвоз бе болу пар намешуд.

Дурӯягони даврон чун об – хокиёнанд,
Фарқе барои эшон дар хушку тар намешуд.

Ҳарчанд нон азиз аст, одам азиз аз ӯст,
Қутти башар намебуд, ё раб, саҳар намешуд.

Аз ранҷи ишқ бурдан уммед ганҷи васл аст,
Доне касе намекишт, фикри самар намешуд.

Чандон фурӯ нишаста ишқат ба мағзи ҷонам,
К-он дигар аз дили ман бе ҷон бадар намешуд.

Саргум шудем, ё раб, сар кун худат ба кӯе,
Бо ин сарони олам олам басар намешуд!

*1991*

* * *

Ҳама дунё, ки ба савдо монда,
Дили ман аз ҳама дунё монда.

Охират гоҳ ба ёде нарасад,
Ҳама дар васвасаи ҷо монда.

Ризқ ҷӯяд ҳама дар шаҳр, вале,
Рӯзии ҷумла ба саҳро монда.

Ҳама доранд ба ҳам рӯи ниёз,
Батар аз ҳам ҳамагон вомонда.

Эй, ки умре ғами дунё бихӯрӣ,
Ғамхӯрон рафтаву дунё монда.

Хушие нестам имрӯз дигар,
Ба ҷуз уммеди ба фардо монда.

*2000*

* * *

Чун шир ту аз синаи кӯҳсор расонӣ,
дарёчаи кӯҳӣ,
Андар бадани кӯҳ ба сони раги ҷонӣ,
дарёчаи кӯҳӣ.
Ҳамчун дили мой, ки бубинӣ сари роҳат
садде ба муқобил,
Пурдаҳшату ғуррандатар аз шери жаёнӣ,
дарёчаи кӯҳӣ,
Сар то ба сар ин мулк шуд имрӯз дигаргун
аз тантанаи бахт,
Аз даври куҳан ҷуз ту намондаст нишоне,
дарёчаи кӯҳӣ,
Ҳар паҳлуи мавҷи ту китобест пурасрор
аз рафтаи кишвар.
Оре, ту зи таърих аҷаб осори гаронӣ,
дарёчаи кӯҳӣ.
Сад неку баде соҳили ту омадаву рафт,
обод намуд, сӯхт.
Хомӯш будӣ, хӯрда ба худ печ ниҳонӣ,
дарёчаи кӯҳӣ,
То арз намоӣ зи куҳансоҳилиёнат
бар аҳли замона,
Э кош, ки медоштӣ имрӯз забоне,
дарёчаи кӯҳӣ.
Хуш шеъри ман аз он ки дилу хомаю табъам
аз оби ту омӯхт
Туғёну басартозию покию равонӣ,
дарёчаи кӯҳӣ.
Ҳарчанд ки чун умр ту як умр равонӣ,
ҳамчун ғазали Шарқ,
Як умр ҷавон будию як умр ҷавонӣ,
дарёчаи кӯҳӣ.

* * *

Эй дили шайдо, чӣ ҷӯӣ сӯҳбати ҷононаро,
Ҳамнишини худ насозад оқиле девонаро.

Шиква аз ёрон ғалат пеши кас, аммо чун кунам,
Аз ман авлотар шуморад ошно бегонаро?

Зиштии рӯи кас аз зиштии дил набвад нишон,
Ёд бояд кард панди ганҷ дар вайронаро.

Мурғи арзанхора навбад ин дили ишқофарин,
То ба ҳар боме фуруд ояд, чу бинад донаро.

Охири ин зулфбозиҳо забонкӯтоҳияст,
Дидаӣ, эй дил, агар анҷоми кори шонаро.

Ошиқам, аммо нагӯям рози дил пеши касе,
Баста доранд аҳли сарват махзани дурдонаро.

Дидани субҳи висолаш кай туро гардад насиб,
Шамъ сӯзад. Боҳирӣ, пеш аз саҳар парвонаро.

* * *

Тоҷики ман бо забони ҳамчу қандаш тоҷик аст,
Бо забони сар ба сар андарзу пандаш тоҷик аст.

Бо Қаротегину Хатлону Бадахшону Ҳисор,
Бо Самарқанду Бухорою Хуҷандаш тоҷик аст.

Не ба яғмову туфангу теғу ғасбу ҷаҳлу кин,
Бо закою фазлу бо белу каландаш тоҷик аст.

Бо сари болову чашми серу ҷони шукргӯй,
Бо фазилатҳову лутфи дилписандаш тоҷик аст.

Бо дилу дасти кушоду чеҳраю оғӯши боз,
Бо таомул, бо русуми арҷмандаш тоҷик аст.

Эй ки меҷӯӣ баландиҳоям аз кӯҳи баланд,
Аз азал тоҷик бо рӯхи баландаш тоҷик аст.

Тоҷик он набвад, ки ҳар ҷо лофи тоҷикӣ занад,
Тоҷик он ки мағз-мағзу банд-бандаш тоҷик аст.

Нозиро, тоҷик фақат бо шӯҳраҳои хеш не,
Низ бо чун ту ҳазорон мустамандаш тоҷик аст.

* * *

Парастори гулам, аммо зи рашки ёр метарсам,
Забони дарди ишқам, лекин аз гуфтор метарсам.

Гули бехорро ҳар раҳгузар осон кунад бӯе,
Ҳама аз хори гул, ман аз гули бехор метарсам.

Мадороҷӯ, ки беозору озорӣ бувад ҳақгӯй,
Зи озорӣ наметарсам, зи беозор метарсам.

Ҳазар аз чоплусу печутобу хушгапиҳояш,
Зи рақсу илтиҷоҳои забони мор метарсам.

Чу бар ёди тиҳимағзон намеоям, сабаб ин аст,
Забони оташи шамъам, зи боди ғор метарсам.

Напӯям роҳи қалби мункирони хешро ҳаргиз,
Ки тифли содаам, аз ваҳми шоми тор метарсам.

Агар ҷон бар лаб ояд, лаб ба ҷӯи сифла н-олоям.
Ки халқи покам, аз пастобаи мурдор метарсам.

Миси худ беибо зор вонамоянд иддае айёр,
Ман аз ин корсозони сари бозор метарсам.

Тавон гуфтан ба номи шеър ҳар шаб назмаке, Нозир,
Вале аз таъни рӯҳи Ҳофизу Аттор метарсам.

* * *

Хоку обу боди кишвар бӯи дору мекунад,
Шаҳру деҳа, хонаву дар бӯи дору мекунад.

Гул, ки умре дар ҷаҳон бо накҳати худ шӯҳра буд,
Дар канори боғ дигар бӯи дору мекунад.

Доруобод аст ҷисму хонавайрон аст рӯҳ,
Хуни раг, андешаи сар бӯи дору мекунад.

Мехӯрад кам-кам ғизои хӯрдаи мо ҷисми мо,
Қути мо з-он ки саросар бӯи дору мекунад.

Ҳамзамони мо агар фардо бияфтад дар биҳишт,
Боғи Фирдавс, оби Кавсар бӯи дору мекунад.

Мушку анбар буд зулфи духти тоҷик аз азал,
Ваҳ, ки акнун мушку андар бӯи дору мекунад.

Аз ҳавои заҳрогин баски мегирад нафас,
Кӯдаки навзод дар бар бӯи дору мекунад.

Тифл агар ояндаи миллат бувад, пас шафқате,
Дар даҳонаш шири модар бӯи дору мекунад.

Ҳиммате, ёрон, паи фардои безаҳру зақум,
Нақшаҳои тозаву тар бӯи дору мекунад.

* * *

Ошдону суфраву хон бӯи модар мекунад,
Бистару болину таҳмон бӯи модар мекунад.

Остоне нест волотар зи даргоҳи падар
З-он ки ҳар як колаи он бӯи модар мекунад.

Дастпухти модарам буд нони аввал хӯрдаам,
Баъди он ҳар ҷо ба ман нон бӯи модар мекунад.

Ташбеҳе набвад ба модар гар дар олам, бок нест,
Зиндагонӣ худ, азизон, бӯи модар мекунад.

Кистам ман, як нишон аз зиндагии модарам,
Дар барам дил, дар танам ҷон бӯи модар мекунад.

Бо забони модарӣ гоҳи сухан андешае,
К-ин лисони лутфу эҳсон бӯи модар мекунад.

Поси урфи миллати мо қарзи фарзандии мост,
Расму оини ниёгон бӯи модар мекунад.

Хок шуд то модари равшанравонам дар барат,
Гарди хокат, Тоҷикистон, бӯи модар мекунад.

* * *

Эй бехабар, аз қудрати мову ҳунари дил,
Боре бинигар бар дили мо бо басари дил.

Ҳарчанд худоянд ба чашми ту рақибон,
Ҳеҷанд ҳама яксара андар назари дил.

Дил баҳри дамонасту чу ойина бувад соф,
Дар мағзи дилам ишқи ту бошад гуҳари дил.

Дил ғарқаи нураст, зи бас чун маҳу хуршед,
Равшан бикунад ёди ту шому саҳари дил.

Ту ҳастию обод бувад хонаи қалбам,
Он рӯз мабодо, ки набошӣ ба бари дил.

Мебош ба ҳар ҷой ту осуда зи манзил,
Ғайр аз ту ба кас во нашавад ҳеҷ дари дил.

Бар дил накунад кора ягон теғи нигоҳе,
Аз баски бувад ишқи ту умре сипари дил.

Ҷуз фикри вафо бар тую бар меҳану бар халқ
Фикри дигаре несту н-ояд ба сари дил.

* * *

Дишабам сарви қадат шамъи шабистон шуда буд,
Ҷонам аз оташи шавқи ту табистон шуда буд.

Тоқи абрӯи ту буду ҳама шаб саҷдаи ман,
Хонаи кофари ишқат Арабистон шуда буд.

Чашми мастат сабақомӯзи дилам буд зи ишқ,
То саҳар хилвати мо турфа дабистон шуда буд.

Ту ба ман байт ҳамехондию ман бар ту ғазал,
Зулматистони ману ту адабистон шуда буд.

Парда бо ноз чу бардоштӣ аз саҳнаи ҳусн,
Чашми ҳайратзадаи ман аҷабистон шуда буд.

Дил ҷудо толиби ту буду лабу дӯш ҷудо,
Ҳастии ман ҳама шавқу талабистон шуда буд.

Дар саропои ту бишкуфта найи бӯсаи ман,
Бадани нозуки ту нақши лабистон шуда буд.

Чашми маҳмур буду шурби лабу ҷоми висол,
Олами мову ту дигар тарабистон шуда буд.

* * *

Дар рамақ ҷону вале ҷонона мехоҳад дилам,
Шӯълаи хомӯшаму парвона мехоҳад дилам.

То шавад осон ба зулфи хури матлаб дастёб,
Садзабониҳою макри шона мехоҳад дилам.

Онқадарҳо даҳшату ваҳшат бидидам дар ҷаҳон,
К-аз ҳақиқат дилгазам, афсона мехоҳад дилам.

Хос агар ин асту ом ин асту маъмурии давр,
Кунҷи узлат, гӯшаи вайрона мехоҳад дилам.

Аз хамӯшиҳои ҳушёрон ду гӯшам занг баст,
Пардадар як наъраи мастона мехоҳад дилам.

Гар ки диям бандагиву ин дамам ворастагист,
Боз ҳам бар дасту по завлона мехоҳад дилам.

Баски дар аҳли замон, Нозир, зи паймон пай намонд,
Аз надомат пай ба пай паймона мехоҳад дилам.

* * *

Эй духтари ҳамсоя, ҳоло ту куҷо бошӣ?
Ҳар ҷо ҳам агар бошӣ, бошад, ки баҷо бошӣ.

Ман моилу ту ғофил рафтем паи қисмат,
Боре нашуд имконе дар сӯҳбати мо бошӣ.

Ту рафтию то ин дам гӯш он сӯи деворам,
Гӯё зи ҷавониҳо сӯям ба садо бошӣ.

Бо барқи ду чашмонат, рахши рухи тобонат,
Дар қаъри дилу хотир дар тобу ҷило бошӣ.

Ҳангоми дуо зикре ҷуз ин ба лабам н-ояд,
К-аз толею аз бахтат қоневу ризо бошӣ.

Дар орзуи васлат месӯзаму мехоҳам,
Бо ҳамсафари умрат умре бавафо бошӣ.

Чун дар ғами ту мирам, гоҳе ба забон гирам,
Бо ёди қарибонат вақте ба дуо бошӣ.

Бо ёди ту дунёям зебо бувад у рангин,
Бошӣ, ба Худо, бошӣ! Бошӣ, ба Худо, бошӣ!

* * *

Ман на онам, ки ба раъйи дигарон бинвисам,
Он чӣ амри дилу виҷдон бувад, он бинвисам.

Ҳама гарманд ба тавсифи сурури рӯйӣ,
Ман ниҳонӣ зи ғаму дарди ниҳон бинвисам.

Заҳмати шеъри асил арчи дилу ҷон бихӯрад,
Дилу ҷон карда фидо, аз дилу ҷон бинвисам.

Шоирам, зодаи ин хокаму як фарди ҷаҳон,
Ҳамчу як фарди ҷаҳон баҳри ҷаҳон бинвисам

Зодаю мурдаи як давр намехоҳам буд,
Чу нависам, бари ҳар давру замон бинвисам.

Бешак аз ман на нишон монаду на ном пагоҳ,
Агар имрӯз бари ному нишон бинвисам.

Нозиро, нест, хаёлам, зи дарӣ шевотар,
Ғарқи нозам, ки бад-ин шоҳзабон бинвисам.

* * *

Бо чанд тани бедард маҳфил натавон кардан,
З-ин зумра муроди дил ҳосил натавон кардан.

Гар беҳунарӣ зотист, суде зи такопӯ нест,
Безавқи табииро қобил натавон кардан.

Сад мактабу сад фозил сад сол агар омӯзад,
Ҷоҳил, ки бувад ҷоҳил, оқил натавон кардан.

Гар шоҳ ситамгор аст, кӯшиш ҳама бекор аст,
Бо ҳикмату андарзаш одил натавон кардан.

Аз ботили баттолон баттол шуд ин дунё,
Баттолии дунёро ботил натавон кардан.

Дӣ чун ба яке зарра бифрӯхтиям, дигар
Бар худ ба дусад шамсам моил натавон кардан.

Нозир, ту ки ҳақгӯӣ, сад кӯи ҳунар пӯӣ,
Дар ҳалқаи хубонат шомил натавон кардан.

* * *

Дил нест дили ман, кафи хоки Ватан аст ин,
Хунқатраи ин миллати рӯинатан аст ин.

Воло зи Ватан қудсияте нест бари ман,
Ҷадди ману гаҳворaю тобути ман аст ин.

Эй он ки ба ғурбат зи паи номию комӣ,
Гар комрасоне бувадат, худ Ватан аст ин.

Даври ду-се безавқ ҳақе гуфтаму гуфтанд:
– Берун кунаш аз давра, ки як бедаҳан аст ин!..

То кай ҳама мисро зари холис бинигорем?
Оташ ба ҳарамгоҳи адолат задан ин аст!

Мадҳи ғаразолудаи бепояи маддоҳ
Тавсиф на, кафки даҳани аҳриман аст ин.

Дар ҷодаи худ то нашудам ман худам устод,
Устод нафармуд, ки «шогирди ман аст ин!»

Маҳфил пури «аллома»-ву як фикри таре нест,
Инсоф, азизон, чӣ рақам анҷуман аст ин?!

Шеър омада бар дод зи хайли ҳавасиҳо,
Бесоҳибию хории тоҷи сухан аст ин.

Ворастагӣ аз Боҳирӣ омӯзу бипарҳез,
Аз хайрати дунон, ки ба гардан расан аст ин.

* * *

Ман ошиқи дирӯзам, дилдодаи фардоям,
Шоҳаншаҳи дирӯзам, шаҳзодаи фардоям.

Дар даст намеоям, дар чашм наметобам,
Ман шуртаи дирӯзам, шаббодаи фардоям.

Шояд суханам имрӯз аз нашъа бувад орӣ,
Ман шарбати дирӯзам, ман бодаи фардоям.

Имрӯз ба бӯи дон худро назанам бар дом,
Ворастаи дирӯзам, озодаи фардоям.

Эй он ки маро ҷӯйӣ дар качраҳаҳои давр,
Дар даст асои килк дар ҷодаи фардоям.

Имрӯз ки дар поям, шукронаи даргоҳаш,
Бошад ки нагардонад афтодаи фардоям.

Нозир, агарам имрӯз нашносӣ, аҷаб набвад,
Ман тухмаи дирӯзам, ман зодаи фардоям.

## БИМ НАДОРАМ

То буд дили ман ба ману буд асирам,
Буданд асирам ҳама сиррам ба замирам.

Дил рафтаву бикшуд ҳама роз ба дилбар,
К-аз дасти дили худ шуда побастаи сиррам,

Тарсам ки битобад сияҳ он чашми сияҳро,
Бо дидаи дил бин дили дар ранг чу ширам.

Як умр ҷафоят зи гиребони ману ман
Аз домани уммеди туам даст нагирам.

Дар назди ту чун мӯр агарам оҷизу хомӯш,
Бар зидди рақибон ҳама ғурранда чу шерам.

Дар кишвари ишқи ту як овора наям, на,
Аз мулки вафо, эй малаки ҳусн, сафирам.

Гар умр ба поён расадам, бим надорам,
То зинда бувад шеъру ғазал баски намирам.

## СӮЯТ САФАР КУНАМ

Не баҳри он ба сӯи ту, фардо, сафар кунам,
К-ин роҳи умри монда бибояд гузар кунам.
Сӯят сафар кунам,

Аз дасти шоҳи монеаҳои раҳи умед
То тоҷи орзу биситонам, ба сар кунам,
Сӯят сафар кунам.

Бо теғи килку савти дили пурхурӯши худ
То чашму гӯши нохалафон кӯру кар кунам,
Сӯят сафар кунам.

Нокардакорҳо диҳам анҷому аҳли дил
То заррае зи ҳастии худ баҳравар кунам,
Сӯят сафар кунам.

Бо рӯи сурху бо дили осуда гоҳи марг
Бар роҳи тай намудаи худ то назар кунам,
Сӯят сафар кунам.

* * *

Ту зебоию зеботар зи ту дар даҳр ёре нест,
В-агар бошад, ба пеши меҳр маҳро эътиборе нест.

Ба ту дил додаму акнун шудам воқиф, ки дар олам
Чу нерӯи муҳаббат қувваеро иқтидоре нест.

Ба роҳат дида медӯзам, биё ҷонам, макун таъхир,
Ба кас душвортар коре ба олам з-интизорӣ нест.

«Ба уммедам мабошу гир домони дигар» гуфтӣ,
Чӣ созам гар маро ҷуз ту ба ёре ихтиёре нест?

Ба даст орад агар охир, дили сангини ту Нозир,
Чи хуш, байни рақибонаш аз ин беш ифтихоре нест.

## ШИКВАИ АҚЛ ВА ПОСУХИ ДИЛ

Чи шӯре буду савдое, ки моро бар сар овардӣ,
Ҳама асрори мо вирди забони даҳриён кардӣ.

Дар ин давре, ки мардум азми кашфи сирри маҳ доранд,
Бигӯ, то кай фиғону нолаву кӯи бутонгардӣ?

Шавам то фориғ аз бесабрию доғи ҷунуният,
Дило, кай бошаду кай ту зи роҳи ишқ баргардӣ?

Табассум карду гуфто дил, ки дур афкан, чу битвонӣ
Зи оташ гармию аз моҳ анвору зи ях сардӣ.

Вагарна, ё хамӯшӣ пеша мекун, ё худ, эй носеҳ,
Даме дар ҷои ман бошу ҳунар бинмой, агар мардӣ.

* * *

Худовандо, намегӯям ҷаҳон деҳ,
Ҷалолу ҷоҳу ному шаъну шон деҳ.

Карахтам карда даҳри ғафлатобод,
Зи нав то бар худ оям, як такон деҳ!

Бигӯям беибо то дарди дилҳо,
Ҷасорат деҳ, шуҷоат деҳ, забон деҳ.

Нагардад то даҳонам ҳарзаолуд,
Забони ростгӯю ҳақбаён деҳ.

Кеҳу меҳро дурӯғ арчи гуворост,
Худ аз кизби тамаъзодам амон деҳ.

Гаҳи иншои шеър озода килке
Барӣ з-андешаи суду зиён деҳ.

Ба қасру кӯшкам набвад зарурат,
Фақат бар шеърам аз дилҳо макон деҳ.

Дами пирӣ, гаҳи вомондагӣ ҳам
Дилу рӯҳи ҷавон, табъи равон деҳ.

Талаб умри абад бар худ надорам,
Ба ашъорам ҳаёти ҷовидон деҳ.

Ҷавониҳо гунаҳзо буд, ба пирӣ
Харам то он гунаҳҳоям, замон деҳ.

Ба хушрӯзон зимистон ҳам баҳор аст,
Ба Нозир ҳам баҳори бехазон деҳ.

* * *

Чӣ шуд ин гунбади нилуфариро,
Ки гум кард одамӣ одамгариро.

На чашме дида, не гӯше шунида
Чунин як давраи кӯрӣ, кариро.

Худоё, шукр, ҳастӣ в-арна аз кин
Хӯранд ин бандагон ҳамдигариро.

Сарӣ дорад зи баски бесариҳо,
Занад сар, ҳар куҷо бинад сареро.

Ҳама худбин, ҳама худкому худрой,
Намебинанд ҷуз худ дигареро.

Ҳазорон нуқсу айби ҳусн ҷӯянд,
Зи арш орӣ агар ҳуру париро.

Кунанд эълон уқоби осмонгир,
Намуда чӯҷамурғи бепареро.

Хамӯш, эй Боҳирӣ, даврон наварзад
Каломи аз ситоишҳо бариро!

*1993*

* * *

Дар оташи дарди дигарон сӯхтан омӯз,
Чоки дили хунинҷигарон дӯхтан омӯз.

Хоҳӣ, ки якат ду шаваду дуи ту беҳад,
Аз коҳилии худ бибур, омӯхтан омӯз.

Дар зулмати ҷаҳли азалӣ чанд хӯрӣ печ,
Машъал ба дил аз маърифат афрӯхтан омӯз.

Фардо накунад сарвати ту гӯри ту равшан,
Рав, шаъшааи фотиҳа андӯхтан омӯз.

Нозир, накунад арзиши як дил фари дунё,
Баҳри диле олам ҳама бифрӯхтан омӯз.

* * *

Бачча мӯлу мард мӯлу баччамард аммо кам аст,
Оламе дардисар асту аҳли дард, аммо, кам аст.

Ҳар касе хоҳад, ки бошад роҳи умраш тахту рост,
Зери чархи қаҷрави дун ростгард, аммо, кам аст.

Ҷоннисорӣ бар Ватан хайр асту баҳри ин амал
Интизорӣ то ба ҳангоми набард, аммо, кам аст.

Ҷумла гарми сайри арши бехудиҳои худанд,
Он ки андешад зи зери хоки сард, аммо, кам аст.

Сафҳаи айём, Нозир, пур шуд аз шеъру ғазал,
Дархӯри завқи ту байти нобу фард, аммо, кам аст.

* * *

Оҳ ноҷост агар бедард аст,
Гиря – кизб, ашк агар ки сард аст.

Мард бояд ки ҳунар бинмояд,
Худнамоӣ сифати номард аст.

Гулбуни соҳили ин рӯд манам,
Хору хасҳо ҳама селоворд аст.

Қомати сарв агарчи дилҷӯст,
Зиҳӣ он бутта, ки бор овардаст.

Дил, ки монд аз ҳама дунё, фаҳмид
Маҳ чаро тоқаву танҳогард аст.

Мурдадил чист – буне хушкида,
Зиндадил ҷӯй, ки он тарнард аст.

Мазҳаби дил дигару нафсу шуур,
Байни ин се зи азал новард аст.

Пок бошад зи гунаҳ назди худой
Ҳар кӣ иқрор ба айбаш кардаст.

Кам магирӣ рухи зардина зи аҷз,
Нозиро, ранги тило ҳам зард аст!

* * *

Ватан, кӯҳи азим аст аз ту он қарзе, ки ман дорам,
Паи баркандаи ин кӯҳ азми Кӯҳкан дорам.

Агар аз оби рӯю хуни дил нанмоямат шодоб,
Чӣ ҳақ дорам, ки гӯям ҳамчу ту боғу чаман дорам.

Дусад ҷон ҳам агар медоштам, мекардамат қурбон,
Ба қурбонат кам аст ин як равоне, ки ба тан дорам.

Агар хизмат ба меҳан нест маънии ҳаёти ман,
Чӣ суд аз ин ҳаёту з-он ки мелофам: «Ватан дорам!»

Нагардад сарф агар умрам паи сарсабзии ҷонат,
Дар ин гулшан чӣ фарқе пас ман аз зоғу заған дорам.

Ҳазорон умр мебояд, ки орам хидматат бар ҷой,
Чӣ хидмат метавон кардан ба як умре, ки ман дорам.

Забоне ки насозад васфи меҳан, канда беҳ аз ком,
Ману васфи ту кардан, то маҷоли гап задан дорам.

*Кобул. 1982*

* * *

Ман фикри дурии ту зи сар дур кардаам,
То дил зи шамъи ёди ту пурнур кардаам.

Бе ту басе ҷавон шудаам, чун зи умри хеш
Солу маҳи фироқи туро кӯр кардаам.

Ҳар дам ҳазор ғусса занад неш дар дилам,
Дур аз ту сина хонаи занбӯр кардаам.

Ҷуз нола нашнавӣ дигар аз ман, ки аз ғамат
Дил тору сина косаи танбӯр кардаам.

Тарсам, ки гирад оқибат оҳи дилам маро,
Охир, манаш ба ҳаҷри ту маҷбур кардаам.

Эй дил, бас аст нола зи ман, к-аз барои ту
Ман ҳам вуҷуди худ ҳама ранҷур кардаам.

Чизе набуд дил ба ҷаҳон бе ту, ман варо
Танҳо туфайли ишқи ту машҳур кардаам.

То ишқи туст, мурдани ман кори саҳл нест,
Ман марги худ ба хоки адам гӯр кардаам.

*Кобул, 1987.*

* * *

Ватан чист, ин муаммо аз каси дур аз Ватан пурс,
Мақоми тан зи ҷони рафта берун аз бадан пурс.

Чӣ қимат дорад оне, ки хиёнат бар Ватан кард?
Рав, аз радди Ватан пурс, аз сари маҳруми тан пурс.

Ҳаёту давлати дунё ба фарди беватан чист?
Зи бойи беватан пурс, аз майити дар кафан пурс.

Мақоми беватан дар мулки бегона чӣ сон аст?
Зи буму лошахорон пурс, аз зоғу заған пурс.

Чиро монад ба хоки ғайр озодиву зевар?
Зи бандиҳои дасту пою гардан дар расан пурс.

Агар ҳифзи Ватан бояд, чиро бояд сипар кард?
Зи мушту нохуну дандони ман, аз ҷони ман пурс.

*Кобул, 1982.*

* * *

Тарсам ба ҳаҷр тоб дигар н-оварад дилам,
В-ин синаи фусурдаам аз ғам дарад дилам.

Донад, ки як карат зи дили ту гузаштааст,
Аз баҳри ман ҳазор карат бигзарад дилам.

Моҳӣ ба рӯи тобаи тафсон гузору бин,
Бе ту чӣ гуна рӯз ба сар мебарад дилам.

Аз ғам ҳазор зарра шуда дар ҳавои туст,
То бо ҳазор дида ба ту бингарад дилам.

Аз чор сӯй тир парад сокит асту лек,
Чашмам парад, ба ёди ту як қад парад дилам,

Биншаста ноаён бари домони ту чу гард,
Пинҳонӣ аз ту ҳар қадамат бишмарад дилам.

Умрест ҳамчу Каъба ба ту саҷда оварад,
Э вой, агар ба сидқи ту шак оварад дилам.

Пираш махон, ки бо ҳама пирии худ ҳанӯз,
Аз сад ҷавон дар ишқи ту бозӣ барад дилам.

*Кобул, 1987.*

* * *

Ишқи ҷӯшон, рашки сӯзон буда тору пуди ман,
Ҳусну қубҳи ман ҳамин асту зиёну суди ман.

Мечашам пайваста бо ҳам нӯши ишқу неши рашк,
Мекушад охир маро ин шаҳди заҳролуди ман,

Бо ҳама таҳқиру хорӣ зиндаам, дардо, ҳанӯз,
Доду вовайло зи дасти сабри номаҳдуди ман.

Зиндагии ман гузашт андар талоши нангу ном,
Зррае гар тан ба бенангӣ диҳам, нобуди ман.

Эътиқоди ман ба кас дарёст, аммо, эҳтиёт,
Қатрае гар кам шавад, дигар бихушкад рӯди ман.

Гар бимирам дур аз ту, бар забонам бингарӣ,
Нақши номи хеш дарёбӣ дами падруди ман.

Тирагиҳои ҳаво аз боди афғонӣ мадон,
Сӯхтам аз ҳаҷру оҳам бурд сӯят дуди ман.

*Кобул, 1987.*

* * *

Гарчи зи ту дурам, Ватан, ман бо туям, ту бо манӣ,
Гар, ту най, ман нестам, ман шӯълаам, ту гулханӣ.

Аз худ раҳо кардӣ маро, то оламе равшан шавад,
Эй офтоби бахти кул, ман нуру ту нурафканӣ.

Ҳар ҷо равам бо номи ту, ғам рафта шодӣ мерасад,
Зулмот барҳам мехӯрад, ҳар ҷо ки ояд равшанӣ.

Дар хизматат сӯзансифат баски ба сар ҳастам равон,
Гул руста ҳар ҷо аз паям чун нақши рӯи сӯзанӣ.

Бар ин дили ороста дӯзад ҷаҳон чашми ҳавас,
Чун аз матои меҳри ту дорад аҷаб пироҳане.

Аз чашмаи меҳрат, Ватан, чун хӯрдаам оби ҳаёт,
Аз тиру теғам бок не, дигар ману рӯинтанӣ.

Ҷон гар фидо шуд дар раҳат, набвад, Ватан, ҷои дареғ,
Бе ман накоҳад ҳусни ту, ман як гулам, ту гулшанӣ.

*Кобул, 1982.*

* * *

Дур аз ту як шаби дигар саҳар шуд, эй Ватан,
Боз як рӯзи ҷудоӣ пушти сар шуд, эй Ватан.

Гарчи буд аз умри ман ин рӯз, шукри он ки рафт,
Боздиди мову ту наздиктар шуд, эй Ватан.

Вақт бозистод оё, ки чу умре тӯл ёфт
Ҳар нафас, ҳар дам, ки бе ту даргузар шуд, эй Ватан.

Тӯшааш меҳри ту буду матлабаш иҷрои қарз,
Дил ба амри ту даме ки дар сафар шуд, эй Ватан.

Дидаам ҳар ҷо ки бе ту бар зару зевар фитод,
Пеши чашмам гарди хокат ҷилвагар шуд, эй Ватан.

Гулсифат дил ҳар куҷо гарчи рухи хандида дошт,
Лоласон аз ҳаҷри ту хуни ҷигар шуд, эй Ватан.

Ашки ҳиҷрон буд зиндонии чашмам рӯзҳо,
Узр, агар пинҳон зи ман шабҳо бадар шуд, эй Ватан.

Меҳри ту дар боғи дил буд гар ниҳоли наврасе,
Берун аз хокат дарахти пурсамар шуд, эй Ватан.

* * *

Гаҳ ҳукми сарат будам, гаҳ турми дарат будам,
Гаҳ хоки раҳат гаштам, гаҳ тоҷи сарат будам.

Гаҳ дарду гаҳе дармон, гаҳ заҳру гаҳе позаҳр,
Гаҳ бар дили ту ханҷар, гоҳе сипарат будам.

Гаҳ монеаи роҳат, гаҳ роҳнамо гаштам,
Гаҳ банд ба пои ту, гаҳ болу парат будам.

Гаҳ буд сияҳ рӯзат бо ман чу шаби ялдо,
Дар шоми сиёҳи ғам гоҳе саҳарат будам.

Дар боғи ҳаёт, эй гул, ман хори ту будам, лек,
Бо ин ҳама хориҳо ҳусни дигарат будам.

Гаҳ толеи пурнурат, гаҳ қисмати пуршӯрат,
Гаҳ рӯю лаби хандон, гаҳ чашми тарат будам.

Дар роҳи ҳаёти ту, гар бад будаам гар нек,
Ҳар чиз ки ҳам будам, ман ҳамсафарат будам.

Дар асл, агар хоҳӣ донӣ, ки кӣ будам ман, –
Як ошиқи бечора, як муштипарат будам.

Пеши назарам будӣ дар хобу ба бедорӣ,
Бо ҳукми қазо ҳар гаҳ дур аз назарат будам.

Кофист ҳамин давлат бар мову ту, ки умре
Ҷону ҷигарам будӣ, ҷону ҷигарат будам.

*Кобул, 1987.*

* * *

Ватан, гӯӣ нишин, шинам, бигӯӣ хез, бархезам,
Ба ҷон ҳарфи туро чун ҳалқа дар гӯши дил овезам.

Ту гар осудаӣ, осудаам ман, хомаи сулҳам,
В-агар пеш оядат хавфе, ҳамоно ханҷари тезам.

Ҳар он к-ӯ бар ту бистезад, бимон, аввал бияндешад,
Ки чун хоҳад шудан ҳолаш, манаш вақте ки бистезам.

Агар рӯзи дифоят зинда бошам ман, чӣ ҷои гап,
В-агар ки мурда ҳам бошам, ман аз тобут бархезам.

Ҳаром аст арчи хунхорӣ, вале пеш ояд ар ҳифзат,
Дигар аз хӯрдани хунҳои хунхорон напарҳезам.

Амонихоҳии ман ҳаргиз аз тарсу заифӣ нест,
Ба амрат қодирам, дар соате хоки адӯ безам.

Мани озодапарвардат, Ватан, озодатар гардам,
Агар дар роҳи ҳифзи ту ба хоку хун даромезам.

Ватан, бе ту пари коҳам, Ватан, бо ту сари кӯҳам,
Ватан, ман бе ту чизе не, Ватан, ман бо ту ҳар чизам!

*Кобул, 1987*

* * *

Рӯзу шаби фироқ, ки аз ту ҷудо гузашт,
Аз ман мапурс, к-аз сари ман то ҷиҳо гузашт.

Ҳар як нафас чу соату ҳар соате чу рӯз,
Ҳар рӯз ҳамчу давраи беинтиҳо гузашт.

Рӯ сӯи қибла дар талаби амнат аз Худой
Рӯзам ба илтиҷою шабам бо дуо гузашт.

Вайрона бод хонаи дил, гар ки аз дилам,
Дур аз туам ба ҷуз туву ғайри Худо гузашт.

Аҳсанти дил, ки дар ҳама ҷо бо сари фароз
Аз имтиҳону санҷиши сидқу вафо гузашт.

Бар қадри васли дил бирасӣ, к-ин раҳи висол,
Аз байни хуну оташу тиру бало гузашт.

*Кобул, 1987*

* * *

Ватан, дар сар маро ҷуз фикри ту савдои дигар нест,
Агар фориғ шавад аз фикри ту як лаҳза сар, сар нест.

Туро бо ҷон баробар гуфтаам, густохиям бахшой,
Сари садҳо чу ман бо як кафи хокат баробар нест.

Ҳаётам бо ту пурнуру раҳам равшан, Ватан, варна,
Дусад хуршед ҳам рахшад ба сар, рӯзам мунаввар нест.

Дили аз ишқи ту холӣ, Ватан, баҳрест хушкида,
Ки онро мавҷу тӯфон нест, исён нест, гавҳар нест.

Ҳазар з-он чашму дасту сар, ки нуру зӯру идрокаш,
Паи беҳбудии халқу Ватан умре сафарбар нест.

Ватан киштиву мо киштинишину зиндагӣ дарёст,
Кас аз киштӣ фитад, ғарқад, агар ҳам сад шиновар нест.

Ватан, ҳар ҷо ки будам, ҷониби ту буд чашми дил,
Ба тифлон ҳеҷ ҷое хуштар аз домони модар нест.

*Кобул, 1981*

* * *

Дилро, ки ғам фушурд, туро ёд мекунам,
Ёди ту мекунам, дили худ шод мекунам.

Ободии сарои касон гар зи сарват аст,
Ман хона бо ҷиҳози дил обод мекунам.

Домони ишқи ёру гиребони зиндагӣ,
Ҳарду ба як замон зи каф озод мекунам.

Ин сатрҳои пур зи ҳарорат, ки пеши туст,
Ҷонам, гумон макун, ки ман эҷод мекунам.

Сӯзад қалам ба ҳоламу резад ба сафҳа ашк,
Чун бесадо зи дарди ту фарёд мекунам.

Худ донаму Худо, ки паи донаи висол
Ин кӯҳи коҳи ҳаҷр чӣ сон бод мекунам.

Бар ман турову насли маро дода бас Худой,
Шукри ту, шукри насли Худодод мекунам.

*Кобул, 1982*

* * *

*Барои духтарам*

Нахли қадди ту нумӯ карда чу шамшод шавад,
Гулшани бахти ту, Шамшоди ман, обод шавад.

Талаби ман фақат ин аст зи даргоҳи карим,
Ҳамаи дарду балоҳи ту барбод шавад.

Ту аҷаб не, ки бипоӣ раҳи ман рӯзи дароз,
Чу наоям, ҳама шаб кори ту фарёд шавад.

Не, дигар гиря макун, ҷонаки ман, бояд кас
Ба касон гоҳи зарурӣ паи имдод шавад.

Ту мапиндор, ки дур омадам аз бемеҳрӣ,
Ҷигарам хун шавад аз хонаву дар ёд шавад.

Зи чӣ дар банди фироқам, ту магар медонӣ?
То ҷаҳоне, чу ту, аз банди ғам озод шавад.

Ҳиммате созу даро як шабаке дар хобам,
То дили ғамзадаам дида туро шод шавад.

Бишавӣ лоиқи ҷоӣ ту, илоҳо, омин,
Падару модари ту соҳиби домод шавад.

*Кобул, 1981*

* * *

Бо Ватан эй дил, чу тифли нози ин дунёстӣ,
Бе Ватан дар ҳалқаи аҳли ҷаҳон танҳостӣ.

Ваҳ, чӣ хуш омезише, бо ҳам чӣ хуш осоише,
Дар ниҳоди ту Ватан, ту дар дили ӯ ҷостӣ.

Ин Ватан шоистаи тавсифи беохир бувад,
Бетанаффус гӯй васфаш то даме гӯёстӣ.

Заррабинсон ин Ватан бар оламе кардат аён,
Варна дар чашми ҷаҳон чун зарра нопайдостӣ.

Дастгирони Ватанро дастгирӣ кун ба ҷон,
То даме дорои дасту панҷаи гиростӣ.

Тифл агар домони модар сар диҳад, афтад зи пой,
Сар мадеҳ домони Меҳан то ки раҳпаймостӣ.

Қасри фардои Ватан ҷуз ту кӣ месозад дигар,
Остин барзан, ки худ меъмори ин иншостӣ.

То даме барҷостӣ, эй дил, зи ёди худ мабар,
Пости шаъни Ватан – ҷои ту то дар постӣ.

## БӮИ ВАТАН

*Барои Мирзоҳаёт Давлатов*

Раҳ гирифтам сӯи ту, кӯи Ватан омад ба ёд,
По ниҳодам бар дарат, бӯи Ватан омад ба ёд.

Боз кардӣ то ту оғӯшат ба истиқболи ман,
Боғу саҳроҳои дилҷӯи Ватан омад ба ёд.

Ашки шодӣ ҳалқа зад дар чашмат аз дидори дӯст,
Соҳили чашма, лаби ҷӯи Ватан омад ба ёд.

Гуфтугӯ кардан ба лаҳни модарӣ хуш давлатест,
Гоҳи сӯҳбат Вахшу Омуи Ватан омад ба ёд.

Шукри ин як дам, ки бишкаст андаке хуммори дил,
З-он ки аз симои ту рӯи Ватан омад ба ёд.

## БАХТИ ҶОВИДОН

Ватан – ин аҳли байту хонаи ман,
Саропои Ватан – кошонаи ман.
Ватан бар ман фақат обу замин нест,
Ватан – ин мардуми фарзонаи ман.
Ватан – панди падар, уммеди модар,
Ватан – ишқи ману ҷононаи ман.
Ватан – ин суфраи пур, дидаи сер,
Ҳаёти ҳамчунон афсонаи ман.
Манам чун мурғи хушболупари бахт,
Ватан – обу ҳавою донаи ман.
Ғуруру сарбаландии ман аз ӯст,
Ватан – зӯри миёну шонаи ман.
Ватан – минбар, Ватан – овози бурро,
Ватан –ин ҳарфи озодонаи ман.
Паи ободиҳояш ҷонфишонӣ –
Ватанро ин бувад шукронаи ман.
Шикасти ӯ шикасти нанги мардист,
Ватан – паймони ман, паймонаи ман.
Чӣ бахти олие, мурдан ба роҳаш
Бувад гар қисмати пешонаи ман.
Ба бадкешон куҷо, охир, диҳам роҳ,
Уқобам ман, Ватан – ин лонаи ман.
Ба дунё зиндагӣ бе бахт марг аст,
Ватан – ин бахти ҷовидонаи ман.

# С У Р У Д Ҳ О

## КОРГАР

Кӯҳро он ки аз по фитонад, туӣ.
Шӯъла аз оби дарё ситонад, туӣ.
Он ки чархи замон пеш ронад, туӣ.
Зиндагиро ҳаме гул кунонад, туӣ.

Сӯи фардо равон пеши саф коргар,
Толеи халқи олам ба каф, коргар.
Бори имрӯзу оянда бар дӯши туст,
Бар тую насли ту сад шараф, коргар.

Дода азми ту фӯлодро обутоб,
Гашта аз зӯри бозуи ту оҳан об.
Бо ҳама қудраташ монда андар шигифт
Дида нурофаринии ту офтоб.

Сӯи фардо равон пеши саф коргар,
Толеи халқи олам ба каф, коргар.
Бори имрӯзу оянда бар дӯши туст.
Бар тую насли ту сад шараф, коргар!

## ВАРЗИШ

Қавию чусту чолокем,
Далеру шӯху бебокем.
Зи дарду ранҷи тан покем,
Ҳама шоду фараҳнокем.

*Нақарот:*
*Ҳузури ҷисму ҷон варзиш,*
*Кунад хурду калон варзиш.*
*Диҳад рӯҳу тавон варзиш*
*Ба ҳар пиру ҷавон варзиш.*

Бувад варзиш шиори мо,
Зи варзиш ифтихори мо.
Талошу машқ кори мо,
Зафар ҳар ҷост ёри мо.

*Нақарот:*

Ҳамеша рӯ ба майдонем,
Ба садде дарнамемонем.
Қафогардӣ намедонем,
Чу варзишгар ба ҷавлонем.

*Нақарот:*

Бихоҳӣ ёбӣ обутоб
Зи файзи офтобу об,
Бихезӣ чун саҳар аз хоб
Ба варзиш мисли мо биштоб.

*Нақарот:*

## ТАРОНАИ ҶАВОНӢ

Ба сар хуршед тобон аст,
Табиат гулбадомон аст.
Ҷавониям шукуфон аст,
Дилам дарёи ҷӯшон аст.

Ҷавонам ман, ҷавонам ман,
Пур аз тобу тавонам ман.
Сафобахши замонам ман,
Ҷавонии ҷаҳонам ман.

Ба хушбахтӣ ки раҳпӯям.
Пур аз нирӯст бозуям,
Дури мақсуд меҷӯям,
Гули уммед мебӯям.

Рухи пиру ҷавон зебост,
Замину осмон зебост.
Ҳар он чӣ бинам, он зебост,
Ҷавонӣ, ваҳ, чи сон зебост.

Ҳаёт аз чашми ман пурнур,
Ҷаҳон аз азми ман пурзӯр,
Диле оташ, саре пуршӯр,
Ҷавонӣ, дидаи бад дур!

Ҷавонам ман, ҷавонам ман,
Пур аз тобу тавонам ман.
Сафобахши замонам ман,
Ҷавонии ҷаҳонам ман.

## БОҒШАҲРИ МО

Боғшаҳри мо, Душанбеи азиз,
Ин қадар ҳастӣ ба ҷону дил қарин!
Дар хаёли мо, ки дар рӯи ҷаҳон
Нест монанди ту шаҳре нозанин.

Гирду атрофи туро печондаанд
Кӯҳҳои сарбаланду сабзпӯш.
Аз барат дарёчаи шӯхи пуроб
Рӯзу шаб ҷорист бо ҷӯшу хурӯш.

Ҳар яке аз ҳамдигар зеботаранд
Кӯчаю боғоту майдонҳои ту.
Нур гирад, нур гирад чашми кас
Аз тамошои хиёбонҳои ту.

Ҳамчу гулҳои баҳорӣ рустаем
Дар канори сар ба сар гулпӯши ту.
Аз фароҳмандӣ биболад дил, ки мо
Зиндагӣ дорем дар оғӯши ту.

Махзани илму фану шеъру сухан,
Машъали Шарқи куҳан гардидаӣ.
Рафта ному шӯҳратат то дури дур,
Боиси фахри Ватан гардидаӣ.

Пойтахти мо Душанбеи азиз,
Шаҳри бахти мо Душанбеи азиз!

## ЗИНДАГӢ ТО ҲАСТ
## ДАР РӮИ ЗАМИН

Мо кунун дар рӯзи фирӯзи зафар
Рӯзи иди халқи пуршони Ватан,
Сар фуруд орем бо сад эҳтиром
Дар сари қабри шаҳидони Ватан.

Ҷон фидо карданд онҳо бедареғ
Баҳри хушбахтию озодии халқ,
Ҳамчу мерос аст аз онҳо ба мо
Ин ҳаёт, ин хонаободии халқ.

Ҷонфишониҳои аҷдодони мо
Баҳри моён мактаби мардонагист.
Мо сабақ гирем аз онҳо дар ҳаёт, –
Мурдан андар роҳи кишвар зиндагист.

Зиндаанд онҳою бо мо меравандд
Ҳар нафас сӯи зафарҳои навин.
Не, намемиранд онҳо ҳеҷ гоҳ,
Зиндагӣ то ҳаст дар рӯи замин!

## ХУШ БИМОН

Соф кардӣ қарзи худ дар назди таърихи башар,
Хайр, эй соли куҳан.
То ҳамин ҷову ҳамин дам буд туро роҳи сафар,
Хайр, эй соли куҳан.
Вақташ омад, ки диҳӣ ҷои худ акнун бар дигар,
Хайр, эй соли куҳан.
Интизорӣ мекашад соли навин дар пушти дар,
Хайр, эй соли куҳан.

Тай шуда як қисми роҳи корвони умри ман,
Бо ту, эй соли куҳан.
Хонда шуд боби наве аз дастони умри ман,
Бо ту, эй соли куҳан.
Хушк шуд як қатраи оби равони умри ман,
Бо ту, эй соли куҳан.
Канда шуд як ахтаре аз осмони умри ман,
Бо ту, эй соли куҳан.

Заҳмати шоён намуда мардуми дилшоди ман,
Ҳар шабу ҳар рӯзи ту,
Кард боз ободтар ин кишвари ободи ман
Ҳар шабу ҳар рӯзи ту,
Бар Зафар наздик шуд халқи зафарбунёди ман,
Ҳар шабу ҳар рӯзи ту,
Сабз гардид андак-андак нахли истеъдоди ман
Ҳар шабу ҳар рӯзи ту.
Хайр эй соли куҳан, ёдат бахайр!

## ШУКРОНАИ ДИЛ

Шабҳо чу булбул афғон
Мастона мекунад дил.
Рози ниҳони моро
Афсона мекунад дил.
Дар оташи ниҳонаш
Сӯзонда ҷисму ҷонаш,
Охир сарои худро
Вайрона мекунад дил.

Дар роҳи ишқи ҷонон
Ҷонро намуда қурбон,
Аммо дуои ҷони
Ҷонона мекунад дил.

Бо он ҳама азобаш,
Ғамҳои беҳисобаш,
Умре зи ҳастии ишқ
Шукрона мекунад дил.

## АЗИЗАМ ИН ЧӢ РАФТОР АСТ

Диламро не зи худ ронӣ,
Маро не назди худ хонӣ,
Ба обу оташам монӣ,
Азизам, ин чӣ рафтор аст?

Равӣ не аз хаёли ман,
Напурсӣ на зи ҳоли ман.
Ҷавобе бар суоли ман,
Азизам, ин чӣ рафтор аст?

Ба сад фикру умеди нек
Ба ту хоҳам шавам наздик,
Ту ҷӯӣ дурӣ аз ман лек,
Азизам, ин чӣ рафтор аст?

Нигоҳи чашми ҷодуят
Ҳамеша хонадам сӯят,
Забонат акси он гӯяд,
Азизам, ин чӣ рафтор аст?

## ИШҚ

Табрик бодат, эй дил,
Ин оташи ҷигарсӯз –

Бар шоми тори сина,
Хуршеди оламафрӯз.

Бар ҳар даре наоянд
Ин пири бахти фирӯз,

Пои муборакашро
Шукрона карда мебӯс,

Ки қиммате надорад
Бе шамъ ҳеҷ фонус.

# ҚАТРАҲО

Ёро, рули гулгуни ту гулгунтар бод,
В-аз сеҳри нигоҳат дилам афсунтар бод.
Гар ишқ гуноҳ аст, гунаҳ дар олам,
Ҳар лаҳза гуноҳи манат афзунтар бод.

* * *

Баъди сад неш аҷаб нӯшам шуд,
Дар бағал сарви қабопӯшам шуд.
Бо ҳама неку бади хеш ҷаҳон,
Гӯиё ҷой дар оғӯшам шуд.

* * *

Эй дил, бубин он чӣ ки надидаст касе,
В-он гӯ, ки дар умраш нашунидаст касе.
Рӯ ҷониби қуллаи наве рав, ки ба он
Кӯшидаву аммо нарасидаст касе.

* * *

Як умр, дило, равон ба пои худ бош,
Худ дар пай ҷустуҷӯи ҷои худ бош.
Бигрез, зи ёрии ғаразолуда,
Худ қисмати худ кушо, Худои худ бош.

* * *

Дар омади бахтат марав аз хеш, дило,
Панҳон пай ҳар нӯш бувад неш дило.
Ҳарчанд ки дасти ту дароз аст, дароз,
Аз кӯтаҳии забон бияндеш, дило.

* * *

Нишони мардӣ аз номард ҷустан,
Ба кас ҳамдардӣ аз бедард ҷустан,
Бувад дар чиллаи фасли зимистон,
Ҳарорат аз танӯри сард ҷустан.

* * *

Аз гапи талх дил озурда шавад,
Нарди сармозада пажмурда шавад.
Ҳар куҷо теғи забон тез макун,
Ханҷар аз тезкунӣ хӯрда шавад.

* * *

Зинҳор макун кӯр пай пои касе,
Худ ҷои худат ҷӯ, маталаб ҷои касе.
Бо амри дили хеш ҷавонмаргӣ беҳ,
Аз он ки зиҳӣ дер ту бо рои касе.

* * *

Ҳаққи кас не, ғами кас бояд хӯрд,
Моли кас не, дили кас бояд бурд.
Хоҳӣ умри ту бигардад ҷовид,
Баҳри беҳбуди кас, он бояд мурд.

* * *

Эй он ки шавӣ шод зи ғамҳои касон,
Рав бори касон каш, чӣ кашӣ пои касон.
Як лаҳза тасаввур кун агар инсонӣ,
Худро, ки ғаме надорӣ, дар ҷои касон.

# Т А Р Ҷ У М А Ҳ О

***И.А.Крылов***

## ШЕР ВА РӮБОҲ

Рӯбаҳе шерро надида буд ҳаргиз,
Бори аввал ба ӯ чу рӯ ба рӯ омад,
Ҳайбаташ дидаву ба даҳшат афтода,
Ҷонакаш аз ҳарос бар гулӯ омад.
Баъди чанде дубора ногаҳон рӯбоҳ
Дар сари роҳи худ дучор шуд бо он,
Шер бо шериаш валек бар рӯбоҳ
Даҳшатовар натофт ин сафар чандон.
Баъд аз ин боздидҳои такрорӣ
Аз дилаш ҳисси тарсу бим ғоиб шуд,
Бори сеюм гоҳи вохӯрӣ, ҳатто
Назди шер омаду ба ӯ мусоҳиб шуд.

* * *

Бо касе то даме шинос мегардем,
Мо аз он шахс бо ҳарос мегардем.

## МУШ ВА КАЛЛАМУШ

Бигуфто Муш шодон Калламушро
«Шунидӣ ту навиди шодмонӣ?
Ба чанги шер афтодаст Гурба,
Кунем осуда акнун зиндагонӣ».
Ҷавобаш дод бар Муш Калламуш нарм,
«Махезон чанг пеш аз пода, эй ҷон,
Бувад беҳуда ин хурсандии ту
Макун бовар ба ҳарфи ҳарзагӯён!
Ба чанги тези Гурба чун хӯрад шер,
Зи сад як ҷон саломат кай барад шер?
Ба назди Гурба охир шер худ кист?
Зи Гурба зӯртар даррандае нест!».

* * *

Ҳазорон бор санҷидам ман инро;
Битарсад буздиле гар аз ягон кас,
Гумон дорад, тамоми аҳли олам
Бувад оҷиз чу ӯ дар назди он кас.

## АЗ ШОИРОНИ ӮЗБЕК

***Рустам МУСУРМОН***

### ДИЛ

Дар синаам дили ман
Ҳамчун саманди маст аст.
Майдонталошу бебок,
Дашту даманпараст аст.

Аз чашми моҳрӯён
Бошад фақат ғизояш,
Ман донаму худи ӯ
Мақсуду муддаояш.

Осудагӣ надонад
Як лаҳза ҳам самандам.
Наздики худ намонад,
Нагзорадам, ки бандам.

Бандӣ будан нахоҳад
Дар ғори синаи ман.
Аз сумми ӯ фурӯ рехт
Девори синаи ман...

Донам яқин, ки рӯзе
Тобеи кас шавад ӯ?
Бо шаҳсавор ҳуре
Аз синаам равад ӯ.

Он гаҳ ману пиёда
Аз оқибаш давидан.
Умре накарда дарёб,
Ранҷу ғамаш кашидан.

## БАНДӢ

Мезанад мушт бар дари сина,
Мезанад мушту мекунад фарёд:
– Во кунед, охир, ин дари зиндон,
Дод аз дасти бандагӣ, сад дод!

Мешиносам садои қалби хеш,
Раҳмам ояд ба ҳоли зори дил.
Нағз донам, ба мурғаки хушбол
Зистан дар қафас бувад мушкил.

Ин дили сода лек кай донад,
Ки бувад чор сӯ пур аз раҳзан –
Раҳзанони қашангӣ шаҳрошӯб,
Хушгилу шӯхчашму симинтан.

Гар раҳо созаму барорад дил
Сар бурун як нафас зи синаи ман,
Мебарандаш ба як нигоҳу адо
Пой дар банду банд дар гардан.

Баъди ин ӯ фақат ҳамефаҳмад
Бандагӣ чисту ғуссаву шодӣ.
Баъди ин ӯ фақат ҳамефаҳмад
Сина будаст дайри озодӣ...

## ЗИМИСТОН

Бору будаш гирифта
Чун рафт тирамоҳон,
Ояд ба ҷои ин фасл
Фориғмасал зимистон.

Бо шаст дар кушода
Дохил шавад ба ҳар ҷой,
Бар хонаҳо дарояд,
Бо мӯзаи пури лой.

Оби равон, ки беист,
Ҷорист ҷониби пеш,
Шаб роҳи худ надида
Пӯшад яхайнаки хеш.

## ФАСЛИ ХАЗОН

Аз сайри боғ ин дам,
Озурда мешавам ман,
Аз ҳолати малулаш
Афсурда мешавам ман.

Барги хазон, ки хуфта
Бо ранги заъфарон аст,
Рӯяш қадам ниҳодан
Бар ман басо гарон аст.

Ҳар гом аз таги по
Савти ҳазин барояд.
Гӯё ки аз дили хок
Оҳи замин барояд.

Бар рӯи зарди онҳо
Вақте қадам ниҳам ман,
Бар модарони онҳо
Посух чиҳо диҳам ман?

З-ин баъд чун бубинам
Бар нахлҳои урён,
Бар модарони гирён,
Бар синаҳои бирён...

## БОЗГАШТ

Ба мисли ҷӯраҳои даври тифлӣ
Ба китфам монда дасти худ дарахтон,
Намояд баччагӣ наззора аз дур
Чу духтарҳои деҳ сӯям ба армон.

Бипартоянд боло тоқии худ
Бараҳна баччаҳои шӯху беғаш.
Намояд кӯча баҳрам пойандоз
Ҳазорон кӯлмакҳои пуробаш.

Ҳама ин манзару ин ҳолу аҳвол
Занад бар синаи пурдарди ман тир.
Намак пошида бар доғи куҳан боз,
Намояд бештар озурдахотир.

Маро пайроҳа хонад сӯи хона,
Навозад боди форам мисли хоҳар.
Биғуррад раъд монанди дадоям,
Бибӯсад аз сарам борон чу модар.

## ГУЛ КОРАМ

Гул кораму гул корам,
Дунё бишавад гулзор.
Ҷон дар қадамаш дорам
Дилдор шавад то ёр.

Ӯро ки қаландар ман,
Ӯро ки самандар ман.
Турми дари ям ман,
Бо ҷон харамаш бозор.

Меҳри фалаки маҳ ӯ
Ҳури малак маҳ ӯ
Ҳусни намаки маҳ ӯ,ӯ.
Озори дили ғамдор.

Сарву гули боғам ӯ,
Гулнури чароғам ӯ,
Ояд ба суроғам ӯ,
Сар гӯ, ба қадам биспор.

Гул кораму гул корам,
Дунё бишавад гулзор.
Ҷон дар қадамаш дорам
Дилдор шавад то ёр.

## **ҚАТРАҲО**

1

Дар ин дунёи панду ҳикматомӯз
Дило, танҳо чароғи некӣ афрӯз.
Кафонад баъди умре ҳам сареро
Ҳамон санге, ки андозанд имрӯз.

2

Ҳар киро, ки ба ҷаҳон коре ҳаст,
Ғуссаву доғу гирифторӣ ҳаст.
Ғунчаро низ бад-ин хандонӣ
Дар дил аз хори бар озоре ҳаст.

3

Дерест, ки дар синаи ман ҳуре ҳаст,
Аз тоби ҷамоли ӯ ба дил нуре ҳаст.
Ошуфтагиям дида аҷаб манмоед,
З-ин ҳуру аз ин нур ба сар шӯре ҳаст.

4

Вафоюини бе макру фанам ман,
Саропо нору нуру рӯшанам ман.
Аё олудадил, аз ман бипарҳез,
Ду дунёи туро оташ занам ман.

5

Бикан, ҷаллодам, аз ман чашми мастат,
Ки метарсам зи теғи хунпарастат.
Макуш беҳуда морову маёлой
Ба хуни ин дили бечора дастат.

6

Ба ҷон омад дил аз макру фани ӯ,
Парам охир чу мурғ аз гулшани ӯ.
Биё, сар дар барам нех̣, беди маҷнун,
Ки ман ҳамчун туям, ҳамчун манӣ ту.

7

Дигар қавли ту хоки роҳро монад,
Зи сардӣ офтобат моҳро монад.
Туро бар осмон бардоштам гуфтӣ,
Валекин осмонат чоҳро монад.

8

Ба сахтӣ қалби ту шахро бимонад,
Зи сардӣ, беҳисӣ яхро бимонад.
Вале аз оҳам андеш, эй яху санг,
Ки оҳам нори дӯзахро бимонад.

## МУНОҶОТ

*«Худои ту худои ман низ бувад...»*

Зи ишқ аст ин маломатсории ман,
Зи дида ашки ҳасратбории ман.
Ҳама ошуфтагӣ, шӯридагиҳо,
Фасона гаштани ман, хории ман.

* * *

Сияҳбахтем, дарди мо даво кун,
Зи мо иблисро, ё раб, ҷудо кун.
Ба мо пайвастӣ ӯро, дар қиёмат
Чӣ мегӯем, худ тадбири мо кун.

* * *

Пур аз айбу гунаҳ бошад вуҷудам,
Сияҳолуда шуд буду набудам.
Нагардад ҷонамози пок то ғаш,
Гузаштам дигар аз баҳри суҷудам.

* * *

Намешуд талх агар, «хун» менагуфтанд,
Набошад пасткаш, «дун» менагуфтанд.
Агар медошт дунё қимати ҷав.
«Ду-се рӯз аст, хап кун», менагуфтанд.

* * *

Ба чашмонам биёву бар вуҷудам,
Ба роҳат рӯзу шаб андар суҷудам.
Бубастам чашми худ аз кулли дунё,
Дари дилро ба рӯи ту кушудам.

* * *

Бисӯзам рӯзу шаб дар орзуят,
Ниҳонӣ саҷдаҳо орам ба кӯят.
Кашад аз доманам дил сӯят, аммо
Куҷо рӯе, ки оям рӯ ба рӯят.

* * *

Надорам гарчи тоби дидани ту,
Битарсам гарчи аз шӯридани ту,
Вале тарсонадам аз ин ҳама беш
Хамӯшиву сукут варзидани ту.

* * *

Агар бинӣ, ки чашмам нам набошад,
Мапиндорӣ, ки дилро ғам набошад.
Бихоҳам гирямат, лек оташи дил
Зи нори дӯзах асло кам набошад.

* * *

Агарчанде азобам додӣ, эй дил,
Азоби беҳисобам додӣ, эй дил,
«Чӣ дидӣ?» – гӯӣ, гӯям «Хоб дидам:
Ба гулбоғе гулобам додӣ», эй дил.

* * *

Шинондам дасти худ – гул шуд ҳамоно,
Бикиштам дидаам – шуд кӯлу дарё.
Чу номат бар забон овардам имшаб,
Ҷаҳон дил шуд, ҷаҳон дил шуд саропо.

## БО ХАЁЛИ ТУ

Шаби ҳиҷрон буду
Ман будаму
Фикру хаёли ту.
Ба пеши дидагонам ҷилвагар фикру хаёли ту.
Ба дастат буд мурғи бахт,
Дар китфат кабӯтар буд.
Ҳама атроф гулзору муаттар буд.
Ба пеши пои ту хайли ғизолон
Ситода ҳамчу чокар буд.
Туро бар сар чӣ зебо, чанбари гул буд,
Танинандоз ҳар сӯ савти булбул буд.
«Туро ман ошиқам, эй моҳрӯ» – гуфтам.
Давон омад ба сӯям тойи масте.
аз куҷову
«Бас, дигар чизе магӯ»! – гуфтам.
Фуруд омад чу шоҳин барқ аз тори фазо бо шаст,
Зи дасту пои ман дар роҳ маҳкам баст.
Ва раҳ... бар раҳ даромад зуд...
Лаби кӯле бибурдам, ки аҷаб ҷо буд,
Чу ашк обаш мусаффо буд.
Ва ҷои оббозии ҳама ҳуру малакҳо буд.
Ҳаво додам ба кӯлу гуфт, ки:
Айши мудом ин ҷост, ком ин ҷост.
Биҳишти бемисол ин ҷост,
Бахти безавол ин ҷост.
Макони гулрухони шӯхшанги
Қаднихол ин ҷост,
Ҳусн ин ҷо, ҷамол ин ҷост.
Макун фикру хаёли ҷои дигар,

Набошад беҳ аз ин маъвои дигар.
Агар бар ҳар кадоме майл дорӣ,
Бикун, ҳар қадр хоҳӣ, дӯстдорӣ.
Чу дар афсона зӣ, шоҳона зӣ, гуфт.
Зи ғам бегона зӣ, упариён,
Шаҳони бар гадоят муштариён,
Ба гирду пеши банда ҳалқа бастанд,
Чу ҷон дар рӯ ба рӯи ман нишастанд.
Ва ҳар як бо камоли ишваву ноз,
Ба лаҳну шеваи чашмони ғаммоз,
Маро хуш кун, зи ман беҳ нест, мегуфт,
Ҳама ин пеши ҳуснам чист, мегуфт.
Вале ман з-он ҳама соҳибҷамолон –
Ба шахси бандаи ту дилкашолон,
Ба амри ин дили баҳри ту нолон
дида бастам,
Зи нав банди хаёли ту нишастам...
...Ба дастат буд мурғи бахт,
дар китфат кабӯтар буд.
Ситода гирди ту хайли ғизолон
Ҳамчу чокар буд.

## ОРЗУИ ШИРИН

Дар чарогоҳи уфуқ,
Дар алафзори адир,
Модагов андар чаро,
Синааш лабрези шир.

Бетанаффус гул ба гул
Шабпаракҳо мепаранд.
Нақши рангинболашон
Чашму дилро мебаранд.

Наварӯсе нозанин
Шишта танҳо кунҷи ғам,
Сина моломоли дард,
Нола дорад бо алам:

– Модагово, кун дуо,
То ки обистан шавам.
Ронда ҷаври модарӣ,
Баъд беармон равам.

Мерасад маъоси гов
Бар арӯсон чун навид.
Табъашон рӯшан шавад,
Қалбашон пур аз умед.

Баъд бинанд айни субҳ
Хоби ширини аҷиб:
Сӯяшон гардад дароз
Дастчекои базеб...

## НАХОҲАМ ЗИНДАГОНӢ

Фурӯ рез аз сарам чун барфу борон,
Ба як бор, эй балои ногаҳонӣ.
Зи ман рӯ тофт ин сангиндили ман,
Намехоҳам дигар ман зиндагонӣ.

Ба қаъри бетаги худ бар фурӯям,
Ту эй дарё, ки бо даҳшат равонӣ.
Зи ман рӯ тофт он сангиндили ман,
Намехоҳам дигар ман зиндагонӣ.

Шикоф ин синаву хокистарам кун,
Аё эй барқ – теғи осмонӣ.
Зи ман рӯ тофт он сангиндили ман,
Намехоҳам дигар ман зиндагонӣ.

Гулӯямро фишор, эй ҳалқаи дор,
Халосам кун зи ранҷи ҷовидонӣ.
Зи ман рӯ тофт он сангиндили ман,
Намехоҳам дигар ман зиндагонӣ.

Маро дар коми худ баркаш ту, эй хок,
Намо як бор лутфу меҳрубонӣ.
Зи ман рӯ тофт он сангиндили ман,
Намехоҳам дигар ман зиндагонӣ.

Аҷал, биштоб, таъхир, охир, аз чист?
Ситон зуд аз ман ин ҷони ҷавонӣ.
Зи ман рӯ тофт он сангиндили ман,
Намехоҳам дигар ман зиндагонӣ.

## ИЛОҶЕ КАРДА...

Илоҷе карда аз дай мегузаштем...
Ба истиқбол меомад баҳорон.
Илоҷе карда аз дай мегузаштем...
Дигар мегашт вазъи рӯзгорон.

Ба даври лолаву гул, ки расидем,
Шифо меёфт дарду доғи дилҳо.
Паси сар карда сармову карахтӣ,
Шукуфон мешуд аз нав боғи дилҳо.

Ҳама ин ранҷу сахтии зимистон
Фаромӯш оқибат аз ёд мешуд.
Умеду орзуҳо зинда гашта,
Ҳаёту зиндагӣ обод мешуд.

Илоҷе карда аз дай мегузаштем...
Илоҷе карда аз дай мегузаштем...

## АЗ ГАҲВОРА ТО ТОБУТ

Шармида шудам тавлид,
Шармида нафас гирам.
Шармида зиям умре,
Шармида ҳамемирам.

## ҲАНГОМА

Харсавор ояд ҳар рӯз
Қобилбобои айёр.
Исту бисти ӯ шӯхӣ,
Қиссаҳояш ширадор.

Дар чойхона з-ин рӯ
Дорад ҳама ӯро дӯст.
Дар байни қартабозон
Гули сари сабад ӯст.

Ҳуши ҳарифон бурда
Бо қиссаҳои аҷиб.
Бар ҳар кадоми онҳо
Ғолиб ояд бо фиреб.

Имрӯз ҳам ду-се тан
Нарғӯли гӯли сода
Бо ҷайби холӣ монданд
Пулҳоро бой дода.

Ҳамин ки бозӣ сар шуд,
Шуд нақли ӯ ҳам оғоз.
Дурӯғу рост сар кард
Дода суханро пардоз:

– Боре гузашта, гӯед,
Аз зардулозори бой,
Баромадам бо азоб
Болои девори бой.

Аз баски буд дурахшон
Дар само моҳи мунир,
Ҳаво хунук буд, аммо
Рӯшан буд монанди шир.

Сонӣ...
– Ҳа, сонӣ чӣ шуд,
Будед тори девор? –
Мепурсиданд аз ӯ
Ҳарифони беқарор.

– По монда фуромадам
Сонӣ ба китфи шамол. –
Баръакс чоли айёр
Медод гапро кашол. –

Назар кардам ба атроф,
Бинам, ҷим-ҷит ҳама ҷой.
Дар ҳавлӣ фақат гаштаст
Духтари хурдии бой.

Хиромиданаш чун кабк,
Қоматаш мисли ниҳол.
Лаби нозукаш – ғунча,
Чашмонаш – чашми ғизол.

Нигоҳаш мисли оташ,
Зулфи печонаш – сунбул.
Абрӯвонаш чун камон,
Рухсори базебаш – гул.

Намешуд чашмонам сер,
Аз ҳусни чун маҳтобаш.
Ҷонам қариб барояд
Аз шавқу изтиробаш.

Рафта пеши ӯ наздик,
Зери лаб гуфтам базӯр:
«Ваҳ, шумо чӣ сон зебо,
Чашми бад, илоҳо дур.

Аввал ӯ маро дида
Андак дасту по гум кард.
«Аз куҷо пайдо шудед?» –
Гуфта пас табассум кард.

Гуфтамаш: «Маро овард
Шавқи дидори шумо.
Садди роҳи ман нашуд
Ҳатто девори шумо».

Сонӣ... сонӣ... Ҳой Собир,
Қатраҳоро бикаш соз!
Шутур додӣ бой оё,
Ки дорӣ ҷаҳлу ароз?!

Сонӣ... сонӣ... қапидам
Аз банди дастони ӯ –
Дастони аз табу тоб
Чун оташ тасфони ӯ.

– Ҷаҳли додоям тез аст, –
Тарсонидам ӯ бо ноз, –
Дастонамро надоред,
Дида намонад ӯ боз.

Вале ман дастонашро
Мустаҳкамтар қапидам.
Лаб бар лабаш ниҳода,
Сахташ ба бар кашидам.

Сонӣ кашола кардам
Ӯро ба кунҷи хилват.
Шукрона карда сад бор
Аз тақдиру аз қисмат.

Сонӣ...
– Сонӣ чӣ, бобо?
Ӯро ба хилват бурдед?
– Сонӣ... ҳамаи шумо
Тушбера хом шумурдед.

Ана дар ҳамин дам дошт
Касе аз ду бозуям.
Дасти дигари пурзӯр
Буғӣ кард аз гулӯям.

Ончунон латам карданд
Маҳкам баста даҳонам,
Гумон кардам, ки бишкаст
Тамоми устухонам.

Бинам, будаанд онҳо
Бою чандин хизматгор.
Фаҳмидам ман, ки дигар
Гузашта кор аз кор...

Мулло оварда онҳо
Карданд моро никоҳ.
Ҳамин сон бо ҳам шуд ҷуфт
Ду сари пур аз гуноҳ.

Ғун карда ақлу ҳушам
Як маҳал созам назар,
Куртаи келин аз пеш
Метобад дигарсонтар.

Ишками арӯси нав
Яъне хеле дамида...
Дил пури алам, аммо
Хап кардам ман тарсида.

Сонӣ...
– Сонӣ чӣ, бобо?
Тарсида хап истодед...
Ҳама пулам адо шуд,
Андак қарзам медодед.

– Рӯзи тӯи арӯсӣ
Сонӣ... худо ба мо дод:
Аз чодар шуд шунида
Овози тифли навзод.

Як замоне ҳамин хел
Шуд бо ман кори аҷиб.
Шумо шавед эҳтиёт
Чун ман нахӯред фиреб.

Қобилбобои айёр
Бо бӯи қиссаи худ
Содаҳоро дода фанд,
Пур кард киссаи худ.

* * *

Хона ба хона рафтанд
Нарғӯлҳо пасу пеш.
Назар бо шубҳа карданд
Ба куртаи зани хеш...

МУНДАРИҶА

Б.Мақсудов. Виқори шеър. ................................ 3
Шеърҳо ....................................................... 13
Ғазалҳо ....................................................... 83
Сурудҳо ...................................................... 151
Қатраҳо ...................................................... 160
Тарҷумаҳо .................................................. 162

**Нозирҷон Боҳирӣ**

**ОТАШИ ОБДОР**
*(Шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш: *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ: *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчин: *Шамсия Мирзоева*

Ба матбаа 29.06.2010 супурда шуд. Чопаш 02.07.2010 ба имзо расид.
Андозаи 84x108 1/32. Ҷузъи чопӣ 5,75. Адади нашр 1000 нусха.
Супориши 28 «а».

Муассисаи ншриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а

Дар матбааи ҶДММ «Комрон+П» ба чоп расидааст.
Душанбе, кӯчаи А.Қаҳҳоров, 111А